**Information about the author:** ***Kholnazarzoda Shams Islom*** - Institute of philosophy, policy and law by name A.M. Bahovaddinova Academy sciense of Republic of Tajikistan, competitor. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33.. Phone: **917-33-36-03**

**УДК: 343 (575.3)**

# ҶАЗОҲОИ ИЛОВАГӢ ВА БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ТАЪЙИНИ ОН БАРОИ ҶИНОЯТҲОИ АЛОҲИДА ВА МАҶМӮИ ҶИНОЯТҲО МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Абдуллозода Ҷ.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мавҷудияти мушкилоти иҷтимоӣ ва афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки ҷустуҷӯи тадбирҳои самарабахши ҳуқуқӣ - ҷиноятӣ бар зидди шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, идома дода шаванд. Баръало муайян гаштааст, ки пурзӯр намудани ҷазоҳои асосӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои асосии ҷомеа, яъне паст кардани сатҳи ангезаҳои ҷиноятӣ оварда намерасонад.

Усулҳои самарабахши ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баҳри бартараф намудани ҷиноят у

ҷинояткорӣ дар он ҳолат натиҷаи дилхоҳро ба бор меоваранд, ки агар онҳо дар чаҳорчӯбаи принсипи фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо, ки риояи он ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд.

Яке аз воситаҳои фардикунонии ҷазо, ин дар баробари ҷазои асосӣ дар як маврид ва дар ҳолатҳои пешбинамудаи қонун нисбати шахсе, ки ҷиноят содир намудааст, таъйин намудани ҷазои иловагӣ мебошад [1].

Мафҳуми ҷазоҳои иловагӣ гарчанде ки дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ дарҷ нагардида бошад ҳам, танҳо дар тафсир ба КҶ ҶТ бо чунин тарз инъикос ёфтааст, яъне ҷазоҳои иловагӣ он ҷазоҳоеро меноманд, ки ба сифати ҷазои мустақил таъйин карда нашуда, онҳо ҳамчун ҷазои иловагӣ якҷоя бо дигар намуди ҷазои асосӣ татбиқ карда мешаванд [2, с.114].

Тавре М.И.Бажанов қайд менамояд, ҷазоҳои иловагӣ яке аз воситаҳои асосии самарабахши пешгирии хусусӣ ва умумӣ буда, принсипи фардикунонии ҷазоро дар ҳуқуқи ҷиноӣ таъмин менамоянд [3, с.103]. Ва дар ҳолати аз ҷониби шахс содир гардидани маҷмӯи ҷиноятҳо имконият медиҳанд, ки ба раванди таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба тавре таъсир расонанд.

Ҷазоҳои иловагӣ чораи иловагии маҷбуркунии давлатӣ буда, бо ҳукми суд таъйин карда шуда, ба ҷазои асосӣ нисбати шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, илова гардида, ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шахс ва таъсир расонидан ба рӯҳияи психологии маҳкумшуда равона карда шудаанд [4].

Мафҳуми ҷазоҳои иловагиро олими дигар рус А.Л. Светинович ба таври муфассал шарҳ додааст, ки ба ақидаи олим ҷазоҳои иловагӣ - чораи иловагии маҷбуркунии давлатие мебошанд, ки барои фардикунонии ҷавобгарии ҷиноятӣ, истифодаи он аз ҷониби суд илова ба ҷазои асосии барои ҷинояти содиршуда равона гардида, дар ҳамбастагӣ бо он як ҷазои маҷмӯиро барои ноил шудан ба ислоҳ ва тарбияи маҳкумшуда, пешгирии содир намудани ҷиноятҳои нав аз ҷониби ӯ ва аз ҷониби шахсони дигар бо тарзи таъсиррасонии интихобӣ ба паҳлуҳои гуногуни шахсияти маҳкумшуда мефаҳмонад [1], ки мо низ ҷонибдори ақидаи ин олим мебошем.

Ба андешаи муаллиф, ворид намудани мафҳуми ҷазоҳои иловагӣ дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ ва ё лоақал дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои таъйини ҷазоҳои иловагиро ба танзим медарорад, ҷоиз ва манфиатбахш мебошад.

Дар қонунгузории ҷиноятӣ мақсад ва вазифаҳои ҷазоҳои иловагӣ муайян карда нашудаанд. Аз ин хотир дар адабиётҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дарҷ гардидааст, ки мақсади ҷазои асосӣ ва ҷазои иловагӣ ягона мебошанд. М.Д. Шаргородский қайд менамояд, ки ҳама намуди ҷиноятҳои мушаххаси вориди системаи ҷазо аз якдигар бо натиҷаҳояшон, ки дар назди онҳо вогузор шудааст, фарқият надошта, балки онҳо бо воситаҳои расидан ба ҳадафашон фарққунанда мебошанд. Ҳамчунин И.М. Галперин ва Ю.Б. Мелникова низ тасдиқ менамоянд, ки «худ ба худ истифода намудани як намуди ҷазо новобаста аз оне, ки он ба сифати ҷазои асосӣ таъйин шудааст ва ё иловагӣ, наметавонад таъсирбахш бошад» [5, с.90].

Ҷазоҳои иловагӣ дар қонунгузории ҷиноятии тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ низ пешбинӣ гардида буданд. Дар ҳуқуқи ҷиноятии ҶТ низ он дар баробари дигар давлатҳо тағйиротҳои муҳимро паси сар намудааст, ки маҳз ҳамин сабаби асосии дасткашӣ аз ҷой намудани баъзе аз онҳо дар қонунгузории ҷиноятӣ гардид.

Бо мурури замон бо қабул гардидани КҶ ҶТ дар санаи 21 майи соли 1998 ба қонунгузории ҷиноятӣ ҷазоҳои иловагии нав ворид гардиданд. Акнун мувофиқи м. 48 КҶ ҶТ таҳрири соли 1998 ба сифати ҷазоҳои иловагӣ 1) ҷарима; 2) маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян; 3) маҳрум кардан аз рутбаи махсус, ҳарбӣ, рутбаи дараҷавӣ ва мукофотҳои давлатӣ, 5) мусодираи молу мулк пешбинӣ шуда буданд.

Танҳо ҷазоҳои ҷарима ва маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, ҳам ба сифати ҷазои асосӣ ва ҳам ба сифати иловагӣ таъйин карда шуда, маҳрум кардан аз рутбаи махсус, ҳарбӣ, рутбаи дараҷавӣ ва

мукофотҳои давлатӣ, инчунин мусодираи молу мулк танҳо ба сифати ҷазои иловагӣ таъйин мешаванд. Дар ин маврид ҷазои иловагии таъйиннамудаи суд аз ҷазои асосӣ сахттар буда наметавонист [6, с.19-20].

Ҷазоҳои иловагии қаблан мавҷудбуда ба мисли маҳрум кардан аз ҳуқуқи падару модарӣ, бемузд гирифтани воситаи нақлиёте, ки моликияти шахсӣ ба ҳисоб мерафт, бадарға ба ҷойи муайян, бадарға аз ҷойи муайян, вогузории таллофи намудани зарари расонидашуда ва аз вазифа озод намудан, дар қонунгузории ҷиноятии навин ҷойи худро наёфтанд.

Ҷарима ҳамчун ҷазои иловагӣ чораи маҷбуркунии давлатие мебошад, ки бо ҳукми суд нисбати шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор илова ба ҷазои асосӣ таъйин гардида, шахси гунаҳгорро уҳдадор менамояд, ки маблағи муайяни пулиро дар муҳлати муқарраргардидаи қонун ба фоидаи давлат пардохт намояд.

Мақсаднок будани таъйини ҷарима ҳамчун ҷазои иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки он ба поймол намудани манфиатҳои моддии маҳкумшуда бо ҷазои асосӣ таъсири иловагӣ расонида, ба маҳдуд кардани ҳуқуқҳои моддӣ якҷо набуда, ба шароит барои барҳамдиҳии рафторҳои ғаразноки маҳкумшуда ва барқарор намудани адолати иҷтимоӣ равона карда шудааст.

Тибқи талаботи қ. 5 м. 48 КҶ ҶТ ҷаримаро ҳамчун ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолатҳое, ки бевосита дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, таъйин намудан мумкин аст.

Бояд ёдовар шуд, ки ҷарима ҳамчун ҷазои иловагӣ танҳо дар ду моддаи КҶ ҶТ -яке дар қ. 2 м. 259 ва дар қ. 2 м. 128 пешбинӣ шудааст.

Агар ҷарима ба сифати ҷазои асосӣ чи барои ҷиноятҳои қасдан ва ё аз беэҳтиётӣ содиршуда пешбинӣ шуда бошад, ба сифати ҷазои иловагӣ танҳо барои ҷиноятҳои қасдан содиршуда пешбинӣ гардидааст.

Ҷарима ба сифати ҷазои иловагӣ дар санксияи моддаҳои ҳамин Кодекс асосан дар якҷоягӣ бо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ва дар мавриди дуюм бо ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян пешбинӣ шудааст.

Дар қ. 2 м. 49 КҶ ҶТ пешбинӣ гаштааст, ки ҷарима ба маблағи аз сад то бисту як ҳазору нуҳсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар вақти содир шудани ҷиноят амал мекард, таъйин карда мешавад. Аммо қонунгузории ҷиноятии ҶТ нисбати ҷазои иловагии ҷарима андозаи онро маҳдудият нагузоштааст, ки он ба сифати ҷазои асосӣ таъйин карда мешавад, ё ба сифати ҷазои иловагӣ. Лекин дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс чунин маҳдудиятҳо ба назар мерасанд, зеро дар санксияи ду моддаи КҶ ҶТ ҷарима ба сифати ҷазои иловагӣ пешниҳод карда шудааст, ки андозаи он аз 1000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо мутаносиби 50000 сомонӣ зиёд нест.

Агар дар КҶ ҶТ андозаи поёнӣ ва болоии ҷарима ҳамчун ҷазои иловагӣ пешбинӣ мегардид, аз манфиат холӣ намебуд, чунки ҳангоми таъйини он ба мушкилӣ оварда намерасонид.

Аз ин лиҳоз ба қ. 2 м. 49 КҶ ҶТ тағйироти зерин пешниҳод карда мешавад:

-ҷарима ба сифати ҷазои иловагӣ ба андозаи аз сад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар карда мешавад.

Ҳамчунин пешниҳод карда мешавад, ки қ. 3 м. 49 КҶ ҶТ ба таври зерин мукаммал карда шавад:

-ҷарима ба сифати ҷазои иловагӣ дар ҳолати маблағи зарурии пардохти он ё молу мулке, ки ба он рӯёниш нигаронида шавад надоштани маҳкумшуда таъйин карда намешавад.

Аз рӯйи муқаррароти қ. 5 м. 48 КҶ ҶТ фаҳмидан мумкин аст, ки ҷаримаро ҳамчун ҷазои иловагӣ танҳо дар ҳолате таъйин кардан мумкин аст, агар он бевосита дар санксияи моддаҳои КҶ ба сифати ҷазои иловагӣ пешбинӣ шуда бошад, аммо дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳое зиёде вомехӯранд, ки ин муқаррароти қонун аз ҷониби судяҳо мадди назар карда шуда, ба маҳкумшудагон ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо, бар замми ҷазои асосӣ ҳамчунин ҷазои иловагӣ дар намуди ҷарима, ки он дар раводиди модда ҳамчун ҷазои иловагӣ пешбинӣ карда нашудааст, таъйин карда мешавад.

Мисол бо ҳукми суди ш.Ҳисор аз санаи 28 марти соли 2017 ба маҳкумшуда “А” бо б. “а” қ. 3 м. 237 КҶ ҶТ ҷазои асосии маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати шаш сол бо адо намудани ҷазо дар колонияҳои ислоҳии низомашон пурзӯр таъйин карда шуда, дар асоси м. 71 КҶ ҶТ ҷазо нисбати ӯ шартан татбиқ карда нашуда, ба “А” се сол мӯҳлати санҷишӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин, дар асоси қ. 4 м. 71 КҶ ҶТ ба “А” ҷазои иловагӣ дар намуди ҷарима ба андозаи 300 (сесад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба андозаи 12000 (дувоздаҳ ҳазор) сомонӣ таъйин карда шудааст [7].

Чунин камбудиҳо на танҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар зинаи якуми судӣ, балки дар зинаи кассатсионии судӣ низ ба назар мерасанд.

Масалан, дар асоси таъйиноти Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 6 феврали соли 2018 ҳукми суди ш.Ҳисор аз санаи 15 декабри соли 2017, ки дар асоси он ба маҳкумшуда “И” бо б. “б” қ. 2 м. 237 КҶ ҶТ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати 1 (як) сол таъйингардида, тағйир дода шуда, ба “И” бо дастрасии м. 71 КҶ ҶТ ҷазои асосии маҳрум сохтан аз озодӣ шартан татбиқ карда нашуда, ба ӯ мӯҳлати санҷишӣ муқаррар карда шудааст. Ҳамчунин дар асоси қ. 4 м. 71 КҶ ҶТ аз ҷониби Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба “И” ҷазои иловагӣ дар намуди ҷарима ба андозаи 100 (сад) нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар ба 5000 (панҷ ҳазор) сомонӣ ба фоидаи давлат таъйин карда шудааст, гарчанде ки дар санксияи қ. 2 м. 237 КҶ ҶТ ҷазои ҷарима ба сифати ҷазои иловагӣ пешбинӣ нашуда, балки он ҳамчун ҷазои асосӣ пешбинӣ гаштааст [8].

Бояд қайд кард, ки ба чунин камбудии қонун роҳ додани судяҳоро дар як маврид талаботи қ. 4 м. 71 КҶ ҶТ ва б. 9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29 майи соли 2003, таҳти №11, бо тағйиру иловаҳо аз 23 июни соли 2010, таҳти №20 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъйин намудани ҷазоҳои иловагӣ” иҷозат медиҳад, зеро мутобиқи ин талаботҳо дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо мумкин аст ҷазоҳои иловагӣ, ба истиснои мусодираи молу мулк таъйин карда шаванд, ки муқаррароти мазкур баръало ба талаботи қ.5 м. 48 КҶ ҶТ мухолиф мебошад, зеро қонунгузории ҷиноятӣ дар як маврид дар қ.5 м. 48 КҶ ҶТ таъйини ҷазои иловагиро дар намуди ҷарима танҳо дар ҳолате иҷозат медиҳад, ки агар он дар қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад, вале дар қ. 4 м. 71 КҶ ҶТ ба судяҳо ҳамчунин имконият медиҳад, ки ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазои асосӣ ҷаримаро ба сифати ҷазои иловагӣ таъйин намоянд [9, с.328-337].

Бо назардошти он пешниҳод менамоем, ки қ. 4 м. 71 КҶ ҶТ ва б. 9 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29 майи соли 2003, таҳти №11 бо тағйиру иловаҳо аз 23 июни соли 2010, таҳти №20 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъйин намудани ҷазоҳои иловагӣ” дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

-дар ҳолати шартан татбиқ накардани ҷазо мумкин аст ҷазоҳои иловагӣ ба истисноии ҷарима, агар он дар Қисми махсуси ҳамин Кодекс ба сифати ҷазои иловагӣ пешбинӣ нашуда бошад, таъйин карда шавад.

Хусусияти ҳуқуқмаҳдудкунандаи ифодаёфта дар ҷазои иловагии маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, ин пеш аз ҳама, мӯҳлатҳои тӯлонии адои ҷазои мазкур ба ҳисоб меравад. Ин гуфтаҳо баёнгар ва шаҳодати он аст, ки ин намуди ҷазои иловагӣ яке аз намудҳои бештар муҳимми механизми ҳуқуқӣ - ҷиноятии батанзимдароварандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Аксари ҷазоҳои иловагии Қисми махсуси КҶ ҶТ-ро маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ташкил намуда, он дар 91 моддаи кодекс пешбинӣ шудааст.

Мувофиқи тағйиру иловаҳо ба қ. 2 м. 50 КҶ ҶТ аз санаи 28 августи соли 2017, таҳти №1467 маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба мӯҳлати аз як то бист сол муқаррар карда шудааст.

Ба мӯҳлати то бист сол маҳрум кардани маҳкумшударо аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, танҳо як моддаи КҶ ҶТ пешбинӣ намудааст, ки он қ.5 м. 212 мебошад.

Дар таҷрибаи судӣ аз ҷониби судяҳо бисёртар ҷазои иловагӣ дар намуди маҳрум намудан аз ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиёт таъйин карда мешавад, гарчанде ки

чунин намуди ҷазо на дар санксияи қисми махсуси модда ва на дар рӯйхати ҷазоҳои пешбинишудаи КҶ ҶТ пешбинӣ нагардида, он мансуб ба гурӯҳи ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян мебошад.

Аз ин лиҳоз мо пешниҳод менамоем, ки ба м. 47 ва 48 КҶ ҶТ, яъне ба рӯйхати намудҳои ҷазои асосӣ ва иловагӣ тағйирот ворид карда шуда, маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора намудани воситаҳои нақлиёт ҳамчун ҷазои асосӣ ва иловагӣ пешбинӣ карда шавад:

-маҳрум кардан аз ҳуқуқи идора намудани воситаҳои нақлиёт аз манъ намудани ин ҳуқуқҳои маҳкумшуда дар муҳлати муқарраршудаи ҳукми суд дониста мешавад.

Далели таъминкунандаи таъсири зиёдтари ҷазои иловагии маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, ин, пеш аз ҳама, дараҷаи маҳрумии шахс аз яке ҳуқуқҳои конститутсионии инсон - ҳуқуқи фаъолият намудан аз рӯйи вазифа, ихтисос ва ишғол намудани вазифаҳои давлатӣ мебошад.

Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян на танҳо нисбати вазифа ва фаъолияти муайяни ишғолнамудаи шахс дар давраи содир намудани ҷиноят, ҳамчунин нисбати вазифа ва фаъолияти муайяни ишғолнамудаи шахс, ки маҳкумшуда дар оянда машғул шуда метавонад, татбиқ мегардад.

Ҳамчунин, мувофиқи б. 6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29 майи соли 2003, таҳти №11 бо тағйиру иловаҳо аз 23 июни соли 2010, таҳти №20 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъйин намудани ҷазоҳои иловагӣ” - ҳангоми таъйин намудани маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, дар қисми хулосавии ҳукм бояд вазифа ё намуди фаъолияте, ки ишғол намудани он ё машғул шудан ба он манъ карда мешавад, ба таври мушаххас нишон дода шавад. Аз ҷумла, судшавандаро аз ҳуқуқи фаъолият намудан дар ин ё он соҳаи хоҷагии халқ маҳрум кардан бе муайян намудани доираи вазифаҳое, ки ӯ ишғол намудани онро ҳуқуқ надорад, мумкин нест.

Ҳолате, ки судшаванда то лаҳзаи баровардани ҳукм аллакай вазифаеро ишғол намекард, ё ба фаъолияте машғул набуд, ки содиршавии ҷиноят ба онҳо вобастагӣ дошт, барои татбиқи ҷазои иловагии зикргардида монеъ шуда наметавонад [9, с.328-337].

Дар таҷрибаи судӣ ҳолатҳои зиёде вомехӯранд, ки судяҳо ҳангоми таъйин намудани ин қабил ҷазои иловагӣ дар қисми хулосавии ҳукм ба таври дахлдор нишон намедиҳанд, ки маҳкумшударо аз кадом намуди муайяни вазифа ва ё фаъолият маҳрум менамоянд. Аз ҷониби судҳо дар ин ҳолат дар қисми хулосавии ҳукм ин масъала бо чунин тарз, яъне бо меъёри умумии “бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати ду сол” ҳал карда мешавад, ки баръало нодуруст буда, ин камбудии ҷиддӣ боиси тағйир ёфтани ҳукми судӣ дар ин қисмат аз ҷониби судҳои болоӣ мегардад.

Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян меъёри умумӣ буда, маҳрумии кадом мансаб ва шуғли муайянеро судяҳо бо назардошти шахсият ва муайян намудани доираи вазифаҳо ва шуғли маҳкумшуда таъйин менамоянд.

Хусусияти хосси таъйини ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ва ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ҳамчун ҷазои иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки таъйин намудани ҷазои иловагии камтари аз ҳадди поёнии дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинишуда, ё таъйин накардани чунин ҷазо танҳо дар ҳолатҳои мустасноӣ вобаста бо мақсаду ниятҳо, нақши гунаҳгор, рафтори ӯ ҳангоми содир намудани ҷиноят ё пас аз он, ё ҳолатҳои дигаре, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам мекунанд ва ҳамчунин дар ҳолати мусоидати фаъолонаи иштирокчии ҷинояти гурӯҳӣ барои ошкор намудани ҷинояти содирнамудаи гурӯҳ, бо татбиқи м. 63 КҶ ҶТ сурат мегирад.

Ба унвонҳои махсус он унвонҳое дохил мешаванд, ки аз номи давлат шахс ба он сарфароз гардонида мешавад. Маҳрум кардан аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон, бо расонидани таъсири рӯҳӣ ба маҳкумшуда ва маҳрум кардани ӯ аз манфиатҳои иҷтимоию моддӣ алоқамандӣ дорад.

Маҳрум кардани шахс аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус,

мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон танҳо дар ҳолати содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бо назардошти шахсият ва кирдори содиркардааш аз ҷониби суд дар асоси ҳукм таъйин мегардад, ки муқаррароти мазкур дар м. 51 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст. Иҷроиши ҳукми мазкур тибқи қ. 1 м. 197 КИҶҶ ҶТ ба зиммаи мақомот ва ё шахси мансабдоре, ки қарори сарфароз гардонидани шахсро ба рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон қабул намудааст, вогузор карда шудааст.

Маҳрум кардани маҳкумшуда аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон таъйиноти иҷтимоии аломатҳои махсуси нишонаҳои қайдро барқарор намуда, ба ин васила ба барқарор намудани адолати иҷтимоӣ низ оварда мерасонад.

Хусусияти хосси таъйини ҷазои иловагии маҳрум кардани маҳкумшуда аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон дар он ифода мегардад, ки ҷазои иловагии мазкур дар санксияи моддаҳои ҳамин Кодекс умуман пешбинӣ нагардида, он ҳамчун меъёри умумӣ аз ҷониби суд танҳо барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин бо назардошти шахсият ва кирдори содиркардаи маҳкумшуда, нисбати субъектони махсус таъйин карда мешавад.

Мусодираи молу мулк яке аз ҷазоҳои иловагии нисбатан вазининтар ба ҳисоб рафта, татбиқи он бо мақсади пурзӯр намудани ҷазои дар маҷмӯъ таъйиншаванда мебошад.

Мувофиқи талаботи КҶ ҶТ мусодираи молу мулк ва маблағҳои пулӣ, танҳо дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои дар б. «б» қ. 1 м. 57 ҳамин Кодекс пешбинишуда, иҷозат дода шудааст.

Қаблан ҷазои мусодираи молу мулк ҳамчун ҷазои иловагӣ дар санксияи моддаҳои зиёди КҶ ҶТ пешбинӣ шуда, он ҳамчун ҷазои иловагӣ бар замми ҷазои асосӣ дар асоси ҳукми суд таъйин мегардид.

Бо тағйиру иловаҳои ба КҶ ҶТ аз санаи 13 июни соли 2013, таҳти №966 воридшуда ҷазои иловагии мусодираи молу мулк аз тамоми матни Қисми махсуси КҶ ҶТ хориҷ карда шуда, татбиқи он танҳо нисбати доираи маҳдуди ҷиноятҳои дар банди а қ. 1 м. 57 КҶ ҶТ пешбинишуда иҷозат дода шудааст.

Агарчанде ки дар м. 47 КҶ ҶТ мусодираи молу мулк ба рӯйхати ҷазоҳои ҷиноятӣ шомил бошад ҳам, вале дар м. 48 КҶ ҶТ он на ба сифати ҷазои асосӣ ва на ба сифати ҷазои иловагӣ пешбинӣ нагардидааст. Модоме, ки мусодираи молу мулк ба сифати ҷазои иловагӣ аз Қисми махсуси КҶ хориҷ карда шудааст, пас онро чӣ тавр ба сифати ҷазои иловагӣ таъйин намудан мумкин аст? Зеро мутобиқи б. 7 қ.1 м. 57 КҶ ҶТ барои содир намудани ҷиноятҳои дар банди а) қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда суд метавонад танҳо мусодираи пурраи молу мулкро ҳамчун ҷазои иловагӣ таъйин намояд, ки ин ҷо мухолифатҳо байни м. 48 ва 57 КҶ ҶТ ҷой дорад.

Бо назардошти тағйиру иловаҳои охирин ба КҶ ҶТ аз санаи 24 феврали соли 2017 таҳти №1370, ҷазои мусодираи молу мулкро ҳамчун чораи муҳимми таъсиррасонӣ нисбати фасодкорон қонунгузор пешбинӣ накардааст, зеро онҳо барои содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ ба ҷавобгарии молумулкӣ кашида намешаванд.

Барои ҳалли қазияи мазкур бояд ба м. 57 КҶ ҶТ ҳарчи зудтар тағйирот ворид карда шуда, моддаи мазкур дар таҳрири пештарааш, ки мутобиқи он мусодираи молу мулк, яъне ба моликияти давлат маҷбуран ва ба таври ройгон гирифтани амволе, ки моликияти маҳкумшуда мебошад, фаҳмида мешуд, ифода карда шавад, зеро мо бармаҳал ба моддаи мазкур тағйироти ҷиддиро ворид намудем.

Умуман, дар таҷрибаи судӣ таъйини ҷазои иловагии мусодираи молу мулк мутаносибан ба парвандаҳои ҷиноятии аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ баррасишуда хело кам мебошад.

Мувофиқи талаботи қ. 1 м. 67 КҶ ҶТ дар сурати содир намудани маҷмӯи ҷиноятҳо суд барои ҳар ҷиноят алоҳида ҷазо (асосӣ ва иловагӣ) таъйин намуда, бо роҳи ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё бо роҳи пурра ё қисман зам кардани ҷазоҳои таъйиншуда ҷазои ниҳоиро муайян менамояд.

Ба монанди ҷазои асосӣ ҳамчунин ҷазоҳои иловагӣ низ аз ҷониби суд ба шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор барои ҳар як кирдори зиддиҳуқуқӣ бо назардошти

хусусият ва ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, шахсияти гунаҳгор, сабабҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин менамоянд, таъйин карда мешавад.

Дар б. 11 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 29 майи соли 2003, таҳти №11 “Дар бораи таҷрибаи аз ҷониби судҳо таъйин намудани ҷазоҳои иловагӣ” омада аст, ки ба шахсе, ки дар содир намудани якчанд ҷиноятҳои бо моддаҳои гуногун ё қисмҳои гуногуни худи ҳамон як моддаи Қисми махсуси КҶ пешбинишуда гунаҳгор эътироф шудааст, ҷазои иловагӣ мисли ҷазои асосӣ бояд аввал барои ҳар як ҷиноят дар алоҳидагӣ, сипас барои маҷмӯи онҳо таъйин карда шавад. Мавқеи мазкурро бисёре аз муаллифон ҷонибдорӣ намуда [10, с.43] таъкид менамоянд, ки ҷазои иловагиро барои маҷмӯи ҷиноятҳо дар ҳолате таъйин кардан мумкин аст, агар онҳо пешакӣ барои ҳар як ҷинояти дар маҷмӯъ дохилшаванда таъйин шуда бошанд. Б.А. Куринов бар он ақида мебошад, ки ҷазои иловагӣ дар маҷмӯъ дар он ҳолат таъйин шуда метавонад, ки агар он барои яке аз ҷиноятҳои алоҳида таъйин шуда бошад ва ҳамчунин агар он дар санксияи моддаҳои дахлдор пешбинӣ шуда бошад, вале барои ҷиноятҳо алоҳида таъйин нашуда бошад [11, с.13-132].

Олимони дигар, ба мисли Г.А.Кригер ва Г.Л.Кригер [12, с.14], Н.Чекалина ва Т.Шеглова [13, с.27], баръакс ҳисоб менамоянд, ки таъйини ҷазои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо, агар онҳо барои ҷиноятҳои алоҳидаи дар маҷмӯъ дохилшаванда таъйин нашуда бошанд, номумкин мебошад. Дар акси ҳол, тавре ки И.М.Галперин ва Ю.Б. Мелникова қайд менамоянд, ҳукми суд барои вайрон кардани қонун ҳангоми таъйини ҷазо бекор карда мешавад [5, с.86-87].

Ба фикри мо, ақидаи дуюм зиёдтар асоснок мебошад, зеро он ба талаботи тарҷрибаи судӣ ва ба принсипҳои фардикунонӣ ва адолатнокии ҷазо ҷавобгӯ мебошад.

Таъйини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо мураккаб буда, ҳангоми таъйини он дар тачрибаи судӣ проблемаҳои зиёде ба назар мерасанд.

Мувофиқи қ. 5 м. 67 КҶ ҶТ ба ҷазои асосии барои маҷмӯи ҷиноятҳо таъйиншуда метавонанд ҷазоҳои иловагие ҳамроҳ карда шаванд, ки барои ҷиноятҳои маҷмӯи ҷиноятҳоро ташкилкунанда таъйин шудаанд. Агар барои якчанд ҷиноятҳо як намуди ҷазои иловагӣ таъйин гардида бошад, он гоҳ муҳлат ва андозаи ҷазои ниҳоӣ мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи қисмҳои дуюм ва сеюми ҳамин модда, вале на зиёда аз муҳлат ё андозаи ҳадди аксаре, ки дар Қисми умумии ҳамин Кодекс барои ҳар як намуди ҷазо пешбинӣ шудааст, муайян карда мешавад. Ҷазоҳои иловагии гуногуннамуд бояд мустақилона иҷро карда шаванд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, тартиби қонунии таъйини ҷазои ниҳоии таъйиншаванда таввачуҳи махсусро талаб менамояд.

Таҳлили меъёрҳои таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо се принсипи муқаррар намудани ҷазои ниҳоиро ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷониби судҳо ҷудо менамояд:

- дарбаргирӣ, яъне ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар;
- зам намудан, яъне қисман ё пурра зам намудани ҷазоҳо;
- мустақилона иҷро гардидани ҷазоҳо [14, с.1785-1788]. Баъзе аз олимон бар он ақидаанд, ки дар як маврид истифода намудани ҷазоҳои гуногуннамуд, принсипи алоҳидаи таъйини ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад [15, с. 193]. Мавқеи мазкур ҳамчунин ғайримустақим бо б. 6 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 13 марти соли 2003, таҳти №5, бо тағйиру иловаҳо аз 23 июни соли 2010, таҳти №18 “Доир ба таҷрибаи судӣ оиди таъйин намудани ҷазо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмӯи ҳукмҳо” тасдиқ мегардад, ки мутобиқи он, агар маҷмӯи ҷиноятҳо аз ҷиноятҳои категорияҳои гуногун: начандон вазнин ва дараҷаи миёна, вазнин ё махсусан вазнин иборат бошанд, дар ин маврид суд метавонад дар вақти таъйин намудани ҷазои ниҳоӣ принсипи ҷазои сабуктари барои ҷинояти начандон вазнин таъйиншударо дар бар гирифтани ҷазоҳои вазнинтар ва ё тарзи бо роҳи пурра ё қисман зам кардан чазоҳои таъйиншударо татбиқ кунад [9, с.302-209].

Дар ҳолате ки маҷмӯи ҷиноятҳоро ҷиноятҳои начандон вазнин ва ё дараҷаи миёна ташкил диҳанд, нисбати ҷазоҳои иловагии якхелаи таъйиншаванда метавон принсипҳои ҷазои сабуктарро дар бар гирифтани ҷазои вазнинтар ва ё қисман ё пурра зам намудани

ҷазоҳо татбиқ карда шавад. Агар дар ин ҳолат ҷазоҳои иловагии ҳархела таъйин шуда бошад, он гоҳ принсипи мустақилона иҷро гардидани онҳо татбиқ карда мешавад. Принсипи дарбаргирӣ вобаста ба ҷазоҳои иловагии ҳархела мутобиқи КҶ ҶТ ғайриимкон мебошад, зеро дар қонунгузории ҷиноятӣ ҷазоҳои иловагӣ бо пайдарҳамии вазниниашон нишон дода нашудаанд.

Зам намудани ҷазоҳои иловагӣ дар ҳолате имконпазир аст, ки барои ду ва ё зиёда ҷиноятҳо дар баробари ҷазои асосӣ ҳамчунин ҷазоҳои иловагии якнамуда таъйин карда шудааст, ки дар ин ҳолат ҷазои ниҳоии дар маҷмӯъ замшаванда аз муҳлат ё андозаи ҳадди аксаре, ки дар Қисми умумии ҳамин Кодекс барои ҳар як намуди ҷазо пешбинӣ шудааст, зиёд буда наметавонад.

Бояд дар назар дошт, ки ҷазоҳои иловагӣ бо хусусият ва мақсадҳои хосси худ фарқ доранд. Ҳамчунин дар қонун баробарии онҳо ба мисоли истифодашавандаи ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ ва корҳои ҳатмӣ ва дигар ҷазоҳои иловагӣ нишон дода нашудааст. Ҷазоҳои иловагӣ танҳо ба якнамуда ва гуногуннамуд ҷудо карда мешаванд [5, с.90].

Ҳангоми аз ҷониби суд таъйин намудани ҷазоҳои иловагии зерин: ҷарима, маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, маҳрум кардани шахс аз рутбаи ҳарбӣ, дипломатӣ, рутбаҳо, унвонҳои махсус, мукофотҳои давлатӣ ва унвонҳои ифтихории Тоҷикистон, принсипи зам намудан бо ҷазоҳои маҳдуд кардан аз озодӣ, маҳрумӣ аз озодӣ ва нигоҳ доштан дар қисми ҳарбӣ, ғайриимкон мебошад, зеро тартиби муайяни зам намудани ҷазоҳои гуногуннамуд дар қонунгузорӣ ҷой надорад. Дар ҳолати таъйини ин қабил парвандаҳо принсипи зам намудан татбиқ нагашта, онҳо мустақилона иҷро карда мешаванд.

Дар ин асно, таҳлили хусусиятҳои хосси таъйини ҷазоҳои иловагӣ барои маҷмӯи ҷиноятҳо имконият медиҳад чунин хулосаронӣ намоем, ки марҳилаи таъйини ҷазоҳои иловагӣ, агарчанде дар баробари таъйини ҷазоҳои асосӣ амалӣ гарданд ҳам, вале дар як маврид он дорои хусусияти хосси худ буда, бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ ба таври мушаххас дарҷ ёфта бошанд.

**АДАБИЁТ**


1. Цветинович А.Л. Проблема дополнительных наказаний в Советском уголовном праве: автореф. дис. на ученой степени док. юрид. наук: 12.00.08/ А.Л. Цветинович. - М.,1987. -40с.
2. Тафсир ба КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри илмӣ-амалӣ /Глобус, Душанбе, 2006. -С. 879.
3. Божанов М.И. Назначение наказания по советскому уголовному праву. Монография. Божанов М.И. - Киев: Вища шк., 1980. -С. 216.
4. Ишмухаметов Д.К. Дополнительные наказания и их виды по Уголовному кодексу РФ / Д.К. Ишмухаметов //Вестник ТИСБИ. -2009. [электронный ресурс] http: //www/tisbi.ru/vestnik/2009/issue1/Ishmuhametov.html10. (санаи истифодабарӣ:19.03.2018).
5. Гальперин И.М. Дополнительные наказания. воситаи илмӣ-амалӣ. И.М.Гальперин, Ю.Б. Мельникова. - М:. Юридическая литература. -1981. -С.118
6. КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳрири куҳна аз 21.05.1998 сол, [манбаи электронӣ] барномаи компютерии Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии ҶТ «Адлия» шакли 7.0. - С. 133.
7. Ҳукми суди ш.Ҳисор бо парвандаи ҷиноятии №1-71/17, 28.03.2017с.// Бойгонии суди ш.Ҳисор, 2017. - С.187.
8. Таъйиноти Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо парвандаи ҷиноятии №1-274/17, 6.02.2018 с.// Бойгонии суди ш.Ҳисор, 2018. -С.157.
9. Маҷмӯаи Қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ (солҳои 1992-2011) Нашриёти илмӣ-амалии Суди Олии ҶТ-2011. -С.556.
10. Соловев В. Назначение наказания по совокупности преступления /В.Соловев //Советская юстиция. -1959.- №6. -С. 43.
11. Куринов Б.А. Обеспечение законности и справедливости при назанчения наказания /Б.А. Куринов // Советское государство и право. -1971. - №4. -С.13-132.
12. Кригер Г.А. О дополнительных мерах наказания / Г.А. Кригер, Г.Л.Кригер // Советская юстиция. -1972. - №1. -С.14.
13. Чекалина Г. Применение дополнительных наказаний в судебной практике / Г. Чекалина, Т.Щеглова //Советская юстиция. -1983. -№23. -С.27.
14. Скворняков А.В. Некоторые особенности назанчения дополнительных наказания при совокупности преступления / А.В.Скворняков //Право и политика. -№10 (154). -2012. -С.1785-1788.
15. Дуюнов В.К. Дополнительные наказания: теория и практика. Учебное пособие/ В.К.Дуюнов, А.Л. Цветинович. -Фрунзе: Илим, 1986 -С. 240.

**ҶАЗОҲОИ ИЛОВАГӢ ВА БАЪЗЕ АЗ ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ТАЪЙИНИ ОН БАРОИ ҶИНОЯТҲОИ АЛОҲИДА ВА МАҶМӮИ ҶИНОЯТҲО МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

Мақолаи мазкур ба баррасии мафҳум, мақсаду вазифаҳо, таъйини ҷазоҳои иловагӣ дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърифи намудҳои алоҳидаи ҷазоҳои иловагӣ, хусусиятҳои хосси таъйини онҳо ва ҳамчунин ба масъалаи таъйини ҷазоҳои иловагӣ ҳангоми маҷмӯи ҷиноятҳо ва хусусиятҳои хосси таъйини онҳо бахшида шудааст. Дар мақола аз ҷониби муаллиф мафҳуми ҷазоҳои иловагӣ, ки дар қонунгузории ҷиноятии ҶТ мавҷуд нест, шарҳ дода шуда, ақидаҳои олимони гуногун низ дар хусуси мафҳуми ҷазоҳои иловагӣ оварда шудаанд. Ҳамчунин мақсад, вазифаҳо ва таърихи инкишофёбии ҷазоҳои иловагӣ муайян карда шудаанд. Намудҳои алоҳидаи ҷазоҳои иловагӣ шарҳ дода шуда, тартиби таъйин ва хусусиятҳои хосси он муайян карда шудаанд. Илова бар ин, дар мақола мисолҳои мушаххас аз таҷрибаи судӣ оварда шуда, дар он камбудиҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми таъйини ҷазоҳои иловагӣ барои ҷиноятҳои алоҳида ва барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба миён меоянд, дар асоси ҳукмҳои судӣ нишон дода шудаанд. Тартиби қонунии таъйини ҷазоҳои иловагӣ ва принсипҳои муқаррар намудани ҷазои ниҳоии он, аз қабили дарбаргирӣ, зам намудан ва мустақилона иҷро гардидани ҷазоҳо барои маҷмӯи ҷиноятҳо ба таври мушаххас муайян карда шудаанд. Иловатан аз ҷониби муаллиф барои мукаммалсозии таҷрибаи судии таъини ҷазоҳои иловагӣ барои ҷиноятҳои алоҳида ва маҷмӯи ҷиноятҳо сабабу шароитҳои иловагии асоснок пешниҳод карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** мафҳум, мақсад, намудҳои ҷазоҳои иловагӣ, дарбаргирӣ ва зам кардани он барои маҷмӯи ҷиноятҳо.

**ДОПОЛНИТЕЛЬНЫЕ НАКАЗАНИЯ И ОСОБЕННОСТИ ИХ НАЗНАЧЕНИЯ ДЛЯ ОТДЕЛЬНЫХ ПРЕСТУПЛЕНИЙ И ПО СОВОКУПНОСТИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ СОГЛАСНО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

Данная статья посвящена понятию, смыслу и функциям дополнительного наказания в уголовном законодательстве Республики Таджикистан. В статье со стороны автора изложены понятия дополнительных наказаний, которые отсутствуют в уголовном законодательстве Республики Таджикистан, а также изложены мнения других авторов. Автором разъяснены смысл и функции дополнительных наказаний. Прокомментированы отдельные виды дополнительных наказаний и разъяснены особенности их назначения. В статье изложены конкретные примеры из судебной практики, а также изучены судебные приговоры и выявлены те недостатки, которые допускались при назначении дополнительных наказаний по отдельным преступлениям и по совокупности преступлений. Разъяснен законный порядок назначения дополнительных наказаний и определено окончательное наказание по принципам: поглощения, сложения и самостоятельного исполнения наказания по совокупности преступлений. Также со стороны автора представлены дополнительные обоснованные предложения для совершенствования судебной практики назначения дополнительных наказаний при отдельных преступлениях и по совокупности преступлений.

**Ключевые слова:** понятие, смысл, виды дополнительного наказания, поглощение и сложение дополнительного наказания при совокупности преступлений.

**ADDITIONAL PUNISHMENTS AND FEATURES OF THEIR APPOINTMENT FOR SEPARATE CRIMES AND ON SET OF CRIME THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AGREES CRIMINAL**

This article is devoted to a concept, I understand, function and development additional punishments the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. In article from the author it is stated concepts of additional punishments which are absent in the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and also are stated opinion of other authors. And also it is explained sense, functions and development additional punishments. It is commented on separate types of additional punishments and explained to feature of their appointment. In article it is stated concrete examples from jurisprudence and also studied judicial sentence and it is revealed those shortcomings which were allowed at purpose of additional punishments on separate to crimes and on set to crimes. It is explained lawful order purpose of additional punishments are also defined final punishment by the principles: absorption, addition and independent execution of the punishment on set of crimes. Also from the author additional reasonable are presented offers for appointment jurisprudence improvement additional punishments at separate to crimes and on set of crime.

**Key words:** concepts, sense, type's additional punishment, absorption and additional punishment at set of crime.

**Сведения об авторе:** ***Абдуллозода Джамолиддин Абдулло*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры уголовного права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17.. Телефон**: 933-24-36-36**. E- mail: **Abdullozoda1985@gmail.com**

**Information about the author:** ***Abdullozoda Jamoliddin Abdullo*** – the Tajik national university, the applicant of department of criminal law of law department. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **933-24-36-36.** E-mail:**Abdullozoda1985@gmail.com**

УДК: 344(575.3)

# ОИД БА ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ПАДИДАИ ДАЛЕЛ ВА ИСБОТ ДАР МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

*Хоҷаева Н.Б.*
**Донишгоҳи милли Тоҷикистон**

Дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодум ва ибтидои солҳои навадуми қарни гузашта дар натиҷаи роҳандозӣ намудани «сиёсати бозсозӣ» дар кишвари абарқудрати Шӯравӣ раванду воқеа ва навгониҳое рух доданд, ки минбаъд сабабгори куллан тағйир ёфтани асосҳои сохтори конститутсионӣ, сохти давлатӣ ва низоми ҳуқуқию қонунгузорӣ гаштанд. Дар натиҷаи вусъат додани равандҳои демократикунонии ҷомеа, густариши ошкорбаёнӣ, пазируфтани ҳуқуқҳои фитрии инсон, назарияи давлати ҳуқуқбунёд ва дар ин замина эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ, дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани усули таҷзияи ҳокимият зарурати аз нигоҳу мазмуни нав ба танзими қонунӣ даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ бо назардошти арзишҳои нав ба вуқӯъ пайваст. Чунин омилҳо дар ниҳояти том ба пошхӯрии Давлати Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолияти комили сиёсӣ аз ҷониби кишварҳои аъзои он боис гаштанд. Тоҷикистон низ 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатиро ба даст оварда, узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд.

Дар баробари дигаргун гаштани низоми ҳуқуқии кишвар чунин навгониҳо низ дар соҳаи мурофиаи судии ҷиноятӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Дар натиҷаи амалишавии ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ дар кишвар, тарзи маъруфи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф шудани мурофиаи ҷиноятӣ ва ба ҳайси принсипҳои калидии мурофиаи ҷиноятӣ пазируфта шудани принсипҳои дар асоси мубоҳиса ва баробарии тарафҳо сурат гирифтани мурофиа ва эҳтимолияти бегуноҳӣ, асосҳои бунёдии мурофиаи ҷиноятиро куллан тағйир доданд. Ин омилҳо беихтиёр заминаҳои боэътимоди ҳуқуқиву ташкилиро аз воситаи муҳимми мубориза бо ҷинояткорӣ будани мурофиаи ҷиноятиро ба шакли ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсият фароҳам оварданд.

Ба вуқӯъ пайвастани тағйироти куллӣ дар низоми давлатдорӣ ва рӯй овардани он ба сӯйи бунёди ҷомеаи адолатпарвару демократӣ, таҳия ва қабули қонунҳои нави ҷавобгӯй ба талаботи давр ногузир ба ивазшавии арзишҳои илмӣ ва бо мазмуни замони муосир коркард шудани онҳо низ оварда расонид. Чунин ҳолат боис гашт, ки баъзе мафҳуму ибораҳо ва институтҳои муҳимми мурофиаи ҷиноятӣ аз диди нав ва бо назардошти арзишҳои умумибашарии эътирофшуда коркард карда шаванд. Ин амалҳо дар маҷмӯъ боис гардиданд, ки мавқеи мурофиавии прокурор ва муносибати ӯ бо суд дар мурофиаи ҷиноятӣ таҷдиди назар карда шаванд. Прокурор дигар наметавонист, ки назорати иҷрои қонунҳоро ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар суд ба амал барорад [1].

Ба андешаи мутахассисони соҳа, акнун дар мурофиаи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ пурра, ҳаматарафа ва объективона тадқиқ намудани ҳолатҳои кори ҷиноятӣ ҳамчун усули ягонаи барқарор намудани ҳақиқат ва адолат истифода нашуда, мубоҳиса чун дастоварди пешқадамтари инсоният баҳри ҳаллу фасли ҷавобгарии шахс, ки худ баҳснок аст, чун тарзи баамалбарории адолати судӣ ва расидан ба адолати иҷтимоӣ истифода карда мешавад [2].

Зимнан бояд қайд намуд, ки яке аз мавзӯъҳои маркази илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятиро падидаи далел ва исбот ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, тағйиротҳои рӯйи кор омада, таъсири хешро ба падидаи мазкур низ гузоштанд. Бори нахуст дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМҶ ҶТ) ба масъалаи далелҳо ва исбот фасли алоҳида (фасли 3), ки ду бобро дар бар мегирад (бобҳои 9 ва 10), бахшида шудааст. Ёдовар бояд шуд, ки дар КМҶ ҶТ соли 1961 ба масъалаи далелҳо танҳо боби 6-ум бахшида шуда буд, ки зиёда аз 21-моддаро дар бар мегирифт (моддаҳои 60-81). Дар қиёс ба Кодекси мурофиаи ҷиноятии қаблан амалкунанда дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии амалкунанда дар масъалаи танзими ҳуқуқии далелҳо дигаргуниҳои назаррас вомехӯранд. Яке аз хусусиятҳои фарқкунанда дар он зоҳир мегардад, ки дар Кодекси амалкунанда ба масъалаи далел ва исбот бобҳои алоҳида бахшида шудаанд. Боби 9-уми

Кодекс «Далелҳо» ном дошта, моддаҳои 72-84-ро дар бар мегирад. Боби 10-ум бошад, «Исбот» ном дошта, фарогири моддаҳои 85-90 мебошад. Ба назари мо, дар фасли алоҳида ва дар доираи бобҳои алоҳида мавриди танзим қарор гирифтани масоили далел ва исбот бешубҳа афзалияти Кодекси навро нишон медиҳанд. Таҳлилу омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи ин қисмати КМҶ ҶТ нишон дод, ки то андозае он ниёз ба такмили танзими ҳуқуқиро дорад. Аз ин рӯ, дар иртибот ба ин масъала ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки баъзе аз андешаҳои худро дар хусуси такмили танзими ҳуқуқии падидаи далел ва исбот пешниҳод намоем.

Мавриди зикри аст, ки мавзӯи мазкур аз масъалаҳои муҳимми корҳои илмӣ-таҳқиқотии як зумра олимони маъруф ва шинохтаи замони шӯравӣ, рус ва тоҷикро ташкил медиҳад. Дар вобастагӣ ба масъалаҳои мафҳум ва моҳияти далел, нишона ва хусусиятҳои он, намудҳои далел, предмет ва ҳудуди исботкунӣ, исботкунӣ, субъектони исботкунӣ ва дигар паҳлуҳои муҳимми масъала як силсила корҳои арзишманди илмӣ нашр шудаанд.

Баъд аз касби истиқлолияти давлатӣ заминаҳои мусоид барои ба роҳ мондани корҳои арзишманди илмӣ-таҳқиқотӣ дар кулли кишварҳои пасошӯравӣ ва аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омаданд. Хурсандибахш аст, ки аз ҷониби олимони тоҷик низ ба падидаи мазкур таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Ҳамзамон, масъалаи мазкур ба мавзӯи марказии конференсияву ҳамоишҳои илмӣ табдил ёфтааст. Дар робита ба ҳамин масъала зикр кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 майи соли 2014 конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии далелҳо» баргузор гардид. Дар кори конференсия доираи васеи олимони ватанӣ, намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, роҳбарони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар, судяҳо ва дигар кормандони амалӣ иштирок ва доир ба мушкилоти ҷойдоштаи соҳа маърӯзаҳо қироат намуданд [3].

Дар робита ба масъалаи мазкур аз ҷониби мо низ қаблан як силсила корҳои илмӣ ба табъ расонида шудаанд [4].

Ба андешаи иштирокчиёни конференсия ҷамъ овардану баҳодиҳии далелҳо дар раванди таҳқиқу тафтишоти пешакӣ барои исбот намудани дараҷаи гунаҳкорию бегуноҳии ашхоси таҳти таъқиби ҷиноятӣ қарор дошта ва дар ин замина ҳифзи ҳукуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон бевосита аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад, зеро таҳқиқу тафтиши ҳамаҷониба, холисона ва одилона дар раванди тафтишоти пешакӣ ва ба амал баровардани адолати судӣ ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳии инсон пойдевори устувории ҳуқуқиро замина мегузорад [5].

Мувофиқи нуқтаи назари Раҳимзода Р.Ҳ., ҷараёни исботнамоӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ба шумор рафта, бо тартиби муқarrаргардидаи қонун ҷамъоварӣ, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳоро дар бар мегирад. Он ба муайян кардани ҳолатҳои воқеии содир шудани ҷиноят ва дигар ҳолатҳое, ки барои ҳалли дурусти парванда аҳамияти ҳуқуқӣ доранд, равона карда шудааст [6].

Дар робита ба муҳиммияти масъала Абдуллозода Н. чунин иброз намудаанд, ки пояи ҳама гуна хулосаву қарорҳо, марҳила ба марҳила пешравӣ дар мурофиа далел ва исбот буда, низоми мурофиаи ҷиноятӣ ба он такя мекунад. Бинобар ин, бо мақсади ҷорӣ намудани таҷрибаи ягона ҷиҳати ҷамъоварӣ, санҷиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи далеҳо Пленуми Суди Олӣ як қатор қарорҳоро, аз қабили “Дар бораи ҳукми судӣ, “Дар бораи баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ барои гузаронидани тафтиши иловагӣ”, “Дар бораи татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди шиканҷа” ва ғайраҳо қабул намуд, ки татбиқи тавсияхои дар онҳо пешниҳодгардида ба таҷрибаи мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ ва суд таъсири мусбии назаррас расонида истодаанд [7].

Зимни баррасии масъалаи баҳодиҳии далелҳо Шаҳидуллозода М. мақсади баҳодиҳии далелҳоро муайян намудани мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳият ва кифоя будани ҳамаи далелҳои ҷамъовардашуда барои қабул намудани қарори дахлдор ба парвандаи ҷиноятӣ маънидод намуд. Ҳамзамон, ба андешаи ӯ, боз он далелҳое нокифоя ҳисобида мешаванд,

ки мухолифи якдигаранд ё ба онҳо бовар кардан ғайриимкон аст (мисол, нишондоди шоҳиди манфиатдор, баёноти тарафҳо, ки бо дигар маълумотҳо пурра карда нашудаанд ва ғайра) [8].

Дар ҳамин ҳол ҳангоми муаррифии мавзӯи "ҳолатҳое, ки оид ба парвандаи ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд", аз ҷониби Ҳомидов Б.Ҷ таъкид карда шуд, ки предмети исботкунӣ бо ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ якхела мебошад. Аммо нишонаҳои гурӯҳӣ ва хусусиятҳои фардии ҳар як намуди ҷинояти мушаххас боиси мазмуни гуногун додани ҳолатҳое, ки бо он бояд исбот карда шаванд, шуда метавонад. Яъне, агар предмети исботкунӣ ва ҳудуди исботкунӣ ба ҳама гуна парвандаҳои ҷиноятӣ якхела бошад, вале ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, метавонанд гуногун бошанд. Дар пайвандӣ ба ҳамин масъала, ба мақсади таъмини принсипи дахлнопазирии моликият, номбурда пешниҳод намудаанд, ки ба моддаи 85 КМҶ ҶТ ҳолати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад: "Ҳангоми ба ҳабс гирифтан ва мусодира намудани молу мулк ҳолатҳои бо роҳи ҷинояткорона ба даст овардани моликият, ё даромади дар натиҷаи кирдорҳои ҷинояткорона ба дастовардашуда, ё ба сифати олоти ҷиноят истифодашуда, ё барои маблағгузории терроризм, экстремизм ҷинояткории муташаккилона, иттиҳоди ҷиноятӣ ва воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ истифода шудаанд, муқаррар карда шаванд" [9].

Ба назари мо низ, предмети исботкунӣ ягона мебошад, ҳеҷ гоҳ предмети исботкунӣ дар маҷмӯъ буда наметавонад. Ба предмети исботкунӣ ҳолатҳое, дохил мешаванд, ки дар гузашта ҷой доштанд. Ин маънои онро дорад, ки тафтишоти пешакӣ ва муҳокимаи судӣ он вақт ба роҳ монда мешавад, ки ҷиноят аллакай содир шудааст [10].

Дар воқеъ исбот дар мурофиаи ҷиноятӣ чун воситаи махсуси таъмини ҳифзи шахс аз айбдоркунии беасос, маҳкумкунии ғайриқонунӣ, маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои ӯ, татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ баромад мекунад [11].

Бо вуҷуди таҳқиқи ҳамаҷонибаи паҳлуҳои гуногуни падидаи далел ва исбот, ҳамоно масъалаҳое ҷой доранд, ки ниёз ба такмилу танзими ҳуқуқиро доранд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти афкори пешқадами назариявӣ, дастовардҳои илмӣ ва таҳлили қонунгузорӣ чунин таърифи исботкуниро пешниҳод менамоем: "Исботкунӣ, ин фаъолияти бо тартиби қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ амалишавандаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя ҳамзамон дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ оид ба ҷамъоварӣ, санҷиш ва баҳогузории далелҳо бо мақсади муқаррар кардани ҳақиқат оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳалли вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад". Аз ин рӯ пешниҳод менамоем, ки ба мисли он ки мафҳуми далел дар боби 9-уми КМҶ ҶТ оварда шудааст, бо ҳамин мазмун мафҳуму моҳият ва мақсади исботкунӣ низ дар боби 10-уми КМҶ ҶТ муқаррар карда шавад.

Дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба КМҶ ҶТ ба масъалаи муқаррар намудани ҳақиқат оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар адабиётҳои илмӣ андешаҳо ҷой доранд [12].

Дар боби 9-ум, ки аз 13 модда иборат аст (моддаҳои 72-84), таърифи далелҳо оварда шуда, мазмуну моҳияти навъҳои алоҳидаи далел шарҳ дода шудаанд. Моддаи 72-юми Кодекс, ки «далелҳо» номгузорӣ карда шудааст, ба масъалаи мазмуну моҳияти далел ва субъектони исботкунӣ бахшида шудааст. Дар моддаи мазкур омадааст, ки: «Далелҳо оид ба парвандаи ҷиноятӣ маълумоти воқеие ба шумор мераванд, ки дар асоси онҳо суд, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур мавҷуд будан ё набудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, исбот гардидан ё нагардидани ҳолатро оид ба парвандаи ҷиноятӣ ва ҳолати дигари барои ҳалли дурусти парванда аҳамиятдоштаро муқаррар мекунанд». Ба назари мо, дар радифи дигар субъектони исботкунӣ ҳамроҳ намудани калимаи «судя» дар ин модда мувофиқи мақсад аст. Таклиф менамоем, ки ба қисми якуми модаи 72 баъд аз калимаи суд калимаи судя илова карда шавад. Зеро мувофиқи муқаррароти моддаи 6-КМҶ ҶТ, ки мафҳумҳои асосӣ шарҳ дода шудаанд, судя гуфта, шахси мансабдореро меноманд, ки барои ба амал баровардани адолати судӣ бо тартиби муқаррар намудаи қонунгузории ҶТ таъйин ё интихоб гардидааст. Судя нафарест, ки дар ҳолатҳои пешбининамудаи КМҶ ҶТ парвандаҳои ҷиноятии муайянеро ба тариқи танҳоӣ баррасӣ намуда, бевосита дар ҷараёни исбот намудани ҳолатҳои кор иштирок менамояд. Амалияи фаъолияти судҳои кишвар бозгӯи

онанд, ки дар аксари мавридҳо парвандаҳои ҷиноятӣ дар он ҳолатҳое, ки КМҶ ҶТ муайян кардааст, бо тариқи танҳоӣ баррасӣ гардида, вобаста ба он санади судии дахлдор қабул карда мешавад.

Дар таносуб бо КМҶ ҶТ соли 1961 дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунанда сарчашмаҳои нави далел пешбинӣ шудаанд. Дар асоси таҳлили моддаи 72-юми Кодекс намудҳои зерини иловагии сарчашмаҳои далелҳо пешбинӣ шудаанд: 1) нишондоди коршинос; 2) хулосаву нишондоди мутахассис; 3) сабтҳои пинҳонӣ; 4) гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида; 5) мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитафонӣ. Чунин навовариро метавон, пеш аз ҳама, бо назардошти ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои куллӣ дар соҳаҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ асоснок намуд. Пеш аз ҳама, мураккабшавии механизмҳои ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои алоҳидаи содиршуда сабаб шуданд, ки масъалаи истифодаи мақсадноки алоқаҳои иттилоотиву иртиботӣ ва таҷҳизотҳои нави техникии замонавӣ дар раванди исботкунӣ мавриди танзими қонунӣ қарор дода шаванд. Воқеан, дар шароити муосир бе истифодаи мақсадноки дастовардҳои техникӣ, аз қабили мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитафонӣ, кушодани ҷиноятҳои алоҳида имконнопазир аст. Муқаррароти боби 9-уми КМҶ ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки бояд дар он мазмуну моҳияти ҳар як намуди мустақили далел дар алоҳидагӣ шарҳ дода шуда, тартиби мурофиавии расмигардонии сарчашмаҳои далел пешбинӣ мешуданд. Вале таҳлили боби 9-уми КМҶ ҶТ нишон медиҳад, ки дар асл вазъ чунин набуда, мазмуну моҳияти на ҳамаи навъҳои алоҳидаи далелҳо ошкор карда шудаанд. Чунин муқаррарот дар қисми махсуси КМҶ ҶТ низ вонамехӯрад.

Дар робита ба ҳамин масъала дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешаву назарҳои муайян ҷой доранд. Ба андешаи Абдуллоев П.С., мазмуну моҳияти «сабтҳои пинҳонӣ», «гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида»; «мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ» ҳамчун намудҳои далел дар КМҶ ҶТ шарҳу тавзеҳ дода нашудаанд, ки ин омил қобили дастгирӣ нест. Яъне ба назари ӯ меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо чунин мазмун ба табиати ҳуқуқии далелҳо мувофиқ нестанд, мафҳуми ин намуди далелҳо муайян карда нашудаанд ва ҳамчунин шакли мурофиавии ба даст овардан ва ба расмият даровардани онҳо аниқ нашудаанд. Зеро тавре ки амалия собит менамояд, дар аксарияти мавридҳо натиҷаҳои ин намуди далелҳо ба сифати далелҳои шайъӣ истифода мешаванд [13].

Аз ин рӯ, бо назардошти талаботҳои мурофиавӣ зарур аст, ки ба боби нуҳуми КМҶ ҶТ тағийрот ворид карда шуда, ба он моддаҳои нав ба масъалаи танзими ҳуқуқии навъҳои алоҳидаи далел, ки дар Кодекс ба расмият дароварда нашудаанд, бахшида шаванд. Аз ҷумла зарур аст, ки сарчашмаҳои зерини далел, аз қабили «хулоса ва нишондоди мутахассис», «сабтҳои пинҳонӣ», «гуфтугӯи телефонии гӯшкардашуда ва сабтгардида»; «мушоҳидаҳои электронӣ, видео ва магнитофонӣ» дар КМҶ ҶТ илова карда шавад. Шарҳи мазмуни ин навъҳои нави далел дар КМҶ ҶТ дар воқеъ ба масъулини исботкунӣ имкон медиҳанд, ки ҳангоми мавҷуд будани асосҳои кофӣ аз ин сарчашмаҳои исботкунӣ ба таври фаровон истифода намоянд. Яке аз намудҳои мустақили далел дар мурофиаи ҷиноятӣ, ин далелҳои шайъӣ ба ҳисоб мераванд. Дар адабиётҳои илмӣ оид ба мафҳум, моҳият ва таъйиноти он дар мурофиаи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун баён шудаанд.

Ба андешаи Л.Т.Улянова дар зери мафҳуми далелҳои шайъӣ «ашёҳои олами моддие фаҳмида мешавад, ки дар худ хусусиятҳоеро мустаҳкам намудаанд, ки таввасути онхо ҳолатҳои барои кор аҳамиятдоштаро муайян кардан мумкин аст [14].

В.А.Михайлов бошад, оиди ин масъала чунин нуқтаи назар дорад: «Далелҳои шайъӣ ашёҳои моддие мебошанд, ки дар худ аз ҷиноят нақшеро инъикос намуда, барои ошкор кардани ҷиноят мусоидат карда метавонанд» [15].

В.К.Бобров бошад, дар зери мафҳуми далелҳои шайъӣ шакли моддии инъикоскунандаи маълумотро дар бораи далел мефаҳмад [16].

Далелҳои шайъӣ ҳамаи он предметҳо, моддаҳо, микрообъектҳо ва объектҳои биологие мебошанд, ки ҳамчун олоти ҷиноят, дар худ пайҳои ҷиноятро нигоҳ доштаанд, ё ин ки объекти ҳаракатҳои ҷинояткорона будаанд ё барои муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдошта мусоидат мекунанд [17].

Ҳамаи муаллифон дар маҷмӯъ дар зери мафҳуми далелҳои шайъӣ предмет ва ё

ашёҳоеро мефаҳманд, ки то андозае ба ҳодисаи ҷиноят алоқаманд буда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дарёфт ва ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда шудаанд. Лекин ба назари мо, чунин мафҳуми далелҳои шайъӣ доираи тамоми объектҳоеро, ки одатан дар амалия зарурияти ба сифати далели шайъӣ ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешаванд, дар бар намегирад [18].

Дар робита ба ҳамин масъала, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба қисми 1 моддаи 78 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шуда, ба он ҳамчун намуди далели шаъйӣ ибораи зайл илова карда шавад: ашёе, ки ба он фаъолияти ҷинояткорона равона карда шудааст. Ҳамчунин, таклиф менамоем, ки ба қисми 2-юми моддаи 79 ҷумлаи зерин илова карда шавад: «Шахсони алоҳида барои нигоҳдошти далелҳои шайъӣ вазифадор карда мешаванд».

Зарур мешуморем, ки ҳамчунин масъалаи ҳалли тақдири минбаъдаи далелҳои шайъӣ ҳангоми баровардани ҳукми айбдоркунанда ва сафедкунанда, ҳангоми қатъ кардани парвандаи ҷиноятӣ аз лиҳози қонунӣ дар қисми 3 моддаи 78 алоҳида танзим карда шаванд. Ҳамчунин, то андозае бояд масъалаи ҳалли тақдири далелҳои шайъӣ ҳангоми боздоштани парвандаи ҷиноятӣ, агар он бар зарари манфиати исботкунӣ набошад, дар КМҶ низ ба роҳ монда шавад.

Тавре ки амалияи мақомоти тафтишотӣ нишон медиҳад, дар аксарияти мавридҳо зарурияти баргардонидаи далелҳои шайъӣ ба соҳибонашон дар давраи тафтиши пешакӣ ба миён меояд. Аз ин рӯ, ҳам аз нуқтаи назари илми мурофиаи ҷиноятӣ ва ҳам тибқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба мақсади таъмини манфиатҳои қонунии ҷабрдида ҳалли ин масъала имконпазир аст. Мувофиқи қисми 2 моддаи 80-и КМҶ ҶТ дар баъзе мавридҳо далели шайъиро то тамом шудани мухлатҳое, ки дар қисми 1 ҳамин модда зикр ёфтаанд, ба соҳибонашон баргардонидан мумкин аст, ба шарте ки ин ба тафтиши парванда зарар нарасонад. Ҳарчанд дар КМҶ ҶТ тартиби мурофиавии ҳалли масъала пешбинӣ нашуда бошад ҳам, вале дар асл аксари муфаттишон дар ин хусус қарори мурофиавӣ қабул менамоянд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба қисми дуюми моддаи 80-и КМҶ ҶТ ҷумлаи зерин илова карда шавад: «Дар хусуси ба соҳибонашон баргардонидани далелҳои шайъӣ таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор қарор ва суд бошад, таъйинот мебароранд».

Моддаи 84-и КМҶ ҶТ «Истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» номгузорӣ шуда, мазмуни он кӯтоҳ ба тариқи зайл пешбинӣ шудааст: «Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии бадастовардашуда ба шарте далел эътироф карда мешаванд, ки бо риояи муқаррароти Кодекси мазкур ҷамъоварӣ шуда бошанд». Вале, зикр бояд намуд, ки моддаи мазкур дар ҳаҷми хело маҳдуд пешбинӣ шуда, наметавонад ба пуррагӣ моҳият ва имкони истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар ҷараёни исботкунӣ дар бар гирад. Аз ин рӯ, дар иртибот ба баррасии масъалаи мазкур бо назардошти истифодаи афкори пешқадами олимони соҳа, тадқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта зарур аст, ки моддаи мазкур такмил дода шавад. Хуб мебуд, агар мазмуни моддаи 84 ба мазмуни моддаи 11-Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» мувофиқ кунонида мешуд. Зеро дар моддаи 11 таъйиноти асосии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ дар исботкунӣ муфассал пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин зарур аст, ки ба моддаи 6-уми КМҶ ҶТ, ки мафҳумҳои асосиро дар бар мегирад, мафҳуми «натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба тариқи зайл илова карда шавад: «Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, маводе, ки аз ҷониби шахсони масъули воҳидҳои оперативии мақомоти давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» дар хусуси нишонаҳои амалҳои ғайриқонунии тайёршудаистода, содиршаванда ё содиршуда, ки қонунгузории ҷиноятӣ пешбинӣ намудааст, инчунин дар бораи шахсоне, ки онро тайёр мекунанд, содир мекунанд ё содир кардаанд, дар бораи шахсоне, ки аз мақомоти тафтишоти пешакӣ, таҳқиқ ва суд пинҳон мешаванд, ё аз ҷазои ҷиноӣ саркашӣ мекунанд, ба даст оварда шудаанд».

Оид ба зарурати истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ, роҳу усулҳои ворид шудани онҳо ба мурофиаи ҷиноятӣ, мушкилоти ҷойдошта дар ин ҷода ва такмили танзими ҳуқуқии масъала як силсила асарҳои илмии пурарзиш

эҷод шудаанд [19].

Ба андешаи олимони соҳа, дар таҷрибаи қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ҳолатҳое ҷой доранд, ки барои ҷамъоварӣ, санҷидан ва баҳодиҳии далелҳо мушкилӣ эҷод мекунанд. Яке аз чунин ҳолатҳо масъалаи истифодабарии натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба сифати далел дар мурофиаи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Тадқиқоти муқоисавии меъёрҳои ҳуқуқии кишварҳои дигар ба мо асос медиҳад, ки ба чунин хулоса оем, ки муқаррароти КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.84) омӯзиши иловагиро талаб менамояд. Агар ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Федератсияи Россия муроҷиат намоем, он гоҳ маълум мегардад, ки талаботи қонунгузор нисбат ба натиҷаҳои ФОҶ умуман ба таври дигар ба танзим даровarда шудаанд [20].

Ба андешаи Раҳимзода Р.Ҳ., маълумотҳое, ки дар рафти амалигардонии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯи ба даст оварда мешаванд, танҳо дар он ҳолат ба сифати далел истифода бурда мешаванд, ки агар муфаттиш, таҳқиқбаранда ё прокурор тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои 86, 87 ва 88 КМҶ чунин маълумотҳои оперативиро ба далелҳо мубаддал гардонанд, яъне бо роҳи азназаргузаронии онҳо ва тартиб додани протоколҳою баровардани қарорҳо ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ намояд.Чунин муқаррарот аз нигоҳи мансубият, имконпазирӣ, саҳеҳ ва кифоя будани далелҳо дуруст мебошад. Бинобар ин КМҶ ҶТ бояд маҳз чунин муқарраротро истифода барад. Ҳамин тариқ, ӯ чунин андеша дорад, ки КМҶ ҶТ механизми мубаддал гардонидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии бадастовардашударо ба ҳайси далелҳо ҳаматарафа таҳия накардааст [21].

Ба андешаи Маҳмудов И.Т., маълумоти дилхоҳе, ки тавассути гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба даст меояд, танҳо дар сурате метавонад ҳамчун далел истифода шавад, ки агар бо роҳи мурофиавӣ вориди мурофиаи судии ҷиноятӣ шуда бошад. Дар мурофиаи ҷиноятӣ ҳар он чизе, ки бо роҳи ғайримурофиавӣ ба даст оварда мешавад, ҷоиз нест. Чунин ҳолат ду асос дорад: мавҷуд набудани сарчашмаи бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинишуда; мавҷуд набудани шакли мурофиавии ҷамъоварии далелҳо [22].

Барои он ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ тавонанд, ба сифати далел истифода шаванд, зарур аст, ки онҳо мавқеи далелро пайдо намоянд, яъне бояд аз сарчашмаҳои бо қисми 2 моддаи 72 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, яъне бо роҳи гузаронидани амалиётҳои мурофиавӣ ба даст оварда шаванд. Онҳо бояд бо назардошти талаботи конунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ҷамъоварӣ, санҷида ва баҳогузорӣ шаванд [23].

Ҳар як чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ он вақт метавонад натиҷаи дилхоҳ диҳад, ки агар зоҳиран бо амалиёти тафтишотии ҳаммонанд санҷида шавад: масалан, пурсиши оперативӣ бо пурсиш ҳамчун ҳаракати тафтишотӣ; муоинаи оперативии биноҳо, иморатҳо, иншоот, минтақаҳои маҳал ва воситаҳои нақлиёт бо амалиёти тафтишотии кофтуков ва азназаргузаронӣ; таҳқиқи оперативии ашё, ҳуҷҷатҳо ва дигар объектҳо бо экспертиза [24].

Ба андешаи Абдуллоев П.С. эҳтимол аст, ки натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо назардошти талаботи КМҶ ҶТ ба даст оварда шаванд. Онҳо ҳамеша дар асоси талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ба даст оварда мешаванд [25].

Ба назари мо, моддаи 84-и КМҶ ҶТ бояд такмил дода шуда, асосҳои ҳуқуқии истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар исботкунӣ бояд мушаххас гардонида шаванд.

Пешниҳоди далелҳо воситаи асосӣ ва муҳимми ба даст овардани маълумот дар бораи далел ва исботкунӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи қисми 4 моддаи 86 КМҶ ҶТ маълумот ба тариқи шифоҳӣ, хаттӣ, сабти аудиою видео, инчунин ашё ва ҳуҷҷаҳоеро, ки далел шуда метавонанд, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, айбдоркунанда, судшаванда, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо, щаҳрвандон, шахсони мансабдори корхона, ташкилот, муассиса ҳуқуқ доранд пешниҳод намоянд. Вале дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷкикистон тартиби пешниҳоди далелҳо аз ҷониби субъектони мазкур танзими қонунии худро наёфтааст. Чунин ҳолат хоҳу нохоҳ дар амалия мушкилиро ба миён оварда, ба субъектони исботкунӣ, ки

ваколатҳои ҳокимияти мурофиавиро доранд, намегузорад, саривақт далелҳои дахлдорро ҷамъоварӣ ва мустаҳкам намоянд. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба моддаи 86 КМҶ ҶТ тағйирот ворид карда шуда, дар он тартиби аниқи мурофиавии пешниҳоди далелҳо аз ҷониби шахсони зикршуда пешбинӣ карда шавад.

Ҳамзамон, пешниҳод менамоем, ки моддаи 84 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, банди алоҳида ба тарзи зерин мустаҳкам карда шавад: «Натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ сабаб ва асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, метавонанд бо тартиби муқарраркардаи Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ барои исботкуни оиди парвандаи ҷиноятӣ, тайёр кардан ва амалӣ намудани амалҳои тафтишӣ ва судӣ истифода бурда шаванд. Дар ҷараёни исботкунӣ истифодаи натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ манъ карда шаванд, агар ба шарте, ки онҳо ба талаботҳои пешниҳоднамудаи ҳамин Кодекс ба далелҳо пешниҳод карда мешаванд» [26].

Дар маҷмӯъ боварии комил дорем, ки таклифу пешниҳодҳо оид ба такмилу танзими ҳуқуқии падидаи далел ва исбот дар мурофиаи судии ҷиноятӣ ва истифодаи мақсадноки онҳо дар раванди исботкунӣ хизмат хоҳанд кард.

## АДАБИЁТ


1. Махмудов И.Т. Процессуальное положение прокурора в уголовном процессе / И.Т. Махмудов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) (на тадж.язык) Душанбе: «Сино». 2014 № 3/4. (139). -С.83-84.
2. Искандаров З.Х. Роль Конститутции в развитие судебное право // Роль конститутции в развитии отраслей права в Республики Таджикистан / З.Х. Искандаров. Материалы научно-теоретической конференции в честь 17-летии принятии Конститутции Республики Таджикистан (на тадж.язык). Душанбе:«Эксклюзив», 2012. С.15.
3. Рахимзода Р.Х. Формирование доказательство на основе результаты оперативно-розыскной деятельности: современные проблемы / Р.Х. Рахимзода // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж. язык) Душанбе. 2014. №5 (специальный выпуск). -С.17-20; Махмудов И.Т. «Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовном делам / И.Т. Махмудов // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык) Душанбе. 2014. №5 (специальный выпуск). С.35-41; Рахматуллоев А.Э. Саблюдение и охрана Конститутционных прав и свобод граждан в процессе собирание и оценки доказательств / А.Э. Рахматуллоев. Республиканской научно-практической конференции посвященной 20-летие Конституции Республики Таджикистан на тему «Соблюдение и охрана Конституционных прав и свобод человека и гражданина в процессе собирание и оценка доказательств» от 16 мая 2014 года // Законность Теоретической и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан, №5 2014г С.72-74 (специальный выпуск) (на тадж.язык); Солиев К.Х. Проблемы собирание, провеки и оценки доказательств / К.Х. Солиев // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык). –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С. 57-61; Шахидуллозода М. Представление и оценка доказательство государственным обвинителем в судебном процессе / М. Шахидуллозода Республиканской научно-практической конференции посвященной 20-летие Конституции Республики Таджикистан на тему «Соблюдение и охрана Конституционных прав и свобод человека и гражданина в процессе собирание и оценка доказательств» от 16 мая 2014 года // Законность Теоретической и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры РТ, №5 2014г -С.80-84; (специальный выпуск) (на тадж.язык); Рауфов Ф.Х. Соблюдение и охрана конститутционных прав и свобод граждан, в том чисте право на половой своюоды и неприкосновенности в процессе собирание, проверки и оцеки доказательств / Ф.Х. Рауфов // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык) –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С.28-34; Джамолов С.С. Основнык способы собирание доказательств / С.С.Джамолов // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык) Душанбе. 2014. №5 (специальный выпуск). -С.53-55.
4. Ходжаева Н.Б. Доказывание: понятие, предмет и предел / Н.Б. Ходжаева // Материалы международной научно- практической конференции (Душанбе, 27 ноября 2015) // Актуальные проблемы реформирования органов внутренних дел Республики Таджикистан. -С.210-215; (на тадж.язык); Ходжаева Н.Б. Развитие института доказательства и доказывание по уголовно-процессуальному кодексу Республики Таджикистан / Н.Б. Ходжаева. Материалы нучно-практической конференции на тему: Место право Республики Таджикистан в правовой системе мира” Душанбе, 27 мая 2015 года. -С.160-172 (на тадж. языке); Ходжаева Н.Б. Виды доказательства по уголовно-процессуальным кодексам Республики Таджикистан и Российской Федерации / Н.Б. Ходжаева. Наука и инновация (научный журнал). -Душанбе: Сино, 2015. № 2, (6) -С. 158-173. (на тадж.язык); Ходжаева Н.Б. Источники доказательства в уголовно-процессуальном

законодательстве Республики Таджикистан и Федерации России / Н.Б. Ходжаева // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) 3/1 (158). -Душанбе: Сино, 2015. -С.92-101. (на тадж.язык); Ходжаева Н.Б. Понятие субъекта доказывания в в уголовном судопроизводстве / Н.Б.Ходжаева. Законодательство, № 1(17), 2015 (январ -март). С.19-22.(на тадж. языке); Ходжаева Н.Б. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по УПК государств СНГ / Н.Б. Ходжаева, (на тадж. языке) // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) № 3/4 (170) -Душанбе: Сино, 2015. -С.47-50. (на тадж. языке); Ходжаева Н.Б. Доказательства и доказывание в уголовном процессе Республики Таджикистан / Н.Б. Ходжаева // Вестник Таджикского национального университета научный журнал) 3/3 (136) -Душанбе: Сино, 2014. -С.106-114; Ходжаева Н.Б. Проблемы использования результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании / Н.Б. Ходжаева // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). № 3/8 (150) Часть 2. -Душанбе: Сино, 2014, -С. 68-72. (на тадж. языке); Ходжаева Н.Б. К вопросу о понятия предмета доказывание в уголовном процессе / Н.Б. Ходжаева // Законодательство-издание Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. № 3 (11) -Душанбе, 2013. -С. 19-25 (на тадж. языке); Ходжаева Н.Б. Предмет и пределы доказывания в уголовном процессе / Н.Б. Ходжаева // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. –Душанбе, 2012, № 1 (1). -С. 63-67. (на тадж. языке); Ходжаева Н.Б. Проблемы правового регулирования главы 9 и 10 УПК Республики Таджикистан / Н.Б. Ходжаева // Законодательство (Научно - аналитический журнал Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан). -Душанбе, 2011, № 4. -С. 74-78. (на тадж. языке); Ходжаева Н.Б. Процесс доказывания в уголовном судпроизводстве: понятие и его элементы / Н.Б. Ходжаева // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). № 2/6 (210). – Душанбе: Сино, 2016. - № 2/4. -С.212-223. (на тадж. языке).

5. Салимзода Шерхон Одина. Приветственное слова и выступление в республиканской научно-практической конференции посвященной 20-летие Конституции РТ на тему «Соблюдение и охрана Конституционных прав и свобод человека и гражданина в процессе собирание и оценка доказательств» от 16 мая 2014 года / Салимзода Шерхон Одина // Законность Теоретической и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан, №5 2014г -С.11-16 (специальный выпуск) (на тадж.язык).
6. Рахимзода Р.Х. Формирование доказательство на основе результаты оперативно-розыскной деятельности: современные проблемы / Р.Х.Рахимзода // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык) –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С.17-20.
7. Абдуллозода Н. Приветственное слова и выступление в республиканской научно-практической конференции посвященной 20-летие Конституции Республики Таджикистан» на тему «Соблюдение и охрана Конституционных прав и свобод человека и гражданина в процессе собирание и оценка доказательств» от 16 мая 2014 года / Н.Абдуллозода // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык). –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С.14-16.
8. Шахидуллозода Мухаммадвалӣ. “Представление и оценка доказательство государственным обвинителем в судебном процессе» Республиканской научно-практической конференции посвященной 20-летие Конституции РТ на тему «Соблюдение и охрана Конституционных прав и свобод человека и гражданина в процессе собирание и оценка доказательств» от 16 мая 2014 года / Шахидуллозода Мухаммадвалӣ // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык). –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С. 80-84.
9. Хомидов Б.Дж. «Обстоятельство положение доказыванию по каждому уголовному делу» / Б.Дж. Хомидов // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык). –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С.42-44.
10. Ходжаева Н.Б. Предмет и пределы доказывания в уголовном процессе (на тадж. языке) / Н.Б. Ходжаева // Вестник Конституционного суда Республики Таджикистан. –Душанбе, 2012. № 1 (1). -С. 63-67.
11. Ходжаева Н.Б. Развитие института доказательства и доказывание по уголовно-процессуальному кодексу Республики Таджикистан / Н.Б. Ходжаева // Материалы нучно-практической конференции на тему: Место право Республики Таджикистан в правовой системе мира” -Душанбе, 27 мая 2015 года. -С.160-172. (на тадж. языке).
12. Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам / П.С. Абдуллоев (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации): монография. – М.: Юрлитинформ, 2016. -С.93.
13. Абдуллоев П.С. Новеллы УПК Республики Таджикистан на понятие «доказательство / П.С. Абдуллоев // Законодательство. №3 (7). -Душанбе, 2012. -С.21-28; Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (по материалам Республики Таджикистан и Российской Федерации): монография / П.С. Абдуллоев. – М.: Юрлитинформ, 2016, -С.80.
14. Гуценко К.Ф. Уголовный процесс: Учебник: / К.Ф. Гуценко.- М.: Зеркало, ТЕИС, 1996. - С.127.
15. Божьев В.П.Уголовный процесс: Общая часть: Учебник / В.П.Божьева. -М.: Спарк, 1997. -С.142.
16. Божьев В.П. Советский уголовный процесс. Учебник / В.П. Божьева.-М.: Юридическая литература, 1990. - С.111.

17. Ходжаева Н.Б. Понятие и виды вещественных доказательств: современные вопросы и перспективы» (на тадж. язык) / Н.Б. Ходжаева // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан). -Душанбе, 2009. № 1. -С.140-142.
18. Ходжаева Н.Б. Источники доказательства в уголовно-процессуальном законодательстве Республики Таджикистан и Федерации России (на тадж. язык) / Н.Б. Ходжаева // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) 3/1 (158). -Душанбе: Сино, 2015. -С.92-101.
19. Доля Е.А. Использование в доказывании результатов оперативно-розыскной деятельности / Е.А. Доля. - М.: Спарк, 1996; Доля Е.А. Формирование доказательств на основе результатов оперативно-розыскной деятельности. Монография / Е.А. Доля.– М.: Проспект, 2009. – 376с.; Кореневский Ю.В. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовным делам. Методиченкое пособие / Ю.В. Кореневский, М.Е. Токарева. -М., 2000.
20. Рахимзода Р.Х. Формирование доказательство на основе результаты оперативно-розыскной деятельности: современные проблемы / Р.Х. Рахимзода // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры РТ) (на тадж.язык). –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С.17-20.
21. Рахимзода Р.Х. Формирование доказательство на основе результаты оперативно-розыскной деятельности: современные проблемы / Р.Х. Рахимзода // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык) –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С.17-20.
22. Махмудов И.Т. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовном делам / И.Т. Махмудов // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык). –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С. 35-41.
23. Ходжаева Н.Б. Проблемы использования результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании / Н.Б. Ходжаева (на тадж. языке) // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал) № 3/8 (150) часть 2. -Душанбе: Сино, 2014, -С. 68-72.
24. Махмудов И.Т. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по уголовном делам / И.Т. Махмудов // Законность (научно-практический и теоретический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан) (на тадж.язык). –Душанбе, 2014. №5 (специальный выпуск). -С.35-41.
25. Абдуллоев П.С. Значение результатов оперативно-розыскной деятельности в процессе доказывания по уголовному делу / П.С. Абдуллоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. № ¾. -Душанбе, 2013. -С.113-122.
26. Ходжаева Н.Б. Использование результатов оперативно-розыскной деятельности в доказывании по УПК государств СНГ» (на тадж. язык.) / Н.Б. Ходжаева // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук (научный журнал) № 3/4 (170). -Душанбе: Сино, 2015. -С.47-50.

## ОИД БА ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ПАДИДАИ ДАЛЕЛ ВА ИСБОТ ДАР МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақола муаллиф паҳлуҳои алоҳидаи падидаи далел ва исботро дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода, дар заминаи омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1961 ва дастовардҳои муосири илми мурофиаи ҷиноятӣ як қатор таклифҳо ҷиҳати такмили танзими ҳуқуқии падидаи далел ва исбот пешниҳод намудаанд.

**Калидвожаҳо:** мурофиаи судии ҷиноятӣ, далел, исбот, танзими ҳуқуқӣ, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мурофиаи ҷиноятӣ.

## О СОВЕРШЕНСТВОВАНИИ ПРАВОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ИНСТИТУТА ДОКАЗАТЕЛЬСТВА И ДОКАЗЫВАНИЯ В УГОЛОВНОМ СУДОПРОИЗВОДСТВЕ

В статье автором рассмотрены отдельные аспекты институтов доказательства и доказывания в уголовном судопроизводстве. На основе изучения и сравнительно-правового анализа УПК РТ 1961 года и современных научных достижений науки уголовного процесса сформулирован ряд предложений по совершенствованию правового регулировании институтов доказательства и доказывания.

**Ключевые слова:** уголовное судопроизводство, доказательство, доказывание, оперативно - розыскная деятельность, сравнительно- правовой анализ, уголовный процесс, сравнительно-правовой анализ, правовое регулирование.

## ON IMPROVEMENT OF LEGAL REGULATION OF THE INSTITUTE OF EVIDENCE AND PROOF IN CRIMINAL PROCEEDINGS

In the article the author examines some aspects of the institutions of evidence and proof in criminal proceedings. Based on the study and comparative legal analysis of the Criminal Procedure Code of the Republic of Tajikistan in 1961 and the current scientific achievements of criminal science, a number of proposals have been formulated to improve the right regulation of institutions of evidence and proof.

**Key words:** criminal justice, evidence, proof, operative - investigative activity, comparative legal analysis, criminal process, comparative legal analysis, legal regulation.

**Сведения об авторах:** ***Ходжаева Н.Б.-*** Таджикский нациальный университет, старший преподаватель кафедры

судебного права и прокурорского надзора юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17..Телефон: **(+8-992-98)-893-99-55**

**Information about the authors:** ***Khodjaeva N.B.*** **-** Tajik National University, senior lecturer of the Department of Judicial Law and Prosecutor's Supervision of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+ 8-992-98) -893-99-55**

**УДК 32.001.(5753)**

## СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ-ТАҚОЗОИ ҶОМЕАИ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Рашидов Ҷамшед***
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ислоҳоти сохти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи шаклдигаргунии ҷомеа маҷмӯи вазифа ва масъалаҳоро дар соҳаи ҳаёти ҳуқуқӣ ошкор намуд. Талабот ба танзими самараноки ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, таъсиси механизмҳои моҳиятан нави батартибандозии ҳуқуқӣ, мавриди истифода қарор додани воситаҳои мувофиқи таъсиррасони ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини интизом, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ зарурати таҳияи сиёсати ҳуқуқии сифатан навро тақозо менамоянд.

Сиёсати ҳуқуқӣ майдони зарурии ҳуқуқиро барои татбиқи ислоҳоти азими иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ислоҳоти сиёсӣ ба вуҷуд меорад, муносибату равандҳои ташаккулёбандаро устувор месозад ва ба мустаҳкамшавии асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлат мусоидат мекунад, ислоҳотҳои дарназар дошташударо ба маҷрои ҳуқуқӣ равона месозад ва ҳамин тавр аҳамияти воситаҳои ҳуқуқиро дар сиёсати татбиқшаванда баланд мебардорад. Дар шароити васеъшавии соҳаи батартибдарории ҳуқуқӣ талабот ба таҷдиди назар ба стратегияи рушди ҳуқуқӣ, шакливазкунии сиёсати ҳуқуқӣ, татбиқи самтҳои афзалиятноки он пайдо мешавад. Ташаккули соҳаҳо ва институтҳои нави ҳуқуқ ва қонунҳои ҷумҳурӣ, қабули санадҳои меъёрию ҳуқуқии нав, ноҳинҷории базаи ҳуқуқӣ, ворид шудани давлат ба майдони ҳуқуқии минтақавӣ (ИДМ) ва байналхалқӣ, эътироф намудани санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ ҳамчун қисми низоми ҳуқуқии миллӣ ташаккули сиёсати ҳуқуқиро талаб мекунанд.

Таъсири ҷаҳонишавӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ, хатарҳои нави глобалӣ ба сифати омилҳое хизмат мекунанд, ки ба коркарди сиёсати ҳуқуқии устувор ва серамал водор месозанд. Хатари экстремизми сиёсӣ ва динӣ, терроризми байналхалқӣ, эҳтимоли мураккабшавии вазъ дар минтақа, дар кишвари Афғонистони ҳамсоя ва Сурия, мураккабшавии масъалаҳои геополитикӣ, энергетикӣ ва дигар мушкилот, мақсадҳои нави стратегии давлат– истиқлолияти энергетикӣ, бехатарии озуқавӣ ва баромадан аз сарбастагии (бумбастӣ) коммуникатсионӣ, тасҳеҳи сиёсати ҳуқуқиро тақозо доранд.

Дар шароити кунунӣ вазифаи рӯзмарра масъалаи таъмини манфиатҳои миллӣ, аз ҷумла, дар соҳаҳои иқтисодӣ, энергетикӣ, иттилоотӣ, озуқаворӣ мебошад. Васеъшавии ҳамкории байналхалқӣ ва минтақавӣ (дар доираи ИДМ, СҲШ ва ғайра) дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, аъзошавии Тоҷикистон бо Созмони Умумиҷаҳонии Савдо модернизатсияи сиёсати ҳуқуқиро талаб мекунанд. Бо назардошти ин мо зарур шуморидем дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои сиёсати ҳуқуқии давлатро баррасӣ намоем.

Вожаи серистеъмоли “сиёсат” доимо дар гӯши одамон садо медиҳад. Вале, чуноне дар адабиёти илмӣ қайд мегардад, “фаҳмиши сиёсат ҳоло ҳам бештар ҳархела ва

гуногунмаъно мебошад, ки бо мураккабӣ ва гуногуншаклии воқеияти сиёсӣ шарҳ дода мешавад” [1].

Ҳаёт ба сиёсат кашида шудааст, вале сатҳу амиқии дарки падидаи мазкур дар табақаҳои гуногуни ҷамъият якхела нест. Дар айни замон муҳиммият ва аҳамияти амалии сиёсатро ҳама мефаҳманд.

Сиёсати босамар, оқилона ва дурандешона гарави пешрафт ва некуаҳволии миллат, босуботии ҷамъият мебошад. Дар сиёсат муҳимтарин чиз ҳокимияти давлатӣ, яъне ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи он мебошад. Неруҳои дигари ҷамъият, ҳизбҳо, ҳаракатҳо одатан барои ба даст овардани ҳокимият мекӯшанд, барои ҳокимият ё назорат аз болои он, иваз намудани самт, қонеъ кардани талаботҳои барномавии худ мубориза мебаранд.

Дар тарҷумаи таҳтуллафзӣ вожаи “политика” (аз юнонӣ “politiky”) “он чизе, ки ба давлат, сохт, моҳият, шакл, мундариҷа ва рушди он дахл дорад”, ифода меёбад. Баёни бештар пурра, системавии аломатҳои асосӣ, хусусияту сохти давлатиро дар қатори Афлотун, Арасту дар асари маъруфи худ иборат аз ҳашт китоб бо номи умумии “Политика” додааст. Маҳз Арасту асосҳои аввалини сиёсатро чун санъати бурдани корҳои давлатӣ гузоштааст. Айни ҳол қайд кардан бамаврид аст, ки давлат дар он замон асосан чун давлат-шаҳр (полис) фаҳмида мешуд, на дар намуди ҳозираи он. Вале нуқтаҳои асосии таълимоти Арасту имрӯз низ қобили қабуланд.

Бояд зикр намуд, ки ҳамаи амалҳое, ки институтҳои давлатӣ иҷро мекунанд, дар асоси санадҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ қабул гардида, амалӣ мешаванд.

Ба ақидаи мо, сиёсати ҳуқуқӣ ин маҷмӯи идеяҳо, чораҳо, вазифаҳо, усулу дастурҳои дар соҳаи амали ҳуқуқ ва тавассути ҳуқуқ мебошад, ки соҳаи муносибатҳо, алоқаҳо ва манфиатҳоро дар назар дорад, ки мафҳуми “фазои ҳуқуқӣ”-ро дар бар мегирад ва ба таври объективӣ ба муназзамсозии бавосита аз ҷониби ҳокимияти расмӣ эҳтиёҷ дорад, то онро аз ҳодисаҳо ва худсарии одӣ то болотаринаш ҳимоя намояд.

Сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат ба воситаи ҳуқуқ, меъёрҳои он, пеш аз ҳама, Конститутсия амалӣ мегардад; дар шакли қонунгузорӣ ифода меёбад ва ба имконияти маҷбуркунӣ аз тарафи “дастгоҳи махсус” такя мекунад. Он ҳамчунин дар принсипҳо ва стандартҳои байналхалқӣ-ҳуқуқӣ, ки аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳия гардидааст, асос меёбад. Худи сохти давлатӣ бе ҳуқуқ, берун аз доираи ҳуқуқ номумкин аст.

Дар қатори “иқтисодиёти пинҳонӣ”, ки пештар ҳам вуҷуд дошт, “сиёсати пинҳонӣ”, “ҳокимияти пинҳонӣ”, “батартибдарории пинҳонӣ”, “адлияи пинҳонӣ” пайдо шуданд, ки дар ниҳояти кор ба “давлати имконӣ” меоранд. Дар айни ҳол ҳар як давлати тараққикардаи Ғарб қариби 15-20 қонуни ҳатмии иқтисодӣ дорад, ки бе онҳо на бозор, на фаъолияти муътадили ҷомеа номумкин аст. Ин ҷо нақши махсусро бояд сиёсати ҳуқуқии дақиқ фикркардашуда ҳамчун шакли баёни расмии манфиатҳои давлат иҷро намояд.

Дар замони ҳозира ҳанӯз хусусиятҳои асосӣ, таъйинот ва имконияти шаклҳои ҳуқуқӣ дар шароитҳои нав дарк карда нашудаанд. Чуноне маълум аст, иқтисодиёт, аз ҷумла иқтисодиёти бозоргонӣ, системаи муайяни истеҳсолот, мубодила ва истеъмоли неъматҳои моддӣ мебошад. Ва ҳамаи ин раванд ба ҳар ҳол “либоси ҳуқуқӣ”-ро мепӯшад, бо мақсади ба он додани рушди устувор ва бемонеа ба чорчӯбаи хирадмандона дароварда мешавад. Он “бе мақсаду маром” бомуваффақият фаъолият карда наметавонад.

Бозорро на танҳо дасти ноаёни манфиатҳои иқтисодӣ (Адам Смит), балки санадҳои ҳуқуқии комилан ламсшавандаи “қоидаҳои бозии” умумиро муқарраркунанда идора мекунанд. Ва ин сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Бозор набояд “ваҳшӣ”, ҷиноятӣ бошад, он бояд

муқаррарӣ, мутамаддин, бо рақобати солим бошад. Чунин бозор дар мамлакатҳои мутараққии Ғарб мавҷуд аст.

Албатта, сиёсати ҳуқуқии ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин сиёсати давраи гузариш мебошад. Бо ин махсусият ва бисёр норасоиҳою камбудиҳо, номураттабӣ шарҳу эзоҳ дода мешавад. Дар он тамғаи шитобкорӣ, "ҳолати садамотӣ", бетаҳаммулӣ ё, баръакс, нуқсон, қафомонӣ акс ёфтааст. Давраи гузариш, одатан, ноустувор, тағйирёбанда, ихтилофнок мебошад. Ва он тамоми тарзи ҳаракати ҷамъиятро муайян мекунад.

Дар давлати ҳуқуқбунёд бояд қонун ҳукмфармо бошад, на гурӯҳҳо ва қавмҳо. Ё чуноне И.Ю Козлихин менависад, бояд "ҳукмронии ҳуқуқ" [4, с. 135-180] ҷой дошта бошад. Ҳуқуқшиноси маълуми олмонӣ Отфрид Хёффе чунин меҳисобад, ки "адлия ба ҷойи Левиафана" [9, с. 3-6] касе ё чизе, ки аз рӯйи ҷусса ва нерӯйи худ ба ҳайрат меандозад, "аз номи махлуқи аъҷубаи китоби муқаддаси Таврот ва Инҷил" [6, с.780]. Ба мамлакат ҳокимияти қавии қобили амал зарур аст. На камтар, балки бештар ба он конунҳои босамар заруранд, ки ҳама онҳоро риоя кунанд ва худи ҳокимиятро побанд кунад, "дар доираи қонун нигоҳ дорад", агар сухан дар бораи давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ равад. Дар ҳақиқат ин ҳоло вуҷуд надорад. Дар ин қарина фикр дар бораи он мубрамият дорад, ки "ҳамаи ҳокимият бояд ба ҳуқуқ тааллуқ дошта бошад" [10].

Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисми ягонаи сиёсати умумидавлатӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси Миллӣ, Ҳукумати ҷумҳурӣ, Суди Конститутсионӣ, корпуси вакилон, кумитаҳои парламент, муассисаҳои илмӣ, мақомотҳои қонунбарор (намояндагӣ) ва иҷроияи вилоятӣ, ҳамаи онҳое, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунбарориро доранд, таҳия карда мешавад [5]. Дар ташаккули ин сиёсат ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳаракатҳо, иттиҳодияҳо, олимон, ҳамчунин шаҳрвандон на бевосита, балки тавассути воситаҳои расмӣ ва институтҳо, ба воситаҳои матбуот ширкат меварзанд.

Дар ин раванд нақши муҳимро мақомотҳои судӣ, прокуратура, тафтишотӣ ва дигар идораҳои адлия бо таҷрибаҳои бойи ҳифзи ҳуқуқ, истифодаи ҳуқуқ ва иҷроиши ҳуқуқ мебозанд. Онҳо бисёр вақт сиёсати ҳуқуқии амаликунандаи худро саҳеҳ мекунанд, қобили ҳаёт ва самаранок будани онро тафтиш мекунанд, дар он тарафҳои заиф ва пурқувватиро ошкор месозанд, тавсияву пешниҳодҳои заруриро барои мукаммалсозии он таклиф мекунанд. Имкониятҳо барои гузаронидани серамалии бештар бо сабаби татбиқи бевоситаи Конститутсия хеле афзуданд, ҳарчанд ин ҷо метавонад хароҷоту сӯистифодаҳои ҷиддӣ ҷой дошта бошанд.

Ҳамаи субъектҳои дар боло номбаршудаи ташаккулдиҳандаи сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчунин ба ҳайси субъектҳои татбиққунандаи он баромад мекунанд. Дигар хел шуда ҳам наметавонад, зеро ин ҷо фаъолияти худи таҳиякунандагон ва иҷрокунандагон ягонагии комилро нишон дода, ба ҳамдигар мувофиқ меоянд. Вале ҷорикунандаи асосии сиёсати ҳуқуқӣ, ташкилкунанда ва танзимкунандаи он дар ҳар сурат давлат бо дастгоҳи тавоно ва вазифаҳои омирона мебошад.

Аз тарафи дигар, сиёсати ҳуқуқӣ танҳо дар он ҳолат самаранок шуда метавонад, ки агар он ба ҳокимияти мустаҳкам, қонунӣ ва бонуфуз такя кунад. Дар асл, ҳокимият ва ҳуқуқ, ҳамдигарро барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ дастгирӣ карда ва бо худ ҳамкории зич намуда, доимо қатори якдигар мерафтанд. Ин барои вазъияти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон хос аст, ҳарчанд мувофиқати зарурӣ ин ҷо нокифоя аст. Ин афзалияти муҳимро дар оянда бояд татбиқ кард. Маълум аст, ки ҳокимияти аз ҳуқуқ маҳдуд набуда хавфнок аст, ҳуқуқи аз ҷониби ҳокимият таъмин нагашта заиф аст. Ҳардуи ин манбаъ

бояд ба таври синхронӣ ҳамдигарро пурра кунанд.

Он нуқтаро бояд қайд намуд, ки моҳиятан дилхоҳ сиёсати хирадмандона ба он маъно ҳуқуқӣ бошад, ки ба меъёрҳои ҳуқуқӣ мувофиқат кунад, ҳамеша дар фазои ҳуқуқӣ бошад, ба стандартҳои байналхалқӣ, идеяҳои ҳуқуқи инсон ҷавобгӯ бошад. Дар акси ҳол он рӯзе ба худсарӣ ва зулм, амалҳои ғайриинсонӣ мубаддал мешавад. Олими маълуми рус В.С. Соловёв таъкид мекард: "Дар ҳолате ки агар Русия аз ҳуқуқи зӯрӣ даст накашад ва ба қувваи ҳуқуқ бовар накунад, агар самимӣ ва сахт озодии маънавӣ ва ҳақиқатро нахоҳад, он ҳеҷ вақт комёбии пойдорро на дар корҳои дохилӣ ва беруна ноил намегардад" [8, с. 17-18].

Ҳамин тариқ аён мегардад, ки роҳандозии дурусти сиёсати ҳуқуқии давлат метавонад дар замони муосир барои такмили низоми ҳуқуқии давлат мусоидат намояд. Имрӯзҳо дар кишвар барои амалӣ гардонидани сиёсати ҳуқуқии давлат Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати сохтори тавлидкунанда ва танзимкунандаи асосӣ нақши муассир мегузорад, ҳарчанд ки мушкилотҳои татбиқи он такмилу инкишофро тақозо мекунанд.

Дар ҷомеаи мутамаддини ҳуқуқӣ маҳз Вазорати адлия звенои роҳбарикунанда дар гузаронидани сиёсати ҳуқуқии давлат ба ҳисоб меравад. Бояд пиндошт, ки Вазорати адлияи нав таъсисёфта метавонад диди худро оид ба мушкилоти дар ин соҳа ҷойдошта мухтасар ифода кунад. Дар ин маврид дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 омадааст: "Ба хотири рушди минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ супориш дода мешавад, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия карда, ба Ҳукумат пешниҳод намоянд"[7].

Хушбахтона, имрӯзҳо тадриҷан дар мафкураи сиёсатмадорони тоҷик андешаи такмили сиёсати ҳуқуқӣ ҷой гирифта истодааст ва паҳлуҳои гуногуни он то дараҷае аз ҷониби олимони бахши сиёсат ва ҳуқуқ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтаанд. Ҷомеаи тоҷик низ дар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқии давлат дар замири иштироки фаъолонаи худ барои такмили низоми ҳуқуқӣ саҳми фаъол дорад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳандозии сиёсати муносиби ҳуқуқӣ аз ҷониби давлат, ки имрӯзҳо пайваста дар ташаккул қарор дорад, метавонад дар интиҳо барои рушди ҳамаҷонибаи кишварамон мусоидат намояд.

**АДАБИЁТ**


1. Демидов Л.И. Мир политических ценностей / Л.И. Демидов // Правоведение. 1997. -№ 4. [электронный ресурс]. URL: http://bibliotekar.ru/teoria-gosudarstva-i-prava-1/126.htm(санаи истифодабарӣ: 19.12.2017.
2. Демидов Л.И. Основы политологии. / Л.И. Демидов, А.А. Федосеев. -М. 1995. [электронный ресурс]. URL:bookwu.net/book_teoriya-gosudarstva-i.../128_1.-obshhaya-harakteristika-politik(санаи истифодабарӣ: 12.02.2018).
3. Зежин Д. Основы политологии / Д. Зежин. -Ростов н/Д, 1996. С. 4 [электронный ресурс]. https://studme.org/76875/ sotsiologiya/ osnovy politologii (санаи истифодабарӣ: 10.01.2018).
4. Козлихин И.Ю. Право и политика: дис. док. юри. наук: 12.00.01 / И.Ю. Козлихин. -СПб., 1994. – 291 с.
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=1 (санаи истифодабарӣ: 28.12.2017)
6. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. -М.: 1980. – 780 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2016 [манбаи электронӣ]. URL: http://president.tj/node/13739 (санаи истифодабарӣ: 15.10.2017.
8. Пугачев В.П. Введение в политологию / В.П. Пугачев, А.И. Соловьев. Аспект Пресс. -М., 1998. -С. 17 – 18.
9. Хёффе О. Политика Право. Справедливость / О. Хёффе; пер. снем. -М., 1994. -С. 3–6.
10. Селезнев Г.Н. Вся власть – закону. Учебники по правов / Г.Н.Селезнев. - М., 1998. -С.56.
11. Белов Г.А. Политология / Г.А. Белов, К.С. Гаджцев. Политическая наука. -М., 1995. [электронный ресурс]. URL: http://bibliotekar.ru/teoria-gosudarstva-i-prava-1/126.htm (санаи истифодабарӣ: 19.12.2017)


**СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ - ТАҚОЗОИ ҶОМЕАИ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ МУОСИР**


Мақола ба таҳлили хусусиятҳои масъалаи сиёсати ҳуқуқӣ дар ҷомеаи навини тоҷик бахшида шудааст. Дар он муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки маҷмӯи вазифа ва масъалаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, раванди ислоҳоти

сохти ҷамъиятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи шаклдигаргунии ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор диҳад. Дар мақолаи мазкур махсусан масъалаҳои талабот ба танзими самараноки ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, таъсиси механизмҳои моҳиятан нави батартибандозии ҳуқуқӣ, мавриди истифода қарор додани воситаҳои мувофиқи таъсиррасони ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, таъмини интизом, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, зарурати таҳияи сиёсати нави ҳуқуқӣ баррасӣ мешаванд.Муаллиф ақидаи худро оид ба фаҳмиши сиёсати ҳуқуқӣ пешниҳод карда, қайд менамояд, ки он маҷмӯи идеяҳо, чораҳо, вазифаҳо, усулу дастурҳои дар соҳаи амали ҳуқуқ ва тавассути ҳуқуқ мебошад, ки соҳаи муносибатҳо, алоқаҳо ва манфиатҳоро, ки мафҳуми “фазои ҳуқуқӣ”-ро дар бар мегирад ва ба таври объективӣ ба муназзамсозии бевосита аз ҷониби ҳокимияти расмӣ эҳтиёҷ дорад, то онро аз “ҳодисаи одӣ ва худсарии одӣ” эмин дорад. Дар мақола нақши муҳимми мақомотҳои судӣ, прокуратура, мақомоти тафтишотӣ ва дигар идораҳои адлия дар саҳеҳсозию истифодаи ҳуқуқ ва иҷроиши ҳуқуқ махсус қайд гардидааст. Зеро дар фаъолияти худ онҳо қобили ҳаёт ва самаранок будани сиёсати ҳуқуқиро тафтиш намуда, дар он тарафҳои заиф ва пурқувватро ошкор месозанд, тавсияву пешниҳодҳои зарурир о барои мукаммалсозии он таклиф мекунанд, зеро эҳтиром нисбат ба ҳуқуқ танҳо ҳамон вақт ҷо дошта метавонанд, ки ҳуқуқ аз ҷониби ҳокимият эҳтиром карда шавад.

**Калидвожаҳо:** сиёсати ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, стандартҳои байналхалқӣ, ислоҳоти сохти ҷамъиятӣ, соҳаи ҳуқуқӣ, институтҳои ҳуқуқӣ.

## ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА ТРЕБОВАНИЕ ТАДЖИКСКОГО ОБЩЕСТВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

Статья посвящена анализу особенностей проблемы правовой политики в новом формирующемся таджикском обществе. В ней автором предпринята попытка исследовать совокупность задач и проблем правовой жизни, процесс реформирования общественного строя в Республике Таджикистан на переходном этапе развития. В данной статье большое внимание уделено вопросам требования к эффективному упорядочению новых правовых общественных отношений, созданию и систематизации по сути новых правовых механизмов, применению соответствующих средств правового воздействия, защиты прав человека, обеспечению дисциплины, законности и правопорядка, повышению уровня правовых и культурно-правовых взглядов, необходимости разработки качественого новой правовой политики. Автор, предлагая свою точку зрения относительно правовой политики, отмечает, что она есть совокупность идей, мер, задач, методов и рекомендаций в сфере действий права и посредством права, охватывающая сферу отношений, связей и интересов понятия “правовое пространство”, и нуждается в объективном регулировании непосредственно со стороны официальной власти, чтобы гарантировать её “от обыденного события и обыденного самоуправства”. В статье особо отмечается важная роль органов суда, прокуратуры, следствия и юстиции в совершенствовании использования права и его выполнения, ибо в своей работе они, проверяя живучесть и эффестивность правовой политики, выявляют свои слабые и сильные стороны, предлагают необходимые рекомендации для её совершенствования, так как уважение по отношению к праву укорениться только тогда, когда власть проявляет уважение к праву.

**Ключевые слова:** правовая политика, правовые нормы, международные стандарты, реформа общественного строя, правовая сфера, правовые институты.

## LEGAL POLICY OF THE TAJIK SOCIETY IN MODERN CONDITIONS

The article is devoted to the analysis of the peculiarities of the problem of legal policy in a new emerging Tajik society. The author made an attempt to investigate the totality of the problems and the problems legal of life, the process of the reforming the system of the social in the Republic of Tajikistan in the transitional stage of the development. This article focuses on the requirements for effective regulation of the new social relations, the creation and systematization of essentially new legal mechanisms, to use of the appropriate means of the legal influence, the protection of the human rights, ensuring discipline, the rule of the law and order, raising the level of legal and cultural-legal views, it needs to develop the qualitative of the new legal policy. The author, proposing his point of view on legal policy, he notes that it is a set of ideas, measures, tasks, methods and recommendations on the field of the law and law, covering the sphere of the relations, connections and interests of the concept of "legal space", and needs an objective regulation directly by the official authorities to guarantee it "from ordinary events and ordinary arbitrariness."

The article highlights the important role of the organs of the court, the prosecutor's office, the investigation and justice to improving to use the law and its implementation, because it checks their strengths and effectiveness, identify their weaknesses and strengths, offer the necessary recommendations its improvement, for them so as respect for the right to take root only when the government shows respect for the law.

**Свидания об авторе:** ***Рашидов Джамшед*** – Кулябский государственный университет им.А.Рудаки соискатель кафедры истории, права и политологии. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан**,** Хатлонская область, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16. E-mail: **rashidzoda86@mail.ru.**Телефон: **918 35 51 21.**

**Information about the author:** ***Rashidov Jamshed*** – Kulyab state University.A. Rudaki is a candidate of the Department of history, law and political science. **Address:** 735360, Tajikistan, Khatlon oblast, Kulyab city, Safarov str., 16
E-mail: **rashidzoda86@mail.ru**.Tel: **918 35 51 21.**

УДК: 316. 36 (575.3)

# НЕКОТОРЫЕ ПРИЧИНЫ РАННИХ БРАКОВ И ИХ СОЦИАЛЬНЫЕ ПОСЛЕДСТВИЯ В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Гоибзода М.А., Гаибов А.Г., Ганиева М.Х., Лукьянов Н.Б.***

**Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова АН РТ,**

**ГУ «НИИ медико-социальной экспертизы и реабилитации инвалидов»,**

**ГУ «Национальный центр репродуктивного здоровья»,**

**ГУ «НИИ профилактической медицины Таджикистана» Министерства здравоохранения и социальной защиты населения Республики Таджикистан**

**Актуальность.** Ранние браки представляют собой сложную проблему, на которую продолжают оказывать влияние не только социально-экономические условия той или иной страны, но и культурные, в том числе религиозные взгляды на роль полов, половую жизнь и детородный возраст [1, с.214]. Брак регулируется обычаями, традициями, религией и правовыми нормами [6, с.202]. В связи с этим, важным условием его заключения практически всегда было достижение минимального возраста, определенного государственным законодательством или религиозными канонами [2, с.37]. Наиболее низкий порог у мусульман: 12 лет - для мужчин и 9 лет - для женщин, самый высокий в мире - у буддистов Китая, для которых он составляет 22 и 20 лет, соответственно.

Реформы последних лет повлекли за собой формирование рыночного сознания, что не могло не отразиться на отношении молодежи к семье и семейным ценностям - браку, детям, любви, дому, семейному общению и т.д. [5, с. 68].

Ранние браки, прежде всего, вредны для девочек, причем не только эмоционально, но и физически [3, с.20]. Ранняя половая жизнь приводит к нарушению гормональной регуляции репродуктивной системы, которая в этом возрасте только налаживается [8, с.38]. В Таджикистане их выделяют в особую социальную группу, так как в силу своего возраста супруги не способны самостоятельно принимать правильное решение, и поэтому ранние браки признаны как нарушение прав и свободы человека. При этом, следует отметить, что в столице и в регионах страны они несколько отличаются друг от друга по своим взглядам на создание семьи.

Современные аспекты добрачного сексуального и репродуктивного поведения отражают ослабление ценностей традиционной семьи, основанной на единстве отношений супружества, родительства и родства [11, с.105].

К тому же, либерализация брачно - семейных отношений отразилась и на установках молодежи. Все больше молодых людей предпочитают не вступать в брак в начале своих отношений или вовсе не оформляют их официально [1, с. 215]. В то же время жизнь, прежде всего молодой семьи, характеризуется материальными и духовными процессами, неизбежно отражая происходящие изменения в наиболее уязвимой части общества [10].

4. Маҳмадов А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ / А.Н.Маҳмадов. -Душанбе, 2016. –280 с.
5. Назри Яздон. Ҳикмати озодагон / Н. Яздон. – Душанбе, 2009. – 160 с.
6. Олимов К. Роҳҳои маъқул ва воқеии амалисозии чорабиниҳо ҷиҳати эҷоди боварӣ / К. Олимов // Муколама бо роҳи амал: таҷрибаи тоҷикон. – Душанбе, 2008. –С.14-28.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013.
8. Хидирзода М.У. Истиқлолият ва стратегияҳои муваффақ / Хидирзода М.У. – Душанбе, 2017. – 180 с.
9. Шарипов И. Становление таджикской государственности / И.Шарипов. – Душанбе, 2013. – 290 с.
10. Эмомали Рахмон. 1100-летия образования государства Саманидов. В книге: 1100-летия образования государства Саманидов. –СПб., 1999.
11. Эмомали Рахмон. Таджики в зеркале истории / Э. Рахмон. -Книга первая: От Арийцев до Саманидов. – Душанбе: Лондон, 1999. – 240 с.


## ТАҲАВВУЛОТИ СИСТЕМАИ СИЁСӢ ВА ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ МИЛЛӢ


Таҳлили масъалаи таҳаввулоти системаи сиёсӣ ва ташаккули давлати миллӣ нишон дод, ки ин раванд марҳилаи дурударози таърихиро дар бар гирифта, хусусияти муттасил дорад. Дар ин ҷараён тамоми муносибатҳои мавҷудаи ҷамъиятӣ дигаргуниҳои заминавиро аз сар гузаронида, ҷомеаро барои гузариш ба тарзи нави муносибатҳо ва шинохти нави масъулият омода мекунад. Ташаккули давлатдории миллӣ ҳамчун василаи муҳим дар самти таҳкими ҳувияту асолати миллӣ барои ҳар як миллат аҳамияти калон дошта, ҷанбаҳои муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангиро доро мебошад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки моҳият, хусусият ва нишонаҳои давлати миллиро муайян намояд. Ба андешаи муаллиф, яке аз аломатҳои асосии давлатдории миллӣ истиқлолияти миллию сиёсӣ мебошад, ки маҳз дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат имконияти дар амал татбиқ намудани мақсадҳои миллӣ ва ташаккули андешаи миллӣ имконпазир мегардад. Дар заминаи ин гуна омӯзиш дар мақолаи мазкур дар заминаи таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ раванди

таҳаввулёбии системаи сиёсӣ нишон дода шудааст. Муаллиф муътақид аст, ки дигаргуншавии системаи сиёсӣ аз як қатор омилҳои муассир, пеш аз ҳама, аз давлатдории миллӣ ва раванди ташаккулёбии он вобастагии зиёд дорад. Зеро дар шароити давлатдории миллӣ ва махсусан дар раванди истифодаи манбаъҳои дохилӣ марҳила ба марҳила рушду инкишофи ҷомеа таъмин гардида, дар зери таъсири он дигаргуниҳои таркибии системаи сиёсӣ низ ба амал меоянд.

**Калидвожаҳо:** системаи сиёсӣ, давлати миллӣ, истиқлолият, таҳаввулоти системаи сиёсӣ, тағйироти сохтории системаи сиёсӣ, мақсадҳои миллӣ.

## ЭВОЛЮЦИЯ ПОЛИТИЧЕСКОЙ СИСТЕМЫ И ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

Анализ проблемы эволюции политической системы и формирования национального государства показал, что этот процесс охватывает долгий исторический период. В течение этого процесса все существующие общественные отношения проходят трансформацию и готовят общество к признанию нового типа ответственности. Формирование национального государства как важный фактор этап укрепления национальной идентичности имеет важное значение для каждой нации, охватывая актуальные политические и социокультурные аспекты. Автор старается определить сущность, особенность и отличительные черты национального государства. По поводу автора, одно из основных признаков национальной государственности является национально-политическая независимость, который только в условиях независимости страны реализация национальных целей и формирования национальной идеи стануть возможным. На основе этого изучения в данной статье автор анализируя и рассматривая научную литературу, показывает процесс эволюции политической системы. Автор уверень, что изменение политической системы зависет от ряд факторов, которые среди них национальное государство и процесс его формирования занимает особое место. Потому, что в условиях национальной государственности и особенно в процессе использования внутренных ресурсов обеспечивается поступательное развитие общества и под его влиянием происходит структурные изменения политической системы.

**Ключевые слова**: политическая система, националное государство, суверенитет, эволюция политической системы, структурные изменения политической системы, национальные целы.

## EVOLUTION OF THE POLITICAL SYSTEM AND THE FORMATION OF A NATIONAL STATE

An analysis of the problem of the evolution of the political system and the formation of a national state has shown that this process covers a long historical period. During this process, all existing social relations are transformed and prepare the society for recognition of a new type of responsibility. The formation of a national state as an important factor in the stage of strengthening national identity is of great importance for each nation, embracing topical political and socio-cultural aspects. The author tries to determine the essence, peculiarity and distinctive features of the national state. In occasion of the author, one of the basic signs of national statehood is the national-political independence, which only in the conditions of independence of the country the realization of national goals and the formation of the national idea become possible. Based on this study in this article, the author analyzing and reviewing scientific literature shows the process of evolution of the political system. The author is sure that the change in the political system depends on a number of factors that the national nation state and the process of its formation occupy a special place. Because in conditions of national statehood and especially in the process of using internal resources, the society develops progressively and under its influence structural changes in the political system take place.

**Key words:** political system, national state, sovereignty, the evolution of the political system, structural changes in the political system, national goals.

**Сведения об авторе:** ***Шерматов Бахром Гурезович*** – Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, соискатель кафедры политиологии.. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 121. Телефон:: **+992 918 674864.**

**Information about the author:** ***Shermatov Bahrom Gurezovich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, competitor of the Department of Political Science. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. Tel. mob: **+992 918 674864.**

**УКД: 329.051+ 329.058**

# НАҚШ ВА МАВҚЕИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ҶОМЕА ВА АЛОҚАМАНДИИ ОНҲО БО ДАВЛАТ

*Муҳабатов А.М.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи демократӣ нисбат ба дигар ташкилотҳои оммавию ҷамъиятӣ баландтар буда, пешравии ҷомеа аз фаъолияти онҳо вобаста аст. Бинобар ин, бисёрҳизбӣ яке аз рукнҳои муҳимми давлати демократӣ ба шумор рафта, фаъолияти онҳо принсипи муҳимми ҷомеаи демократӣ мебошад [3, с.19]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нуфузи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа рӯз то рӯз афзуда истодааст. Ҳоло ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон кӯшиш мекунанд, ки дар раванди демократикунонии ҷомеа ҳиссаи худро гузоранд, ки дар ин раванд бунёди давлати демократӣ ҳадафи асосии онҳо ба шумор меравад [2, с.105].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷиҳати тадбиқи равандҳои демократӣ ва гуногунандешии сиёсӣ мавқеи хосса дошта, дар инкишофи ҳизбҳои сиёсӣ ба натиҷаи назаррас ноил гаштааст. Махсусан дар тадбиқи рисолати давлати соҳибистиқлол ҳизбҳои сиёсии мақсади созанда дошта корҳои зиёдеро ба анҷом расонида истодаанд.

Фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Конститутсия - Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 28) ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» муайян гардида, ба танзим даровarda мешавад [1, с.17].

Омили асосии таъсис додани ҳизб аз манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии ҷомеа вобаста аст. Чунки ҳар як шахс қобили тафаккури сиёсӣ, маданияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Дар ҳамин асос гурӯҳҳои гуногуни манфиатдор дар идоракунии ҷомеа иштирок мекунанд, ки ба он Конститутсия кафолати ҳуқуқӣ медиҳад. Чунин ҳолат барои ҳизбҳои сиёсӣ имконияти реалӣ медиҳад, ки дар ҷомеа барои амалӣ кардани мақсадҳои барномавии худ мубориза баранд.

Ҳизбҳои сиёсии имрӯза дар Тоҷикистон дигар он ҳизбҳое нестанд, ки ба ҳокимият масъала ва монеа эҷод кунанд ва ба амнияти давлат ва ҳокимият таҳдид намоянд. Ҳокимияти сиёсии пурқувват ва легитимӣ ҳамеша барои созмонҳои сиёсӣ роҳи фаъолияти сиёсиро муайян мекунад ва бо онҳо дар таҳкими ҷомеа бо ҳамдигар амали якҷоя мебарад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ҳизбҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки фаъолияти сиёсӣ ва муборизаи сиёсии онҳо бештар хусусияти даврагӣ ва замонавӣ дорад. Хусусияти даврагӣ ва замонавии фаъолияти ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар марҳилаҳои интихобот дар сатҳҳои гуногуни интихобот ба шохаҳои ҳокимият ҷоннок шуда ва муборизаҳои сиёсии байни онҳо тезутунд мегардад.

Дар байни ҳизбҳои гуногуни Тоҷикистон, махсусан байни Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон, собиқ Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон дар раванди маъракаҳои пешазинтихоботӣ тезутундгардии муборизаҳои сиёсӣ мушоҳида карда мешуд. Даъвоҳои беасоси ҳокимиятхоҳии ин ду ҳизби охир мушоҳида мегардид. Талошҳо барои ҳокимият аз ҷониби ин ду ҳизб зиёд буд. Ташаккул ва инкишофу воридшавии ҳизбҳои сиёсӣ ба майдони сиёсат ва талошҳо барои ҳокимият аз диду нигоҳи мардум дур набуд ва имрӯзҳо низ ба онҳо таваҷҷуҳи хосса доранд.

Бояд зикр кард, ки мубориза барои ташкил кардани системаи бисёрҳизбӣ ҳанӯз пеш аз Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Тоҷикистон сар шуда буд, ки ин раванд аввалин қадам роҳ ба сӯйи ҷомеаи демократӣ ва гуногунандешии сиёсӣ гардид. Маҳз гуногунандешии сиёсӣ ба сифати яке аз омилҳои муҳимми ташаккулёбии системаи бисёрҳизбӣ гашт ва ҷомеаи Тоҷикистон аз системаи яккаҳизбӣ ба системаи бисёрҳизбӣ гузашт.

Дарки баланди шуури сиёсии омма, гуногунандешии сиёсӣ ва раванди бисёрҳизбӣ дар ҷомеа омилҳои боэътимоди мавҷудияти демократия, озодӣ ва инкишоф буда, барои

ташаккули мусбии ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқӣ мусоидат мекунанд [6, с.335]. Имрӯз зарур аст, ки ҳамаи он созмонҳои ғайридавлатии характери сиёсӣ дошта, дар баланд бурдани шуури сиёсии ҷомеа мавқеи устувор дошта бошанд ва корҳои ташвиқу тарғибро хуб ба роҳ монанд, то ин ки оромии ҷомеа таъмин гардад. Агар фаҳмиши сиёсии мардум баланд гардад, дарки мақсад, моҳият ва фаъолияти ҳукумат барояшон ҳамон қадар осонтар мегардад ва тавозуни муносибатҳои байни ҳокимият ва ҳизбҳои сиёсию ҷомеа барқарор мегардад.

Албатта, яке аз хусусиятҳои муҳим ва аслии ҷомеаи демократӣ ин мавҷуд будани оппозитсияи сиёсӣ мебошад. Ба андешаи мо, оппозитсияи созанда рақиби арзандаи неруи сиёсиест, ки дар сари ҳокимият қарор дорад ва сазовори эътирофу эҳтиром, дастгирию пуштибонӣ ва ҳамкорист бо дигар қувваҳои сиёсӣ [2, с.100]. Дар асл, агар оппозитсияи сиёсӣ дар ҷомеа, бахусус дар идоракунӣ, истифодаи бомарому мақсадноки сарватҳои табиӣ, ногоҳ доштани тавозуни манфиатҳои дохилӣ ва берунии миллӣ, истифодаи имкониятҳои захираҳои зеҳнӣ бо давлат фаъолияти якҷоя дошта бошад. Аз таҷрибаи сиёсӣ маълум аст, ки ҳизбҳои сиёсии хосияти оппозитсионидошта дар аксари мавридҳо фаъолияти худро аз танқиду маломати ҳокимият шурӯъ мекунанд ва дар натиҷа роҳи мусолиҳа ва ҳамкорӣ барояшон баста мегардад. Муносибатҳои тарафайни байни давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ бояд характери ҳамкориро дар доираи риояи статускво, яъне давраи муайянро дошта бошад.

Баъдан, дар муносибатҳои байниҳамдигарии давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ бояд як навъ одоби тарафайн риоя карда шавад, ки он сатҳи маданияти сиёсии системаи сиёсии ҷомеа бармеояд. Аз ин лиҳоз, дар системаи бисёрҳизбӣ фаъолияти ҳизбҳои оппозитсионӣ ҳатмист ва махсусан ҳизби сиёсие, ки фаъолияти он хусусияти созандагӣ дорад, барои ҷомеа метавонад хизмати арзанда намояд. Зикр бояд кард, ки созандагии рафтор ва амали намояндагони ҳизби оппозитсионӣ раванди пешравии ҷомеаро метезонад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Анҷумани IV-уми ҲХДТ иброз намуда буданд, ки: «…оппозитсия бояд нияти нек ва созанда дошта бошад. Фақат дар ҳамин сурат метавонад бо назари танқидии худ ба Ҳукумат кумак расонад» [6, с.335]. Яъне, оппозитсия бояд дар гуфтор ва амали худ аз мавқеи бардошт ва созгориву созандагӣ кор гирад ва дар таҳияи барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои тактикӣ ва стратегии давлат самимият, эътиқод ва дасту дили поку беғараз дошта бошад ва мақсади он бо мақсади Ҳукумат танҳо барои манфиати умумимиллӣ ва давлатӣ наздик бошад.

Ба андешаи мо, ҳама гуна амалҳои мухолифи ҳизби оппозитсионӣ берун аз мақсадҳои стратегӣ ва манфиати миллию давлатӣ, метавонанд ният ва иродаи Ҳукуматро тағйир диҳанд ва барои фаъолияти минбаъдаи худ монеаҳо эҷод намоянд. «…Фаъолияти ҳар гуна аҳзоби оппозитсионӣ бояд дар доираи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда сурат гирад. Ин талабот ҳатмӣ ва тағйирнопазир аст. Дар сурате ки оппозитсия аз усулҳои зиддиконститутсионӣ истифода менамояд, Ҳукумат маҷбур ме-шавад ва қодир аст, ки пеши роҳи ҳар гуна қонуншиканиро бигирад» [6, с.334]. Конститутсияи мамлакат имконияти васеи фаъолиятро барои ҳизбҳои сиёсӣ фароҳам овардааст. Таҷрибаи фаъолияти ҳизбӣ собит намудааст, ки гирифтани ҳокимияти сиёсӣ ва мақсадҳои тактикию стратегӣ бештар дар байни ҳизбҳои сиёсӣ нобаробарӣ ва мухолифатҳоро ба миён меоварад. Аммо Конститутсия амал ва фаъолияти ҳизбҳои сиёсиеро, ки ҳокимиятро бо роҳи зӯроварӣ гирифтанӣ мешаванд, манъ кардааст.

Яке аз нишонаҳои муҳимми ҳизбҳои сиёсӣ идеология мебошад. Идеология ба сифати рукни муҳимми муайянкунандаи самти фаъолият ва мақсадҳои тактиву стратегии ҳизби сиёсӣ хизмат мекунад. Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва аз сари қудрати сиёсӣ рафтани ҳизби коммунист, дар фазои идоракунии ҷомеа халои идеологӣ ба миён омада буд. Қисми одамон дигар ба ин ҳизб боварӣ надоштанд. Аммо таҷрибаи минбаъда собит намуд, ки ҳар як миллат ва халқ, аз ҷумла тоҷикон низ, метавонанд аз таърихи гузаштаи худ падидаҳои муҳимро ҳамчун идеология барои худ қабул намоянд, ки онҳо падидаҳои арзишманди муҳим, ба монанди «ватандӯстӣ» ва «ваҳдати миллӣ» ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, андешаи ибрознамудаи Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон тасдиқи ақидаи дар боло зикрнамуда мебошад: «Барои миллати тоҷик, ки борҳо бар асари ихтилофоти гуногун пароканда шуда, давлатдории хешро аз даст дода буд, идеологияи

ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ идеологияи аз ҳама асосӣ мебошад. Маҳз ҳамин идеология – асоси барномаи сиёсии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ташкил медиҳад» [6, с.334]. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба сифати ҳизби парлумонӣ дар як муҳлати муайян нақши ҳизби созанда ва баҳамоварандаро иҷро кард. Воқеан, ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ барои миллати тоҷик ва кулли мардуми тоҷикистонӣ нақши идеологияро тавонист бозӣ кунад.

Яке аз омилҳои муҳимми дигаре, ки дар байни ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ мавҷуд аст, ин муносибатҳои тарафайни байни ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Дар ин бора гуфтаҳои Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мувофиқи мақсад аст: «Агар мо ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории самараноки байни ҳизбҳо ва созмонҳо муваффақ шавем, дар як муддати кӯтоҳ ба рушди муътадили ҷомеа ноил хоҳем шуд» [7, с.335]. Дар ин самт масъалаи асосӣ ва сухан дар бораи «ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории самараноки байни ҳизбҳо ва созмонҳо» меравад, ки агар он ба даст оварда шавад, муваффақ шудан ба мақсади асосии ҷомеа - рушди бемайлони ҷомеа оварда мерасонад.

Гарчанд муваффақиятҳо дар ҷомеа ҳанӯз ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир нестанд, вале корҳои анҷомдодашуда дар самти паст кардани сатҳи камбизоатӣ, гирифтани пеши роҳи пастравӣ ва муфлисшавии иқтисодӣ, бекорӣ дар ҷомеа, бунёди иншоотҳои муҳим, ба хусус роҳу пулҳо, инфрасохтори энергетикӣ, мактабу маориф, ободу зебо гардонидани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо, бунёди корхонаҳои нав ва истифодабарии захираҳои нави дохилӣ аз муносибатҳои неки байниҳамдигарии мақомотҳои давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ бо дигар иттиҳодияҳо ва созмонҳои ғайридавлатӣ ба ҳисоб меравард. Бинобар ин, баромадан аз тарзи идоракунии фармонфармоӣ ва расидан ба ҳамкории тарафайни мақомотҳои давлатӣ бо ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеаи имрӯза, яке аз падидаҳои нав ба ҳисоб меравад.

Аз хусусиятҳои асосии раванди инкишоф ва хосси ҷомеаи демократӣ, ин ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни сиёсӣ мебошад. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳиятан давлати миллӣ мебошад ва ба сифти давлаи соҳибистиқлол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидаасту ташаккул меёбад. Ин давраи муҳимми таърихӣ дар инкишофи давлат мебошад ва чуноне ки таҷрибаи давлатҳои пешрафтаю тараққикардаи мутамаддини ҷаҳон нишон медиҳад, ҷаҳиши таърихӣ ва сарфи назар кардани марҳилаҳои инкишофи ботадриҷ ба манфиати таҳкими давлатдорӣ нест.

Аз ин лиҳоз, дар раванди инкишофи давлатдорӣ бояд робитаи мустаҳками давлат бо созмонҳои гуногуни хосияти сиёсию ҷамъиятидошта қавӣ бошад. Ҳанӯз соли 1996 дар байни сохторҳои давлатӣ ва ҳизбҳои сиёсию иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ Аҳдномаи ризоияти ҷомеа ба имзо расид, ки дар асоси он Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта буд [8, с.247]. Воқеан, Аҳдномаи мазкур сарфи назар аз он ки, кӣ ба кадом ҳизб, созмон ва ё иттиҳодияи ҷамъиятӣ тааллуқ дорад, вазифадор мекунад, ки принсипи манфиатҳои умумимиллиро аз ҳама гуна манфиатҳои фардию гурӯҳӣ болотар донанд. Дар ин самт давлат ва мақомотҳои давлатӣ дар асоси талаботҳои Конститутсия ба сифати ҳамоҳангсоз ва кафил дар байни ҳизбу ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ баромад мекунанд.

Агар як бор ба саҳифаи таърихи началдон дури ин Аҳднома нигоҳ кунем, чунин ба назар мерасад, ки ба истиснои як ё ду ҳодисаи амали носавоби баъзе аз ҳизбҳои сиёсие, ки имзои хешро зери ин Аҳднома гузошта буданд (ҲНИТ дар назар аст), дар маҷмӯъ он қобили амал ва фаъолияти густурда гардид. Муносибати мақомотҳои давлатиро бо аксари ин созмонҳо ва иттиҳодияҳо дар ҳолати муътадил нигоҳ дошт. Оромии сиёсӣ ва субот дар ҷомеа пойдор боқӣ монд, ки дар он нақши ин Аҳднома бузург мебошад.

Омили дигаре, ки асоси фаъолияти ҳизбҳои сиёсиро дар ҷомеа дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» ба низоми муайян медарорад, ин Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олӣ» ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ба шумор меравард. Қонунҳои мазкур имкон медиҳанд, ки фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ дар пешбарӣ ва интихоби номзадҳои хеш дар органи қонунгузори мамлакат ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ зери назорати ҷиддӣ қарор гиранд. Ҳанӯз соли 1999 сессияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии

Тоҷикистон Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олӣ» ва «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» - ро қабул карда буд.

Яке аз самтҳои муҳимми муносибати байни давлат ва ҳизбҳои сиёсӣ, ин таҳия ва пешниҳоди қонунҳо ба парламент мебошад.

Дар ин раванд ҳизбҳои сиёсӣ кӯшиш мекунанд, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд. Таҷриба собит менамояд, ки муносибати ҳизбҳои сиёсӣ бо давлат бояд ба таври конструктивӣ пеш рафта, дараҷаи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии мардум баланд бардошта шавад, сатҳи камбизоатии мардум аз байн бурда шавад ва якдигарфаҳмии байни ҳизбҳои сиёсӣ эҳтиромона бошад [4, с.28].

Дар гузаштаи начандон дур роҳбарияти ҳизби коммунисти Тоҷикистон семинари умумиҷумҳуриявии котибони ташкилотҳои ҳизбии вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро доир намуд. Семинар ба мавзӯи: «Ҳамкории ташкилотҳои ҳизбӣ бо мақомоти давлатӣ» бахшида шуда буд. Дар он намояндагони дигар ҳизбҳо, аз ҷумла ҳизби сотсиал-демократ, ҳизби демократ ва ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон ширкат доштанд. Дар иртибот ба мавзӯи семинар ва дигар масъалаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа андешаҳои ҷолиб баён гаштанд [4, с. 28]. Аслан фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсӣ дар Парламент оид ба муҳокимаи барномаи давлатии «Оид ба паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ», собит намуд, ки онҳо мақсади ягона доранд. Инчунин, дар таҳияи санадҳои «Дар бораи энергетика», «Дар бораи молияи давлатӣ» ва «Дар бораи иҷораи молиявӣ» ва ғайраҳо ҳизбҳои сиёсӣ иштирок намуда, мавқеи хешро рӯйирост баён намуданд, ки ин ҳамбастагии байни онҳоро дар масъалаи ҳамкории ҳизбҳои сиёсӣ бо давлатро нишон медиҳад ва ин санадҳо ба пуррагӣ аз ҷониби Ҳукумат ба расмият дароварда шуданд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки парламентаризм ягона майдонест, ки дар асоси бисёрҳизбӣ фаъолият мекунад. Ҳизбҳои сиёсӣ имконият доранд, ки мувофиқи равияи идеологӣ ва мақсадҳои сиёсии худ дар парламент фраксияи ҳизбиро ташкил намоянд ва барои амалӣ шудани мақсадҳояшон мубориза баранд [2, с. 106]. Ин омил метавонад ҳамбастагӣ ва нақши ҳизбҳои сиёсиро тавассути парламент бо мақомотҳои давлатӣ боз ҳам наздиктар намояд.

Фаъолияти ҳамаи ҳизбҳои сиёсии дар Тоҷикистон амалкунандаро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадем, ки омилҳои асосии мустаҳкам намудани алоқаи байни ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ боз ба чунин муносибатҳо ниёз доранд:

А). Риояи маданияти сиёсӣ ва эҳтироми байниҳамдигарии роҳба-рони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ дар шароити плюрализми сиёсӣ ва бисёрҳизбӣ дар ҷомеаи муосир.

Б). Ҳамоҳангсозии барномаи фаъолият дар бобати ҳалли масъала-ҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва қонунгузорӣ.

В). Муносибати беғаразона ва боэҳтиромонаи мақомотҳои давлатӣ бо ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ аз боло то поён.

Ҳамин тариқ, аз андешаҳои дар боло зикргардида бармеояд, ки ҳизбҳои сиёсӣ дар замони муосир яке аз фишангҳои муҳим дар мустаҳкам кардани пояҳои давлату давлатдорӣ ба ҳисоб мераванд. Таҷрибаи фаъолияти бисёрҳизбӣ дар тӯли зиёда аз ду даҳсола нишон дод, ки пешрафт ва рушди давлати демократӣ ба фаъолияти пурсамари ҳизбҳои сиёсӣ зич алоқаманд аст. Бинобар ин, ҳамаи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ бояд бо ҳизбҳои сиёсӣ алоқаи зич ва ҳамкориҳои мустаҳкам дошта бошанд.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – 46 с.
2. Муҳабатов А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо. Монография / А.Муҳабатов. – Душанбе: Истеъдод, 2011. – 147 с.
3. Маҳфили мубоҳисоти сиёсӣ. – Душанбе, 2003. – 230 с.
4. Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон. – Душанбе, 2001. – 280 с.
5. Ҳизб ва ҳаракатҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2003. – 220 с.
6. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар Анҷумани IV-уми Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон 18 апрели соли 1998 / Эмомалӣ Раҳмонов.
7. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз 4 ҷилд / Эмомалӣ Раҳмонов.– Душанбе: Ирфон, Ҷилди 2. 2002. – 512 с.

8. Эмомалӣ Раҳмонов. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Иборат аз 4 ҷилд / Эмомалӣ Раҳмонов.– Душанбе: Ирфон, Ҷилди 3. 2002. – 512 с.

## НАҚШ ВА МАВҚЕИ ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ ДАР ҶОМЕА ВА АЛОҚАМАНДИИ ОНҲО БО ДАВЛАТ

Омӯзиш ва баррасии нақш ва мавқеи ҳизбҳои сиёсӣ дар ҷомеа, дар раванди демократикунонии ҷомеа муайян намудани алоқамандии онҳо бо мақомоти давлатӣ, махсусан нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар ташаккули гуногунандешии сиёсӣ, яке аз масъалаҳои муҳимтарини илмҳои сиёсӣ ба шумор меравaнд. Системаи бисёрҳизбӣ барои ҷомеаи муосир дар самти мустаҳкамгардонии фаъолияти сиёсии шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ омили муҳим ба шумор рафта, ҳамзамон дар рушду инкишофи сиёсии ҷомеа нақши хеле муҳим мебозад.

Ҳамкориҳои ҳизбҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти давлатӣ айни замон ҳанӯз ҳам дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтаанд. Бинобар ин, сохторҳои давлатӣ ва мақомоти давлатиро зарур аст, ки бо ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ муносибати ҷиддӣ ба роҳ монда, барои ҳифзи шаъну шараф ва мавқеи онҳо кӯшиш намоянд. Масъалаи дигари ҳалталаб ба талаботи давру замон мувофиқ гардонидани барномаҳои ҳизбҳои сиёсӣ мебошад. Зеро ҳизбҳои сиёсӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангии ҷомеа бояд нақши муҳим бозанд.

**Калидвожаҳо:** ҳизбҳои сиёсӣ, ҳамкориҳои ҳизбҳои сиёсӣ бо мақомоти давлатӣ, мақомоти давлатӣ, масъалаҳои сиёсӣ, элитаи сиёсӣ, гуногунандешии сиёсӣ, иродаи сиёсӣ.

## МЕСТО И РОЛЬ ПОЛИТИЧЕСКИХ ПАРТИЙ В ОБЩЕСТВЕ И ИХ ВЗАИМООТНОШЕНИЯ С ГОСУДАРСТВОМ

Изучение и анализ проблемы политических партий, их место и роль во взаимоотношении с государственными структурами в процессе демократизации общества, особенно плюрализма мнений являются актуальными и своевременными вопросами политической науки. Многопартийная система для нынешнего общества является важным фактором в укреплении политической деятельности индивидов, социальных групп, и играет особую роль в политическом развитии общества.

Взаимоотношения политических партий Республики Таджикистан с государственными структурами сегодня еще недостаточно развито. Поэтому, необходимо государственным структурам более компетентно и снисходительно соотнестись с ныне действующими политическими партиями и общественными организациями, уважая их честь и достоинство. Другим моментом является гармонизация программы деятельности политических партий в отношении решений экономических, политических и культурных проблем с государственными структурами и т.д.

**Ключевые слова:** политические партии, взаимоотношения политических партий с государственными структурамы, государственная структура, политические проблемы, статус-кво, политическая элита, политический плюрализм, политическая воля.

## THE PLACE AND ROLE OF POLITICAL PARTIES IN THE SOCIETY AND THEIR RELATIONS WITH THE STATE

The study and analysis of the problem of political parties, their place and role in relations with state structures in the process of democratization of society, especially pluralism of opinions are relevant and timely issues of political science. The multi-party system for the present society is an important factor in strengthening the political activity of individuals and social groups, and plays a role in the political development of society.

The relationship of political parties of the Republic of Tajikistan with state structures is still not sufficiently developed. Therefore, it is necessary for state structures to more competently and condescendingly relate to the current political parties and public organizations, respecting their honor and dignity. Another point is the hormonalization of the program of activities of political parties with regard to solutions to economic, political and cultural problems with state structures, etc.

**Key words:** political parties, relations of political parties with state structures, state structure, political problems, status quo, political elite, political pluralism, political will.

**Сведения об авторе:** ***Мухабатов Абдусалом*** – Таджикский национальный университет, профессор кафедры политических процессов в Таджикистане, кандидат философских наук. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17.Телефон: **951314087**

**Information about the author:** ***Muhabatov Abdusalom*** - Tajik National University, Professor of the Department of Political Processes in Tajikistan, Candidate of Philosophical Sciences. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **951314087**

УДК: 32. 001

# БЕСПРИСТРАСТНОСТЬ ПОСРЕДНИКА КАК ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА ПОСРЕДНИЧЕСТВА

*Муродов С.*

**Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ**

Вопрос беспристрастности медиатора является особенно часто обсуждаемым в исследованиях, посвященных анализу процесса посредничества в целом. О высокой концептуальной и практической значимости требования беспристрастности посредника пишут многие ученые. При этом нередко их мнения по этой проблеме кардинально разнятся.

Примечательно, что разногласия о беспристрастности посредника дали знать о себе уже с самого начала развития посредничества как социально-политической практики. Эти разногласия существуют и сегодня, и скорее всего, сохранятся и в будущем.

Различные взгляды на проблему беспристрастности посредника в первую очередь обусловлены многоаспектностью этого вопроса, начиная от понятийного аппарата и заканчивая практическим соблюдением беспристрастности посредниками. Так, понятие беспристрастности не имеет четкой и ясной трактовки, в силу чего этому понятию придаются различные значения. Противоположные мнения существуют и относительно соблюдения беспристрастности в практике урегулирования конфликтов вообще. Ученые задаются вопросом: может ли реально соблюсти беспристрастность посредник при разрешении каких-либо конфликтных ситуаций? И ответы здесь самые противоречивые.

Тем не менее, независимо от теоретических дискуссий, в практике поддерживается позиция, согласно которой беспристрастность посредника является основной характерной чертой процесса посредничества, это-то ключевое слово, которое чаще других используется в определениях термина «посредничество».

Так, на международном уровне, при политических спорах беспристрастность или отрицается или ее значение преуменьшается [1, с. **77**, 253-254]. Есть и другая точка зрения: беспристрастность посредника не очень важна, когда он соблюдает нейтральность, т.е. нейтральность посредника – это и гарант его беспристрастности.

Несмотря на успехи посредничества в урегулировании конфликтов, до сих пор не определен его категориальный аппарат, в частности понятие беспристрастности до сих пор не имеет полного и глубокого обоснования.

Например, аналитики беспристрастность определяют как **качество, благодаря которому посредник одинаково равно относится к интересам обоих сторон** [2, с. 321], т. е. беспристрастность посредника - это его качество, благодаря которому посредник защищает интересы и ценности и той, и другой сторон конфликта. Личностное качество здесь отодвигается на второй план. Д. Френкел и Дж. Старк трактуют беспристрастность посредника не как его личностное качество, а как свободу от уклона, фаворитизма и предубеждения относительно участников конфликта [3, с. 291]. О Кохен, Н Датнер и А. Люксенбург идентифицируют беспристрастность посредника как наличие у него непредубежденных отношений с каждой стороной, как обязательство помочь всем сторонам в ведении переговоров об урегулировании [4, с. 343-344].

Как видим, понятийный аппарат беспристрастности не имеет своей четкой формулировки, и расхождения мнений авторов относительно его содержания явны. Так, в первом определении по беспристрастности понимается (если не преувеличивать) «личностное качество посредника», а в последующих трактовках под беспристрастностью понимается «не близость посредника ни с одной из сторон конфликта», - ни по словам, ни по делам, ни действиям. При этом используется и такие слова, как «непредубежденность посредника» по отношению ко всем сторонам конфликта.

Отмечается также, что у посредника не должно быть никакого предпочтения той или иной из сторон переговоров. Например, согласно эксперту К. Сморону, беспристрастность означает, что посредник не исполняет какую-либо соперничающую роль [5, с. 260]. Другими словами,

посредник не поддерживает интересы ни одной из сторон.

Таким образом, все предложенные определения беспристрастности обусловлены разными моментами и аспектами взаимоотношений посредника с заинтересованными сторонами и решаемыми ими проблемами.

Конфликтолог А. Карен, анализируя принцип беспристрастности применительно к обществу в целом, приходит к выводу, что она должна применяться ко всем аспектам посредничества, включая коммуникацию (устную и письменную). При этом решаются и важные организационные вопросы - о позиции и в интересах участников, об использовании и расстановке мебели, рассаживании и приветствиях участников при их прибытии на переговоры с участием посредников [6, с. 1169-1170].

Такая позиция, по нашему мнению, вполне приемлема, но с учетом наличия у посредника опыта, компетентности и, конечно, гибкости и профессионализма, а также особых психологических качеств личности, таких, как эмпатия, общительность, способность к коммуникативному и эмоциональному саморегулированию и самоконтролю и др.

Несмотря на существующие разногласия в толковании беспристрастности посредника, она все же всеми учеными расценивается как основа успешного проведения процесса посредничества. Соблюдение требования беспристрастности может сыграть определяющую роль в эффективном проведении процесса переговоров. Например, О. Янг пишет: чтобы достойно исполнять свою роль, посредники должны «восприниматься как беспристрастная сторона» [7, с. 81].

Однако есть и такие исследователи, которые утверждают, что посредник не всегда может быть безразличен к условиям соглашения. В зависимости от мотивирующих факторов, посреднику трудно оставаться равнодушным. Хотя посредник ищет мирного урегулирования конфликта, тем не менее, он будет стараться избегать условий, не соответствующих его интересам [8, с. 128]. Так, Х. Бесемер отмечает: «Чем выше уровень переговоров, тем вероятнее также, что медиаторы тоже окажутся затронутыми ими прямо или косвенно и составят собственное мнение по спорным пунктам. Требование беспристрастности здесь очень сложно выполнить, если только медиаторы не интересуются политикой, - что не могло бы свидетельствовать об их компетенции как посредников в политических конфликтах» [9, с.125]. Ученый С. Тойлор утверждает, что «если посредничество основывается на затратах и результатах расчета, то положение, что посредники должны восприниматься как беспристрастные, должно быть пересмотрено» [10, с.451].

Несмотря на то, что беспристрастности посредника на общественном и международном уровнях придается весьма большое значение, все же можно говорить о том, практика свидетельствует от обратном. Например, Х. Бесемер подчеркивает, что «в сфере международных отношений…медиаторы оказывали массированное давление…в процессе предоставления или прекращения оказания помощи - на лиц, ведущих переговоры» [9, с.127]. С. Тойлор и В. Зертман считают, что лучше быть эффективным, чем беспристрастным [10, с. 452]. Мы солидарны с мнением последних и считаем, что «**лучше быть пристрастным посредником, но эффективным, чем не успешным, но беспристрастным медиатором**».

На общественном уровне признается, что нейтралитет и беспристрастность не очень важны. Личные долголетние социальные отношения с посредником, приглашенным из числа друзей и знакомых, важнее анонимных, профессиональных, нейтральных и беспристрастных посредников, приглашенных извне.

Таким образом, беспристрастность посредника связывается с его личными качествами, его собственными оценками интересов участников конфликта, скорее, с одной из сторон конфликта. И все же большинство теоретиков и практиков считает беспристрастность посредника важным фактором в урегулировании конфликта путем создания атмосферы доверия и сотрудничества.

Согласно же другой трактовке, беспристрастность определяется как « не близость посредника ни с одной из сторон конфликта». Из такого понимания беспристрастности следует, что близость посредника к какой - либо из сторон показывает его пристрастность. Но, думается, что близость посредника иногда может помогать договариваться о том, что будет на пользу

всем заинтересованным сторонам. Например, в политических конфликтах это может быть прекращение огня, освобождение заложников, соблюдение условий перемирия и др.

Близость посредника к одной из сторон конфликта может способствовать вовлечению ее в переговорный процесс или, наоборот, используя свою близость к посреднику, какая – либо из сторон может выступать инициатором посреднического процесса. В фазе реализации достигнутого соглашения близость тоже поможет, например, в исполнении пунктов соглашения или каких – либо других обязательств.

Основываясь на всем вышесказанном, можно сделать вывод, что беспристрастность посредника не получила своего четкого обоснования ни в исследовательских трудах, ни в практических выкладках аналитиков и экспертов. Всякое их определение слишком теоретизировано и не проясняет ее суть. Мы попытались прояснить значение этого понятия и его многоаспектность, обусловленную соответствующими конфликтными ситуациями.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Touval S. (1992). The Superpowers as Mediators. Mediation in International Relations. J. Bercovitch and J. Z. Rubin, St. Martin's Press. P. -332-348. Bercovitch, Jacob, ed.. Resolving International Conflicts: The Theory and Practice of Mediation. Boulder, Colo.: Lynne Rienner Publishers, 1996. P. - 598.
2. Morris C. The trusted mediator: Ethics and interaction in mediation /C.Morris // J. McFarlane. Rethinking Disputes: The Mediation Alternative. –Toronto: Emond Montgomery, 1997. – P. 301-347.
3. Frencel D. The practice of mediation: A video-integrated text /D. Frencel, J. H.Stark. –Austin, TX: Aspen Publishers, 2008. –P. 544.
4. Cohen O. The limits of the mediators neutrality /O. Cohen, N. Dattner, A. Luxenburg //Mediation Quarterly.– 1996.– N 16 (4).–P.341-348.
5. Smoron K. Conflicting roles in child custody mediation: impartiality, neutrality and the best interests of the child /K. Smoron // Family and Conciliation Courts Review.–1998. –36 (2). – P. 258-280.
6. Karen A. Zerhusen, Reflections on the Role of the Neutral Lawyer: The Lawyer as Mediator, 81 Ky. L.J. 1165-1170.
7. Young O. The Intermediaries: Third Parties in International Crises /O.Young. – Princeton: Princeton University Press; 1972. – P. 81.
8. Touval S. Mediation in International conflicts /S.Touval, I.Zartman// Mediation Researh: The Process and Effectiveness of Third Party intervention. – San Francisco: CA Jossey-Bass publishers, 1989.–P. 115-137.
9. Бесемер Х. Медиация. Посредничество в конфликтах / Х. Бесемер; пер. с нем. Н.В. Маловой. – Калуга: Духовное познание, 2005. - 176 с.
10. Zartman I.W. International mediation in the Post-Cold War Era /I. W. Zartman, S. Touval // Managing Glob al Chaos: Sources of and Responses to International Conflicts. –Washington, D.C., 1996. – P. 445-461.


**БЕТАРАФИИ МИЁНАРАВ ҲАМЧУН МАСЪАЛАИ НАЗАРИЯВИ-МЕТОДОЛОГИИ МИЁНАРАВӢ**


Дар мақолаи мазкур мафҳуми «бетарафии миёнарав» ҳамчун масъалаи назариявию-методологии миёнаравӣ нишон дода шудааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои гуногун зикр менамояд, ки дар доираҳои академикӣ фахмишҳои гуногуни мафҳуми «бетарафии миёнарав» вучуд дорад. Олимон на танхо оиди таърифи «бетарафии миёнарав» андешаи ягона надоранд, балики дар масъалаи амалишавии ин принсип дар раванди миёнаравӣ низ назарашон гуногун аст. Дар ҳамин асаос муаллиф дар мақола мафҳумҳои гуногуни «бетарафии миёнарав» - ро, ки аз ҷониби олимони соҳаи омӯзишӣ сулҳофарӣ пешниҳод шудаанд муқоиса намудааст. Муаллиф тафовутҳои мавҷудаи мафҳуми «бетарафии миёнарав» - ро осос гирифта, қайд менамояд, ки моҳияти як таърифи пешниҳод шуда дар муқобил ба моҳияти таърифи дигари он мебошад. Илова бар ин таърифҳои пешниҳодшуда маънии пурраи мафҳуми «бетарафии миёнарав» - ро ифода карда наметавонад. Инчунин, дар мақола амалишавии принсипи бетарафии миёнарав дар раванди миёнаравӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои гуногуни назаривию-амалӣ нишон медиҳад, ки андешаи бетарафии миёранав дар амалияи миёнаравӣ ва музокирот кам амали мешавад ва ё тамоман амалӣ намешавад. Дар маҷмуъ муаллиф масъали «бетарафии миёнарав» - ро яке аз масъалаҳои пурбаҳстарин дар доираҳои олимони соҳаи сулҳофарӣ нишон додааст. Зеро ба андешаи муаалиф моҳияти аслии мафҳуми «бетарафии миёнарав» ва қисамтҳои таркибии он то ҳол гуногун шарҳу тафсир дода мешавад.



**Калидвожаҳо:** низоъ, ҷонибҳои низоъ, музокирот, муколама, фарҳанг, фарҳаги муколама, фарҳаги музокирот, миёнаравӣ, миёнарав, бетарафи, миёнарави бетараф, медиация, медиатор, самаранокии миёнаравӣ, мувафақияти миёнаравӣ.


**БЕСПРИСТРАСТНОСТЬ ПОСРЕДНИКА КАК ТЕОРЕТИКО-МЕТОДОЛОГИЧЕСКАЯ ПРОБЛЕМА ПОСРЕДНИЧЕСТВА**


В статье принцип беспристрастность посредника рассматривается как одна из теоретико-методологических проблем посредничества. Автор, опираясь на разные источники, отмечает, что в академических кругах, существуют различные интерпретации понятия «беспристрастности посредника». Ученые не только об определении «беспристрастности посредника» не имеют единого мнения, а также они имеют разные точки зрения о реализации данного принципа в посредническом процессе. На этой основе автор в настоящей статье сравнивает различные понятия «беспристрастности посредника». Автор, взяв за основу различные интерпретации понятия

«беспристрастности посредника» подчеркивает, что сущность одного предложенного понятия противоположена другому. Предложенные определения понятия «беспристрастности посредника» не проясняют ее суть. А также в статье рассматривается осуществимость принципа беспристрастности медиатора в посредническом процессе. Автор, опираясь на различные теоретико-практические источники, показывает, что принцип «беспристрастность медиатора» в процессе посредничества и переговоров редко будет соблюдаться или не соблюдается вообще.В целом, принцип беспристрастности посредника выступает как теоретико-методологическая проблема посредничества. Ибо понятия «беспристрастность посредника» и его основные компоненты интерпретируется по-разному.

**Ключевые слова:** конфликт, конфликтующие стороны, переговоры, посредничество, посредник, медиация, медиатор, нейтральность посредника, беспристрастность посредника, эффективность посредничества, успешность посредничества.

**IMPARTIALITY OF THE INTERMEDIARY AS TEORETIKO-METHODOLOGICAL PROBLEM OF MEDIATION**

In the article "the impartiality of the mediator", is regarded as one of the theoretical and methodological problems of mediation. The author, drawing from different sources, notes that in academia, there are different interpretations of the concept of "impartial mediator". Scientists not only about the definition of "impartial intermediary" do not have consensus, and they have different points of view and on the implementation of the principle of impartiality of the mediator in the mediation process. On this basis, the author in this paper compares various concepts of "impartial mediator". The author, taking into consideration the various interpretations of the notion "impartial facilitator" emphasizes that the essence of one proposed concept is the antithesis of the other. Adding this proposed definition of "impartial mediator" does not clarify its essence.But the article also discusses the feasibility of the principle of impartiality of the mediator in the mediation process. The author, drawing on various theoretical and practical sources, shows that the principle of impartiality of the mediator in the mediation and negotiations rarely Wake observed or not observed at all.In General, the author shows the principle of the "impartial mediator" as one of the theoretical and methodological problems of mediation. Because the notion of "impartial mediator" and its main components have so far not been studied and no specific finding about it so far.

**Key words:** conflict, conflicting parties, negotiations, mediation, mediation, mediator, intermediary, neutrality of the intermediary, impartiality of the intermediary, efficiency of mediation, success of mediation.

**Сведения об авторе:** ***Муродов С. А.*** – Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ, кандидат политических наук, старший научный сотрудник отдела политологии. **Адрес:** Таджикистан, **734025** г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 918-41-40-86**., E-mail: **Subhonm@mail.ru**

**Information about the author:** ***Murodov S.A.*** **–** Institute of philosophy, political science and law. A. Bahovaddinov RT AN, candidate of political Sciences, senior researcher, Department of political science of the. **Address:** Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 33. Phone: **(+ 992) 918-41-40-86**., Email: **Subhonm@mail.ru**

**УДК 32.001.37.017.92**

# ТАШАККУЛ ЁФТАНИ ИЛМИ «СИЁСАТИ ҶАҲОНӢ» ВА МАҚОМИ ОН ДАР БАЙНИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ

***Нуриддинов П.Р., Шарифӣ Д.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Сиёсати ҷаҳонӣ яке аз падидаҳои ҷолиб барои дарки муносибатҳои муосири сайёра ба шумор меравад. Аммо, новобаста аз таълифи китобҳои зиёд дар мавзӯъҳои мухталифи сиёсати ҷаҳонӣ, баҳси илмӣ дар бораи мақом ва ҷойи он дар низоми илм ва фанҳои таълимӣ идома дорад. Тайи чанд соли охир доираи мавзӯъҳои омӯзиши илми мазкур мушаххас гардидаанд ва имкон доданд, ки чорчӯбаи майдони он аз доираи илми муносибатҳои байналхалқӣ ҷудо карда шавад. Дар қаламрави собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ соли 2002 дар Федератсияи Русия нахустин китоби дарсии сиёсати ҷаҳонӣ ба табъ расид [17, с. 78].

Ташаккули сиёсати ҷаҳонӣ чун илми мустақил ва майдони таҳқиқотӣ хосси мактабҳои илмии Аврупо ва бахусус Русия мебошад. Дар баъзе аз кишварҳои Ғарб сиёсати ҷаҳонӣ дар байни илмҳои дигари гуманитарӣ тақсим гардида, дар чорчӯбаи таҳқиқоти анъанавии сиёсати байналхалқӣ омӯхта мешавад ва даъвои фазои мустақили академӣ

надорад. Аз ин хотир дар афкори илмии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико проблемаи тақсимоти сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ вуҷуд надорад.

Сабаби фориғболӣ ва беэътиноии сиёсатшиносони америкоӣ ба илми сиёсати ҷаҳонӣ, ба ақидаи мо, нигоҳи фалсафии онҳо ба мавзӯъҳои муносибатҳои байналхалқӣ аст. Муҳим он чиз аст, ки муҳаққиқони Ғарб дар таҳқиқи сиёсати ҷаҳонӣ аз нигоҳи мазмун ва таҳлил мавқеи нисбатан бетарафиро ишғол менамоянд, ҳол он ки дар кишварҳои дигар он ба як соҳаи дониши сиёсатикунонидашудаи либералӣ мубаддал гаштааст. Ин амал низ боиси он гардид, ки дар кишварҳои алоҳида тамоилоти муайян намудани сарҳадҳои тадқиқотии сиёсати ҷаҳонӣ ва аз доираи мавзӯъҳои илми муносибатҳои байналхалқӣ баромадани он ба мушоҳида мерасад.

Ҳамин тариқ, сиёсати ҷаҳонӣ ҳамчун илми мустақили академӣ ба таври стихиявӣ дар мактабҳои илмии Федератсияи Русия ва як қатор кишварҳои дигари ғайриғарбӣ ташаккул ёфт. Омили мазкур басанда аст, ки нисбат ба ин фанни ҷавон ва умедбахши таҳлили равандҳои мураккаби сайёравӣ бояд ба таври ҷиддӣ муносибат намуд. Бояд иқрор гашт, ки ҳанӯз илми мазкур ба ғайр аз китобу рисолаҳои ҷудогона, пояи устувори методологии худро ба вуҷуд наовардааст. Аммо намояндагони равияҳои гуногуни илмӣ ба таҳқиқи паҳлуҳои мухталифи сиёсати ҷаҳонӣ оғоз намудаанд.

Дар шароити душвори ибтидои солҳои 90-уми асри XX дар афкори сиёсатшиносӣ низоъ миёни муҳаққиқони самтҳои сиёсати ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ зоҳир гашт. Бо амри тақдир ибтикори ин ҷудоӣ ба донишмандони мактабҳои сотсиологӣ, психологӣ ва фалсафии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов тааллуқ дошт, ки худро навоварони таҳқиқи проблемаҳои муносибатҳои байналхалқӣ ҳисобида, аввалин шуда самти илмии хешро сиёсати ҷаҳонӣ номиданд. Аммо дар Ғарб онро мисли пештара «мактаби сотсиологияи сиёсӣ» ё «омӯзиши сотсиологӣ» меномиданд.

Ҷониби мухолифи онҳоро донишмандони мактабҳои таърихи сиёсии Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналхалқии Москва (Донишгоҳ)-и Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия, факултетҳои таърихи Донишгоҳи давлатии Москва ва баъзе донишгоҳҳои дигар ташкил медиҳанд.

Намояндагони мактаби илмии Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов батадриҷ аз усулҳои анъанавии таҳлили муносибатҳои байналхалқӣ даст кашида, шеваҳои методологӣ ва методҳои сотсиологиро дар таҳқиқи масъалаҳои ҷаҳонӣ истифода намуданд. Бояд иқрор гашт, ки донишмандони мактаби илмии мазкур, асосан, аз методикаи таҳлилии хориҷӣ истифода бурданд, чунки мактаби худии таҳлили сотсиологӣ дар он замон ташаккул наёфта буд.

Намояндагони мактаби Донишкадаи давлатии муносибатҳои байналхалқии Москва (Донишгоҳ)-и Вазорати корҳои хориҷии Федератсияи Русия ҳангоми омӯзиши проблемаҳои ҷаҳонӣ аз методҳои модернизатсияшудаи таҳлилӣ-методологии нави зеҳнӣ ва сиёсӣ-байналхалқӣ,истифода намуданд [19, с. 52].

Кӯшишҳои донишмандони ҷудогона оиди арзёбии ин ду самти мухолиф чун намояндагони мактабҳои «либералӣ» ва «реалистӣ» самара набахшид [20, с. 66]. Чунки як зумра аз намояндагони мактаби таърихи сиёсӣ ба тарафи мактаби сотсиологияи сиёсӣ майл намуданд ва баръакс бархе аз донишмандони мактаби фалсафӣ-сотсиологӣ сиёсати ҷаҳониро аз нигоҳи таърихи сиёсӣ арзёбӣ намуданд.

Аммо ҳеҷ кадоми аз ин мактабҳои тадқиқотӣ ба таври ҷиддӣ ба мавзӯи омӯзиши методологияи сиёсати ҷаҳонӣ машғул нагаштанд, балки ба таври оммавӣ ба дарку қабул намудани дастовардҳои назариявии ҳамкасбони ғарбии худ машғул буданд [15]. Илм ба як

режими бозомӯзӣ ва маърифатпарварии оммавӣ табдил ёфт. Аз ин рӯ охири асри XX давраи азхудкунии мактабҳои бегона буд, ки боиси костагии илми собиқ Шӯравӣ гардид. Мутаассифона, донишманди беҳтарин он олиме шуморида мешуд, ки ҳарчи бештар китобҳои ғарбиро мутолиа мекард ва муҳтавои онҳоро бе ягон таҳлил, қиёс ва шубҳа ба шунавандагон кӯркӯрона мерасонид.

The issue of illicit trafficking in narcotic substances, along with international terrorism, extremism is one of the sources of threat to the security of the region and the world, is relevant. The problems associated with drug trafficking, has become a global transnational in nature, and was among the issues that raise the greatest concern of the world community. The author argues in his conclusions that one of the important stages in the fight against international terrorism is a coordinated struggle of the countries of the world community against illicit trafficking in narcotic substances as one of the sources of financing of international terrorism.

One should not think that drug trafficking by Afghan heroin, first of all, is dangerous only for those states that are the main market for their sale. World practice shows that this is not so. Huge damage is inflicted on those countries where drugs are produced (grown), and on those through which the trafficker trails are laid. The population in these states is inevitably drawn into the process of drug use; moreover, often this process is much faster than in the countries directly addressed by the drug addict. Sometimes, this phenomenon is connected with the peculiarities of the technology of the criminal business itself. Transnational organized criminal groups are interested in creating a kind of market for services - an increased offer from potential volunteers willing to risk their freedom, and even life, carrying lots of drugs from one country to another. At present, new directions of organized criminal activity have appeared: monopolization of its most profitable species, territorial expansion, etc. Such kinds of criminal activities as drug trafficking, illegal arms trade, smuggling of stolen raw materials and resources, financial and currency machinations, terrorism, racket, having an international character.

**Key words:** Afghanistan, threat, security, illegal trafficking in narcotic drugs, drug trafficking, terrorism, extremism, transnational organized crime.

**Сведения об авторе:** ***Мирзоев Саймуддин Тиллоевич*** - Институт изучения проблем стран Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан, ведущий научный сотрудник. **Адрес:** 734025, Таджикистан, г. Душанбе ул. Хусейнзаде, 35. Телефон: **918-69-73-50**. E-mail: **msaymudin@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mirzoev Saimuddin Miloevic*** - Institute for the study of Asia and Europe of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, leading researcher. **Address:** 35 Huseynzade street, Dushanbe, Tajikistan, 734025. Phone: **918-69-73-50**. E-mail: **msaymudin@mail.ru**

УКД 32.019.57

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ РАДИКАЛИЗМИ СИЁСӢ

*Раҳмонзода Фаромӯз*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Мафҳуми радикализм аз калимаи лотинии «radix» пайдо шуда, маънояш «асл, реша» мебошад. Сипас дар ҳаёти ҷамъиятӣ мафҳуми лотинии «radicalis» низ истифода мешавад, ки он низ дар маъноҳои «аслӣ, решагӣ» ба кор бурда мешавад. Дар баъзе аз мавридҳо муҳаққиқони масъалаи радикализм онро бо назардошти маънои этимологияш шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Аммо бояд дар назар дошт, ки радикализм, махсусан радикализми сиёсӣ яке аз падидаҳои мураккабтарини ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ мебошад ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни он бояд бо истифода аз дастовардҳои методологии илмҳои сиёсӣ ва бо назардошти таҷрибаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ анҷом дода шавад. Ин аст, ки дар аксар маврид ҷонибдорони андешаҳои сиёсии оштинопазирро радикалист меноманд. Зеро онҳо бинобар сабаби ифротию тундгаро буданашон, ҳеҷ гоҳ ба созиш моил нестанд ва дар амал татбиқ намудани барномаи сиёсии худро ҳадафи ниҳоии худ медонанд ва барои анҷом додани ин мақсад зӯроварии сиёсиро истифода менамоянд. Аммо як қатор муҳаққиқони дигар намояндагон ва пайравони дигаргуниҳои қатъиро радикалист номидаанд. Онҳо суханҳои К.Марксро ҳамчун шиор барои баррасии ин масъала истифода менамоянд. Ҳанӯз дар замони худ К.Маркс чунин гуфта буд: «Асли масъаларо дарк намудан – маънои радикал буданро дорад» [7, с.422]. Дар чунин ҳолат радикал пайрави андешаҳои «оштинопазир» нею, пайрави дигаргуниҳои қатъӣ мебошад.

Таҳлили таълимоти илмӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки қисми зиёди файласуфон, муаррихон, ҷомеашиносон, сиёсатшиносон, фарҳангшиносон, равоншиносон ва ҳуқуқшиносон дар таҳқиқоти худ то ин ё он дараҷа ба масъалаи радикализми сиёсӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ҳар яки онҳо паҳлуҳои алоҳидаи падидаи мазкурро таҳқиқ намуда, барои таҳлилу баррасии он усулҳои худро пешниҳод намудаанд ва инчунин хулосаҳои худро нисбат ба ин зуҳуроти мураккаб баён доштаанд. Номушаххасӣ ва мураккабии зуҳуроти радикализм, гуногунпаҳлу будани он ба олимону муҳаққиқон имкон надодааст, ки нисбат ба ин масъала таҳлили яксон анҷом диҳанд. Яке аз муҳаққиқони ин масъала Г.И.Автсинова хеле бамаврид қайд менамояд, ки «муайян намудани мазмун ва мундариҷаи радикализм мушкилиҳои зиёдро пеш меорад. Мушкилии мазкур на танҳо бо номуайянии мундариҷаи ин падида алоқаманд аст, балки мураккабии ин падида дар он ифода меёбад, ки ҳанӯз аз асри XVIII сар карда то ба имрӯз муносибат ба ин зуҳурот дар шакли тезу тунд сурат мегирад. Дар миёни як гурӯҳ олимон агар мафҳуми «радикализм» бо бетартибию парокандагӣ, ноустуворию вайронкорӣ алоқаманд дониста шавад, дар миёни гурӯҳи дигари олимон онро воситаи муҳимтарини ҳалли мубориз аҳои синфӣ ва дигаргунсозии ҳаёти ҷамъиятӣ муаррифӣ менамоянд» [1, с.33].

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «радикализм» аз ҳама бештар дар илмҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор дода мешавад ва ба омӯзишу баррасии ин масъала аз ҳама бештар сиёсатшиносон машғул мегарданд. Гузашта аз ин, дар марҳилаҳои гуногуни рушду инкишофи ҷомеа ба таркиби радикализм унсурҳои иловагӣ ҳамроҳ гардида, мазмуну мундариҷаи зуҳуроти мазкурро каме тағйир додаанд. Одатан, дар луғатномаҳо мафҳуми «радикализм» аслан дар ду маъно шарҳ дода мешавад: дар мавриди аввал ҳамчун намояндаи меъёрҳои оштинопазир ва амалҳои қатъӣ (дар чунин маврид радикализм дар муқобили оппортунизм қарор дода мешавад); дар мавриди дуюм бошад, ҳамчун таълимоти иҷтимоию сиёсие, ки барои пурра тағйир додани институтҳои мавҷудаи ҷомеа нигаронида шудаанд ва гурӯҳҳои муташаккили одамон, ки барои дар амал татбиқ намудани андешаҳои мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Нишон додани баъзе аз онҳоро зарур мешуморем.

Яке аз муҳаққиқони радикализм, олими канадагӣ М.Нюманн дар луғати мухтасари Оксфорд, ки соли 1802 таҳия гардида буд, шарҳи аввалини мафҳуми радикализмро нишон додааст. Ба андешаи М.Нюманн, дар луғати мазкур нисбат ба мафҳуми «радикал» чунин таъриф ҷой дода шудааст: «радикал» – ҳомии ислоҳоти қатъӣ ва радикалӣ; нафаре, ки дар

самти демократикунонии ҷомеа нисбат ба ислоҳоти сиёсӣ андешаҳои пешқадам дорад ва аз андешаҳои идеявии ҳизбҳои либералӣ пайравӣ менамояд [16]. Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло хулосаҳои гуногун баровардан мумкин аст. Аввал ин ки, ҳанӯз дар ибтидои асри XIX алоқамандии радикализм бо амалияи сиёсӣ ва идеологияи сиёсӣ мушоҳида мегардад. Дувум ин ки, онро радикализми классикӣ номидан мумкин аст. Зеро ин навъи фаъолнокии сиёсиро дар он давра танҳо бо демократикунонии ҷомеа алоқаманд намудаанду бас. Зеро аз он давра сар карда то ба имрӯз радикализм дар зери таъсири инқилобҳои илмӣ-техникӣ, пешрафтҳои иттилоотию технологӣ мазмуну мундариҷа ва шаклҳои зоҳиршавии худро комилан тағйир додааст.

Дар луғати энсиклопедии фалсафӣ мафҳуми «радикализм» ба таври зайл муайян гардидааст: 1) идеяҳо ва амалҳои иҷтимоию сиёсие, ки барои ба таври қатъӣ тағйир додани институтҳои мавҷуда нигаронида шудаанд; 2) муносибати оштинопазир бо анъанаҳои эътирофгардида [14, с.558]. Ба ҳамин монанд мафҳуми «радикализм» дар энсиклопедияи сотсиологӣ низ шарҳ дода шудааст: «радикализм (аз лот. radicalis – аслӣ) мафҳуме мебошад, ки барои ифодаи ҳизбу ҷараёнҳои идеявию сиёсӣ ва ҳамчунин барои ифодаи рӯҳияи ҷамъиятие ба кор бурда мешавад, ки онҳо барои пурра тағйир додани системаи иҷтимоию сиёсӣ кӯшиш намуда истодаанд» [13, с.296]. «Радикализми сиёсӣ – назария ва амалияе мебошад, ки ташаккулдиҳандагони он барои анҷом додани дигаргуниҳои ҷиддии иҷтимоию сиёсӣ тамоми кӯшишҳои худро ба харҷ медиҳанд ва ҳеҷ гоҳ ба созиш моил нестанд» [13, с.297]. Дар таърифҳои мазкур радикализм ҳамчун падидаи умумӣ нишон дода шуда, дар онҳо муайян нагардидааст, ки бо кадом роҳу усулҳо дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсӣ анҷом дода мешаванд.

Ба ҳамин монанд таърифи дигари радикализм дар Луғати тафсирии С.И.Ожегов низ дида мешавад. Дар луғати мазкур: 1) радикализм - ҳаракати сиёсие units дониста мешавад, ки он дар заминаи тартиботи мавҷуда анҷом додани ислоҳоти демократӣ ва 2) рафтори қатъии намояндагони ин навъи ислоҳотро ифода менамояд [9, с.639]. Ба андешаи мо, дар луғати мазкур мафҳуми радикализм хеле маҳдуд шарҳ дода шудааст. Дар таърифи мазкур ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки радикализм хусусияти мусбат дошта, танҳо бо раванди демократикунонӣ, пешрафт, устуворӣ, тартибот ва монанди инҳо алоқаманд буда, омилҳои манфии он, ба мисли тахрибкорӣ, террор, ифротгароӣ, тундгароӣ, иғвоангезӣ сарфи назар шудаанд. Падидаи мазкур дар луғатҳои энсиклопедии илмҳои сиёсӣ каме васеътар шарҳу баён гардидаанд. Масалан, дар сарчашмаҳои мазкур «радикализм – тамоюлоти идеологӣ ва амалии сиёсатмадороне муаррифӣ мегардад, ки онҳо бо амалҳои қатъӣ ва ниҳоии худ мақсад доранд, ки сохтори сиёсии ҷомеаро тағйир диҳанд. Муаллифони луғатномаи мазкур инчунин шаклҳои радикализмро аз рӯйи дараҷаи фаъолнокии пайравони он ва вобаста ба тағйиротҳои банақшагирифтаи онҳо муайян нишон додаанд. Масалан, радикалҳои муътадил (либералҳо, сотсиал-демократҳо) кӯшиш менамоянд, ки ислоҳоти ҷомеаро бе истифодаи методҳои маҷбурнамоӣ ва дигар методҳои ғайриқонунӣ амалӣ созанд. Аммо экстремистон барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии худ ҳамаи воситаҳои мавҷуда, ҳатто терроррро низ истифода мебаранд [11].

Хусусияти манфии радикализмро олими рус И.Л.Морозов хеле хуб нишон додааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ алоқамандии радикализм ва экстремизмро муайян намудааст. Ба ақидаи ӯ, «радикализми сиёсӣ – принсипи асосии идеологияи экстремистӣ буда, мувофиқи он системаи сиёсии мавҷуда беадолатона, ноуҳдабаро ва ғайри қобили амал эътироф карда мешавад. Радикалистон бошанд, дар зери таъсири чунин андешаҳо кӯшиш менамоянд, ки системаи сиёсии мавҷударо дар кӯтоҳтарин муддат аз байн баранд» [8, с.22-23]. Воқеан ҳам, радикализм дар аксар маврид бо экстремизм алоқамандӣ дошта, ба устуворӣ, оромӣ, субот ва рушди муназзами ҷомеа таҳдид менамояд. Аммо баъзан мавридҳое низ дида мешаванд, ки намояндагони ҳокимияти давлатӣ аз мавҷудияти радикализми сиёсӣ дар самти ҳалли масъалаҳои ҷамъиятӣ ба дастовардҳои хуб ноил мегарданд. Масалан, мавҷудияти радикализм мақомоти давлатиро аз мавҷудияти мушкилиҳои ҷомеа ҳушдор медиҳад, ки ҳалли бетаъхири онҳо имкон медиҳад, ки пеши роҳи хуруҷи радикализм гирифта шавад.

Файласуфи рус Г.И.Автсинова низ мафҳуми «радикализми сиёсӣ»-ро хеле хуб шарҳ додааст. Ба андешаи ӯ, радикализми сиёсӣ падидаи иҷтимоию фарҳангие мебошад, ки

пайдоиши он бо рушди таърихӣ, психологӣ, динӣ, иҷтимоию сиёсии мамлакат алоқаманд буда, зоҳиршавии он аз майлу рағбати одамон, шаклҳои рафтори сиёсии онҳо вобаста мебошад. Яъне, дар ин ҷо майлу рағбати одамон нисбат ба дигаргуниҳо, тағйиротҳои босуръат, истифодаи методҳои зӯроварона дар назар дошта шудааст [2, с.13]. Яке аз таърифҳои хеле ҷолиби диққатро муҳаққиқи дигари рус И.Н.Лопушанский пешниҳод намудааст. Ба андешаи ӯ, «радикализм категорияи мураккабе мебошад, ки кӯшиши ба пуррагӣ дигаргун намудани сохтори ҷамъиятиро ифода намуда, ҳадафҳои идеологӣ ва воситаҳои амалигардонии ин ҳадафҳоро дар худ нигоҳ медорад» [6, с.17].

Ҳамин тариқ, таҳлили таърифҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки радикализм, махсусан радикализми сиёсӣ, зуҳуроти хеле мураккаб ва гуногунпаҳлу буда, омӯзишу таҳқиқи он дар илмҳои сиёсӣ мавқеи хеле муҳимро ишғол намудааст. Бо назардошти таҷзияи таърифҳои мавҷуда, гуфтан мумкин аст, ки радикализм ифодагари дигаргуниҳои ҷиддии иҷтимоию сиёсӣ буда, дарбаргирандаи хусусиятҳои рушди таърихии ин ё он мамлакат, таҷассумгари хусусиятҳои системаи сиёсӣ, менталитет, майлу рағбати одамон, маданияти сиёсии иштирокчиёни ҳаёти сиёсии ҷомеа, ифодагари ноустувории рафтори одамон, таҳдид ба манфиатҳои миллии мамлакат мебошад.

Ғайр аз ин, дар раванди омӯзиши зуҳуроти радикализми сиёсӣ як қатор олимону муҳаққиқон амалияи ҷамъиятӣ ва сиёсати амалиро ба инобат гирифта, кӯшиш намудаанд, ки мазмуну мундариҷаи ин масъаларо бо назардошти рафтори субъектҳои сиёсат шарҳ диҳанд. Зеро, тавре ки маълум аст, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI радикализм аз ҷониби неруҳои сиёсӣ, динию мазҳабӣ ва миллию этникӣ ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ ва яке аз роҳҳои расидан ба мақсадҳои стратегию идеологӣ ба таври васеъ истифода мегардад. Бо назардошти чунин вазъият айни замон мафҳуми «радикализми сиёсӣ» дар муносибат бо зуҳуроти мухталифи ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ истифода бурда мешавад. Масалан, васоити ахбори омма аз ҳама бештар ба чунин падидаҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, намояндагони андешаҳои канорӣ, як қатор созмонҳои сиёсӣ, рӯҳониёни ифротӣ ва террористонро радикалист ё худ тундагаро меноманд. Аз ин рӯ, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки мафҳуми «радикализми сиёсӣ» дар тӯли ду садсолаи охир ба яке аз зуҳуроти мураккаби ҳаёти ҷамъиятӣ табдил ёфта, бо равандҳои гуногун ва падидаҳои гуногуни дигар алоқамандӣ пайдо намудааст. Бояд ёдовар шуд, ки зуҳуроти мазкур дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дар шаклҳои мухталиф зоҳир гардида, то ба имрӯз мазмуну мундариҷаи он хеле мураккаб гардидааст. Таҳлили адабиёти илмии замони шӯравӣ ва пасошӯравӣ имкон медиҳад, ки гуногунрангӣ ва гуногуншаклии зуҳуроти радикализми сиёсӣ нишон дода шавад.

Баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, яъне баъди ба вуҷуд омадани ҷаҳони дуқутба радикализм аз ҷониби идеологҳои шӯравӣ ҳамчун зуҳуроти мусбат арзёбӣ гардида, иттифоқчиёни пуриқтидори ҳаракати коммунистӣ дониста мешуданд. Дар чунин шароит ба раванде таваҷҷуҳи бештар дода мешуд, ки мувофиқи он радикализм ифодагари «норозигии оммаи мардум аз буржуазияи хурд ва миёна мебошад, ки чунин тамоюлот ҳамроҳшавии мардум ба таркиби синфи коргарро метезонад» [3, с.31].

Дар давраи «ҷанги сард» аз ҷониби давлатҳои Аврупои Ғарбӣ дар муносибат бо ҳаракатҳои коммунистӣ мафҳуми «радикализми чап» мавриди истифода қарор дода шуд. Мувофиқи чунин навъи ҷаҳонбинӣ «мундариҷаи радикализми чапро шуури зиддибуржуазӣ ё худ зиддикапиталистӣ ташкил менамуд» [12, с.272]. Инчунин қайд намудан бамаврид аст, ки мувофиқи анъанаҳои мавҷудаи илмҳои сиёсӣ ҳизбҳои сиёсии чапгаро ва ростгароро аз ҳам фарқ менамоянд. Ҳизбҳои чапгаро дорои идеологияи зиддикапиталистӣ ё худ тараннумгари адолати иҷтимоӣ, маҳдудкунанда, ё ин ки маҳкумкунандаи моликияти хусусӣ, ҷонибдори моликияти коллективӣ ва ташаккулдиҳандаи ин арзишҳо мебошанд. Аммо, ҳизбҳои ростгаро, баръакс тараннумгари арзишҳои ғарбӣ, ҷонибдори моликияти хусусӣ, ҳимоятгари ҳуқуқи инсон, маҳкумкунандаи иқтисоди нақшавӣ ва ғ. мебошанд. Аз ин баррасӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки чунин баҳогузорӣ аз мавқеи манфиатҳои сиёсию иқтисодии давлатҳои ғарбӣ амалӣ гардида истодааст. Аммо чунин баҳогузорӣ аз мавқеи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва лагери давлатҳои сотсиалистӣ анҷом дода шавад, пас манзараи сиёсӣ баръакс мешавад. Яъне, ҳизбҳои сотсиалистию коммунистӣ ростгаро ва ҳизбҳои либералию

капиталистӣ чапгаро муаррифӣ мегарданд. Чун илмҳои сиёсӣ бори аввал дар ИМА ва Аврупои Ғарбӣ ба вуҷуд омадаанд ва ба таври институтсионалӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ истифода гардиданд, чунин анъана то ҳанӯз боқӣ мондааст. Аммо бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки дарояндаи наздик, баъди мустаҳкам гардидани таҷрибаҳои назариявию амалии давлатҳои пасошӯравӣ ва махсусан давлатҳои зиддиғарбӣ манзараи назарияҳои сиёсӣ низ комилан тағйир меёбад, ки чунин ҳолат ба мазмун ва мундариҷаи радикализми сиёсӣ низ таъсир расонида, баҳогузории онро боз ҳам мураккабтар мегардонад.

Дар солҳои бозсозӣ, махсусан баъди ба амал омадани низоъҳои этникию миллӣ ва эҳсос гардидани фаъолияти неруҳои сиёсии радикалӣ олимону муҳаққиқон ба омӯзиши масъалаи радикализми сиёсӣ каме ҷиддитар машғул гардида, нисбат ба моҳияти ин мафҳум андешаҳои худро ба таври мухталиф баён намудаанд. Масалан, дар ин давра дар «Луғати энсиклопедии фалсафӣ» ҳам радикализми чап ва ҳам радикализми рост ҳамчун намудҳои гуногуни ҳаракатҳои зиддидемократӣ муаррифӣ гардида, дар заминаи онҳо фаъолгардии радикализм ва экстремизм асоснок карда мешаванд. Дар луғати мазкур қайд мегардад, ки «радикализм ва экстремизми муосир роҳу усулҳои хушунатомез ва зӯроваронаро интихоб намуда, дар самти амалӣ намудани мақсадҳои хеш онҳоро ба таври васеъ мавриди истифода қарор медиҳанд» [15, с.536]. Аз чунин шарҳу баён ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки дар луғати мазкур мафҳумҳои «радикализм» ва «экстремизм» ҳаммаъно муаррифӣ гардида истодаанд, ки чунин навъи ҷаҳонбинӣ, ба андешаи мо, хосси тафаккури олимони он замон маҳсуб меёфт.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ олимону муҳаққиқон масъалаи радикализми сиёсиро аллакай дар шароити иҷтимоию сиёсии муосир таҳлил намуда, моҳияти онро каме васеътар шарҳу тавзеҳ додаанд. Барои мисол, дар Луғати энсиклопедии «Сиёсатшиносӣ», ки соли 1993 чоп гардида буд, мафҳуми «радикализми сиёсӣ» шарҳ дода шуда, мазмуни этимологии он нишон дода шудааст. Дар луғати мазкур «радикализм – тамоюлоти истифодаи зӯроварии сиёсӣ ва муносибатҳои оштинопазир дар сиёсат» муаррифӣ гардидааст [10, с.328]. Ба андешаи мо, таърифи мазкур хеле сода ва ҳамзамон хеле номушаххас мебошад. Гузашта аз ин, дар луғати мазкур мазмуни радикализми сиёсӣ бо мазмуни экстремизми сиёсӣ қариб, ки ҳамшабеҳ мебошанд. Зеро дар луғати мазкур «экстремизм – ҷонибдорӣ ва пайравӣ аз андешаҳои оштинопазир» маънидод гардидааст [10, с.400]. Ҳамин тариқ, ба ақидаи муаллифони луғати мазкур, радикализм – ин тамоюлот ва экстремизм – ҷонибдорӣ ва пайравӣ мебошад. Яъне, радикалист нафаре мебошад, ки ба амалҳои оштинопазир майл менамояд ва экстремист бошад, он нафарест, ки амалҳои оштинопазирро анҷом медиҳад. Номушаххасии мафҳуми мазкур имкон намедиҳад, ки амалҳои неруҳои гуногуни сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва сарварони сиёсӣ шарҳу тавзеҳ дода шаванд. Зеро бо назардошти ҷаҳонбинии мазкур таҳлили як қатор амалҳои номатлуб ва паҳлуҳои гуногуни онҳо норавшан боқӣ мемонад. Масалан, аз ҷониби як гурӯҳи ҷангиён анҷом дода шудани амали террористӣ ва амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии онҳо ба воситаи усулҳои зӯроварона радикализм муаррифӣ мегардад ё экстремизм? Зеро амали террористӣ на танҳо амали оштинопазир, балки амали қатъие мебошад, ки дар раванди мубориза сиёсӣ истифода мегардад. Аз чунин баррасӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки радикализм амали қатъии оштипазир ва экстремизм амали қатъии оштинопазир мебошад. Аммо ба андешаи мо, чунин шарҳу баён моҳияти аслии радикализми замони муосир, махсусан радикализми диниро ифода карда наметавонад.

Ба ақидаи олими рус В.В.Волков, «номушаххасии мафҳуми «радикализми сиёсӣ» маънои онро надорад, ки ин зуҳурот ҳамчун падидаи сиёсӣ мавҷудияти худро аз даст дода бошад. Баръакс дар шароити муосир ва махсусан дар шароити бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ коркарди таърифи мушаххас ва объективии радикализм масъалаи хеле мураккаб ва ҳамзамон зарурӣ маҳсуб меёбад. Дар ин ҷо сухан дар бораи фарзияи илмие меравад, ки дар заминаи он табиат, моҳият ва хусусиятҳои фарқкунандаи радикализм муайян карда мешавад» [4, с.64].

Бинобар ин дар доираи чунин фарзия кӯшиш менамоем, ки хусусиятҳои муҳимми мафҳуми «радикализми сиёсӣ»-ро нишон диҳем. Дар аксар маврид мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба воситаи ин мафҳум ҷараёни идеявиеро ифода менамоянд, ки пайравони

он системаи сиёсӣ ва тартиботи сиёсии мавҷудаиро танқид намуда, зарурати тағйиротҳои қатъии сохтори ҷамъиятиро пеш мегузоранд. Аз ҷониби дигар, дар раванди ҳалли масъалаҳои мураккаби ҷамъиятӣ ва ё ҳалли низоъҳои иҷтимоӣ истифода намудани усулҳои зӯроварона ва амалҳои оштинопазирро низ амали радикалӣ меноманд. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, олими рус А.М.Кадиева қайд менамояд, ки «радикализм навъи махсуси амалияи иҷтимоию сиёсиест, ки асоси онро идеологияи зӯроварона ташкил медиҳад ва дар самти тағйир додани системаи сиёсию иҷтимоии мавҷуда амалҳои оштинопазирро мавриди истифода қарор медиҳад» [5, с.132]. Аз ин рӯ, радикализми сиёсӣ ҳам идеологияи радикалӣ ва ҳам амалҳои радикалиро дар худ нигоҳ медорад. Бояд таъкид намуд, ки ҷаҳонбинӣ, андеша ва ақидаҳои оштинопазир асоси идеологияи радикализмро ташкил намуда, танқиди сохтори конститутсионии давлат ва кӯшиши тағйир додани системаи сиёсии мавҷуда мундариҷаи андешаҳои мазкурро ифода менамоянд. Аммо амалҳои радикалӣ зуҳуроти хеле мураккаб буда, муайян намудани нишонаҳои фарқкунандаи онҳо каме мушкилиҳоро пеш меорад.

Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки амалҳои радикалӣ дар ду шакл зоҳир мегарданд: шакли якуми амалҳои радикалӣ фаъолиятҳое мебошанд, ки дар он зӯроварии сиёсӣ истифода намегардад (масалан, эътирозҳои ҷамъиятӣ, корпартоӣ, банд намудани роҳҳо ва ғ.); шакли дуюми амалҳои радикалӣ фаъолиятҳое мебошанд, ки дар он истифодаи зӯроварии сиёсӣ дида мешавад (терроризм, табаддулоти давлатӣ, ғасби ҳокимият, геносид, ҷазоъҳои оммавӣ ва ғ.). Маҳз амалҳои радикалиеро, ки дар он истифодаи зӯроварии сиёсӣ дида мешавад, ҳамчун экстремизми сиёсӣ маънидод намудан мумкин аст. Зеро экстремизми сиёсӣ фаъолиятест, ки дар он зӯроварии сиёсӣ ва амалҳои ғайриқонунӣ дида мешаванд. Аз ин рӯ, экстремизми сиёсӣ яке аз шаклҳои амалҳои радикалӣ ба шумор рафта, барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии худ зӯроварии сиёсиро истифода менамояд.

Ҳамин тариқ, радикализми сиёсӣ зуҳуроте мебошад, ки андешаҳои оштинопазир ва ақидаҳои хушунатомезро дар худ нигоҳ медорад. Инчунин, дар шароити муосир ва махсусан дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳуми «тундгароии хушунатомез» истифода бурда мешавад, ки мақсад аз ифодаи ин ибора ҳамон радикализме мебошад, ки ба устувории пояҳои истиқлолият ва ваҳдати миллӣ халал ворид намуда, ба сохтори конститутсионии давлат таҳдид менамояд. Қайд намудан бамаврид аст, ки радикализм дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Чунин ҳолат аз омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, динию мазҳабӣ ва сиёсию идеологии минтақаҳои мазкур вобастааст. Барои минтақаи Осиёи Марказӣ ва махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хатари радикализми исломӣ хеле зиёд аст ва дар аксар маврид дар зери ин мафҳум ифротгароёни динӣ ва тунгароёни исломӣ дар назар дошта мешаванд. Зеро дар давлатҳои Осиёи Марказӣ як қатор созмонҳои экстремистию террористие пинҳонӣ амал менамоянд, ки тахрибкорию иғвоангезӣ ва бо ин роҳ ноором сохтани вазъияти дохилии мамлакат мақсади онҳо мебошад. Бо назардошти чунин шароит гуфтан мумкин аст, ки радикализми сиёсӣ зуҳуроти иҷтимоию сиёсие мебошад, ки иғвоангезию шӯрандозӣ, хушунатгароию ифротгароӣ хосси он аст, ки чунин вазъият ба сохтори конститутсионии давлат ва ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат таҳдиди пуриқтидор мебошад.

## АДАБИЁТ


1. Авцинова Г.И. Политический радикализм в России. Социокультурный аспект / Г.И. Авцинова. –Киев, 1995. – 157 с.
2. Авцинова Г.И. Политический радикализм в России: социокультурный аспект проблемы: автореф. дис. ... д-ра филос. наук / Г.И. Авцинова. –М., 1996. – 43 с.
3. Большая советская энциклопедия / под ред. О.Ю.Шмидта. –М., 1941. -Т.48.
4. Волков В.В. Политический радикализм: попытка концептуального анализа / В.В.Волков // Вестник МГУ. Серия «Политические науки». –2002. –№4. –С.61-72.
5. Кадиева А.М. К вопросу о сущности религиозного экстремизма / А.М.Кадиева // Религиоведения. –2007. –№4. –С.127-137.
6. Лопушанский И.Н. Радикализм: теория и практика. Учебное пособие / И.Н. Лопушанский. –СПб., 2016. – 48 с.
7. Маркс К. Сочинения / К. Маркс, Ф. Энгельс. - Т.1. –С.422.
8. Морозов И.Л. Левый радикализм как политический феномен второй половины XX - начала XXI веков: эволюция стратегии и тактики: автореф. дис. ... д-ра полит. наук / И.Л. Морозов. –Саратов, 2010. – 42 с.

9. Ожегов С.И. Толковый словарь русского языка / С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. –М., 2003. –С.639.
10. Политология. Энциклопедический словарь / общ. ред. и сост. Ю.И. Аверьянов. –М., 1993. –С.328.
11. Радикализм политический // Национальная политическая энциклопедия [Электронный ресурс]. URL: http://politike.ru/termin/radikalizm-politicheskii.html (дата обращения: 15.12.2017 г.)
12. Современное политическое сознание в США / под ред. Э.Я.Баталова и Ю.В.Замощкина. –М., 1980. -446 с.
13. Социологическая энциклопедия в 2 т. Т.2. –М.: Мысль, 2003. –С.296.
14. Философский энциклопедический словарь. –М.: Советская энциклопедия, 1983. – С.558.
15. Философский энциклопедический словарь. 2-е изд. / под ред. С.С.Аверинцева и др. –М., 1989. –С.536.
16. Neumann M. What's Left?: radical politics and the radical psyche / M. Neumann. - Peterborough (Canada). Liwiston, 1988.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ РАДИКАЛИЗМИ СИЁСӢ

Дар мақолаи мазкур дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ мазмун ва мундариҷаи мафҳуми «радикализми сиёсӣ» мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ паҳлуҳои гуногуни зуҳуроти радикализми сиёсиро муайян намуда, онро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ муаррифӣ намудааст. Инчунин, муаллиф дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ таҳаввулоти мазмуни радикализми сиёсиро нишон додааст. Дар мақола қайд мегардад, ки радикализми сиёсӣ дар раванди таърих ва дар зери таъсири тағйиротҳои ҷамъиятию рушду инкишофи соҳаҳои гуногун шаклҳои худро тағйир дода, хеле мураккаб гардидааст. Дар мақола ба радикализми сиёсии замони муосир диққати бештар дода шудааст. Инчунин қайд мегардад, ки радикализм дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон хусусиятҳои ба худ хосро доро мебошад. Чунин ҳолат аз омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, динию мазҳабӣ ва сиёсию идеологии минтақаҳои мазкур вобастааст. Барои минтақаи Осиёи Марказӣ ва махсусан барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хатари радикализми исломӣ хеле зиёд аст ва дар аксар маврид дар зери ин мафҳум ифротгароёни динӣ ва тундгароёни исломӣ дар назар дошта мешаванд. Ба андешаи муаллиф радикализми сиёсии замони муосир зуҳуроти иҷтимоию сиёсие мебошад, ки иғвоангезию шӯрандозӣ, хушунатгароию ифротгароӣ хосси он аст, ки чунин вазъият ба сохтори конститутсионии давлат ва ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат таҳдиди пуриқтидор мебошад.

**Калидвожаҳо:** радикализм (тундгароӣ), радикализми сиёсӣ, радикализми исломӣ, экстремизм (ифротгароӣ), экстремизми сиёсӣ, экстремизми исломӣ, терроризм, андешаҳои оштинопазир, зӯроварии сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, сохтори конститутсионии давлат.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ ПОЛИТИЧЕСКОГО РАДИКАЛИЗМА

В данной статье на основе анализа научной литературы рассматривается сущность и содержание понятия «политический радикализм». Автор, анализируя научных источников, определяет специфические особенности политического радикализма и представляет его как социально-политический феномен. Также автор на основе изучения научной литературы показывает содержательную эволюцию политического радикализма. В данной статье отмечается, что в разные исторические периоды под воздействием общественных изменений и развития различных сфер человеческой деятельности формируется различные виды политического радикализма, и оно становиться очень сложным общественным явлением. Следует отметить, что в статье современному политическому радикализму уделяется особое внимание. Также отмечается, что радикализм в различных регионах мира имеет свои специфические особенности и различительные черты. Такое положение зависеть от социально-экономических, религиозно-конфессиональных и политико-идеологических факторов этих регионов. Для региона Центральной Азии, особенно для Республики Таджикистан очень опасен религиозный радикализм. Поэтому в большинство случаев по этим понятием понимается исламский экстремизм и исламский радикализм. По поводу автора современный политический радикализм как социально-политический феномен включает в себя подстрекательство и провокацию, крайность и экстремизм, которые все они являются потенциальными угрозами жизненно важным интересам страны и конституционному строю государства.

**Ключевые слова:** радикализм, политический радикализм, исламский радикализм, экстремизм, политический экстремизм, исламский экстремизм, терроризм, крайние взгляды, политическое насилие, национальные интересы, конституционный строй государства.

## THE CONCEPT AND ESSENCE OF POLITICAL RADICALISM

In this article, based on the analysis of scientific literature, the essence and content of the concept of "political radicalism" is considered. The author, analyzing scientific sources, determines the specific features of political radicalism and presents it as a socio-political phenomenon. Also, the author, on the basis of the study of scientific literature, shows the substantial evolution of political radicalism. In this article it is noted that in different historical periods, under the influence of social changes and the development of various spheres of human activity, various types of political radicalism are formed, and it becomes a very complex social phenomenon. It should be noted that in the article contemporary political radicalism is given special attention. It is also noted that radicalism in different regions of the world has its own specific features and distinctive features. Such a situation depends on the socio-economic, religious-confessional and political-ideological factors of these regions. For the Central Asian region, especially for the Republic of Tajikistan, religious radicalism is very dangerous. Therefore, in most cases, this term is understood as Islamic extremism and Islamic radicalism. Concerning the author, modern political radicalism as a socio-political phenomenon includes incitement and provocation, extreme and extremism, all of which are potential threats to the vital interests of the country and the constitutional order of the state.

**Key words:** radicalism, political radicalism, Islamic radicalism, extremism, political extremism, Islamic extremism, terrorism, extreme views, political violence, national interests, constitutional system of the state.

**Сведения об авторе:** ***Рахмонзода Фаромуз*** – Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, аспирант отдела политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33

**Information about the author:** Rahmonzoda Faromuz - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, post-graduate student of the department of political science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 33

**УДК: 32.019.51**

# МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ИМИҶИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ДАВЛАТ

***Баротов И.И.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ**

Дар замони муосир муносибатҳои байналхалқӣ дар зери таъсири падидаҳои мухталиф, бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ ва ниёзҳои геостратегии қудратҳои бузурги олам шакл гирифта истодаанд. Тавре аз мундариҷаи фазои сиёсии ҷаҳони муосир равшан аст, манфиатҳои геополитикӣ ва геостратегӣ ба давлатҳо имконият медиҳанд, ки ҷаҳду талошҳои мушаххаси худро барои ба даст овардани ҳадафи муайян равона созанд. «Вазъияти мураккаби сиёсии олам таҳаввули низоми нави муносибатҳои байналхалқиро такон медиҳад» [17, с.3]. Аз тарафи дигар дар, шароити ташаккули низоми нави ҷаҳонӣ сохтор ва мундариҷаи муносибатҳои байналхалқӣ марҳила ба марҳила дигаргун гардида истодаанд. Дар ин миён субъектҳои фаъоли геостратегӣ тамоми имкониятҳоро барои баланд бардоштани имиҷи хеш дар саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ сафарбар менамоянд [2, с.55]. Давлат низ ҳамчун институти меҳварии системаи сиёсии ҷомеа ва ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ ҳамеша барои расидан ба аҳдофи стратегӣ, геостратегӣ ва соҳиб гаштан ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми худ аз дипломатия истифода намуда, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии хешро дар чаҳорчӯбаи манфиатҳои миллии худ ба роҳ мемонад. Дар заминаи мазкур «ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ бояд аз нуқтаи назари манфиатҳои миллӣ ташаккул ёбанд» [7, с.140]. «Дар илмҳои сиёсии муосир ба масъалаи имиҷи байналхалқии давлат диққати бештар додаанд ва тибқи амалияи сиёсӣ барои баланд бардоштани имиҷи байналхалқии давлат, пеш аз ҳама, донишҳои назариявӣ ва технологиро зарур медонанд» [4, с.65]. Стратегияи таҳаввул ва технологияи ташаккули имиҷи байналхалқии давлатро бе «дипломатия, ки таъсирноктарин силоҳи сиёсати хориҷии давлат маҳсуб мегардад» [12, с.75], тасаввур кардан мушкил аст. Дар дасти давлат маҳз дипломатия метавонад ба сифати муҳимтарин силоҳи зарурӣ баромад намуда, татбиқи ҳадафҳои кишварро дар саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ таъмин намуда, нуфуз ва эътибори онро дар арсаи байналмилалӣ боло барад. Дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти худ мо кӯшиш намудем, ки асосҳои назариявӣ ва методологии имиҷи байналхалқии давлатро мавриди омӯзиш қарор дода, мафҳум ва моҳияти онро мушаххас намоем. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ омӯхта нашудааст. Бинобар ин, омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъалаи имиҷи байналхалқии давлат дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон хеле муҳим ба шумор рафта, аҳамияти ҳам илмӣ ва ҳам назариявӣ дорад. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари соҳибистиқлол дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ҳамчун субъекти комилҳуқуқ эътироф гардида, айни замон дар сиёсати хориҷии худ роҳу равиши хешро дорад. Минбаъд низ барои мустаҳкам намудани мавқеи байналхалқии кишвар ва баланд бардоштани имиҷи байналхалқии Тоҷикистон кӯшишу талошҳои бештаре лозим мебошанд. Бинобар ин, дар заминаи омӯзиш ва таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ, инчунин дар асоси таҳлили таҷрибаи сиёсии давлатҳои гуногун муайян намудани роҳу воситаҳои афзалиятноки беҳтарнамоии имиҷи байналхалқии давлат яке аз самтҳои муҳимтарини таҳқиқоти илмҳои сиёсӣ дониста мешавад.

Пӯшида нест, ки муносибатҳои байналхалқии замони муосир дар давраи гузариш ба марҳилаи сифатан нав қарор дорад. Раванди шиддатноки дигаргуниҳои сохтории робитаҳои байналмилалӣ дар шароити нави ҷаҳонӣ боиси нигаронии як қатор кишварҳо гаштааст. Ҳамаи давлатҳои олам мекӯшанд, то ин ки дар низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ симои мароқангез дошта бошанд. Онҳо ҳамеша маҷрои рушди имиҷи байналхалқии хешро дар самтҳои мухталифи ҳаёти байналхалқӣ ҳамчун мавзӯи мушаххас ва бағоят зарурӣ арзёбӣ менамоянд. Мавзӯи мазкур минбаъд низ барои кишварҳои мухталифи олам масъалаи мубрам боқӣ хоҳад монд.

Ҳамин тариқ, таваҷҷуҳи як қатор муҳаққиқон ба масъалаи имиҷи байналхалқии давлат зарурат ва таҳқиқи онро аз дидгоҳҳои мухталиф дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии муносибатҳои байналхалқӣ боғоят мубрам сохтааст. Ба назари А.Н. Антанович ва К.В. Девлеканова, «имиҷи байналхалқии кишварҳо дар худ низоми равобитеро ифода менамояд, ки мавҷудияти чаҳорчӯба ва қонуниятҳои онро таъмин менамояд» [1, с.35]. Ҳамзамон, давлати муосирро зарур аст, ки ба масъалаи таҳкими стратегияи ташаккул ва таҳаввули имиҷи байналҳалқии худ дар фазои муносибатҳои байналхалқӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Зеро «тамоюли ҷаҳонишавии муносибатҳои байналхалқӣ давлатро водор менамояд, ки ба масоили маърифати иҷтимоӣ ба таври дигар назар намояд» [21, с.7]. Яке аз муҳаққиқони масъалаи имиҷи байналхалқии давлат Улитина М.О. мебошад, ки ӯ имиҷи давлатро симои мукаммали мақсаднок меномад ва ташаккулёбии онро аз истифодаи технологияҳои мухталиф вобаста медонад. Ба андешаи ӯ, имиҷи байналхалқии давлат инъикоси хислатҳои калидие мебошад, ки дар худ арзишҳои муайянро нигоҳ медорад [19, с.213].

Дар ин бора муҳаққиқи дигар Паршина Е.В. нақши мафҳумҳои «иттилоот», «тарғибот», «тарғиботи беруна» ва «дипломатияи мардумӣ»-ро дар раванди ташаккули имиҷи байналхалқии давлат бағоят муҳим арзёбӣ намудааст [13, с.6]. Дипломатия воситаест, ки тавассути он давлат сиёсати хориҷии хешро татбиқ менамояд.

Ба андешаи С.К. Харбих, «имиҷи байналхалқии давлат манбаъ ва захираи сиёсии мамлакат мебошад. Роҳу усулҳои ташаккул додани он воситаи ба вуҷуд овардани фазои мусоиди иттилоотӣ барои кишвар дониста мешавад. Маҳз чунин шароит барои шинохти мавқеи мусбии мамлакат ва муаррифии иқтидори сиёсии давлат муҳим мебошад» [20, с.21]. Воқеан ҳам, самтҳои афзалиятноки имиҷи байналхалқӣ мавқеи давлатро дар саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ инъикос менамоянд. Воқеияти мазкур метавонад дар усулҳо ва шаклҳои нави дипломатияи муосир таҷассум ёбад. Ҳамчунин падидаи мазкурро дар самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлатҳо метавон мушоҳида кард.

Ба андешаи мо, имиҷи байналхалқии давлат симои рамзиест, ки дар шуур ва тафаккури миллии субъектҳои дигари муносибатҳои байналхалқӣ ташаккул меёбад. Ба ибораи дигар, имиҷи байналхалқии давлат дар раванди татбиқи самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлат ташаккул ёфта, дар табодули афкори мутақобила инъикос мегардад. Аз тарафи дигар, воқеияти падидаи мазкур дар шуури инсонҳо ташаккул ёфта, дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ инъикос меёбад. Аз дидгоҳи мазкур манзара ва фазои муносибатҳои байналхалқӣ оинаест, ки дар он имиҷи байналхалқии тамоми кишварҳои олам инъикос мегардад. Мафҳуми мазкур дар дурнамои таҳаввули соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ нуфузи муассир дорад. Масалан, симои мароқангези давлат дар арсаи байналмилалӣ таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд. Дар раванди ҷалби сармояи хориҷӣ имиҷи мусбати байналхалқӣ метавонад нақши калидӣ бозад. Рушди имиҷи байналхалқӣ барои мароқангез шудани симои давлат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ муҳим ва зарур мебошад. Давлати мароқангез давлатест, ки субъектҳо, сохторҳо, созмонҳо ва дигар ниҳодҳои байналхалқӣ ба он таваҷҷуҳи бештар доранд. Аслан мафҳум ва моҳияти имиҷи байналхалқии давлат дар ҳама соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ инъикос ёфта, таъсир мерасонад. Тавре амалияи сиёсӣ нишон медиҳад, имиҷи байналхалқӣ дар ҳаёти байналхалқӣ боиси устувор гардидани дастовардҳои сиёсии давлат мегардад.

Ба ақидаи мо, барои баланд бардоштани имиҷи байналхалқии давлат дар баробари имкониятҳои табиию таърихии давлат, инчунин механизмҳо ва технологияҳои мухталифи

сиёсӣ низ нақши назаррас ва ҳалкунанда доранд. Дар раванди ташаккули имиҷи байналхалқии давлат сарвари сиёсӣ нақши бағоят ҳалкунанда дорад. Зеро «тибқи таълимоти реализми сиёсӣ, дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ сарвар симои муҳим ва асосӣ маҳсуб гашта, қарорҳои дурусти сиёсати хориҷиро дар асоси тавозуни манфиатҳои миллӣ қабул менамояд» [5, с.127]. Бешубҳа, тамоюлоти шиддатноки муносибатҳои байналхалқӣ дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ нақши сарвари сиёсиро сарчашмаи асосии таҳаввули имиҷи байналхалқии давлат дар низоми равобити байналмилал арзёбӣ менамоянд. Ҳамин тариқ, мо дар фарзияи асосии таҳқиқоти худ низ ба фаъолияти сиёсати хориҷии сарвар таваҷҷуҳи махсус хоҳем дод.

Имиҷ (Image) калимаи англисӣ буда, бо мафҳумҳои «симо», «обрӯ», «эътибор» ва «нуфуз» баробармаъно мебошад. Айни замон дар зери ин мафҳум маҷмӯи иттилооти даркшавандаеро мефаҳманд, ки он барои шинохти объекти мушаххас ва дарки натиҷаи фаъолияти объекти мазкур зарур дониста шуда, ниҳоят аз ҷониби унсурҳои атрофи он ифода карда мешавад. «Имиҷ метавонад ҳамчун симои ташаккулёбандаи мақсаднок тавсиф ёфта, ба воситаи хислатҳои муҳимми иҷтимоию сиёсие, ки барои мамлакат арзишманд мебошанд, таҷассум ёбад» [19, с.15].

Омӯзиши имиҷи байналхалқии давлат нишон медиҳад, ки он дар аксар маврид хусусиятҳои психологии муносибатҳои байналхалқиро ифода менамояд. Масъалаи мазкур асосан дар доираи таҳқиқоти имиҷология, ки он ҳамчун шохаи илмҳои сиёсӣ мебошад, мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар илмҳои психологӣ низ ба монанди илмҳои фалсафа симо унсури меҳварии идрок ба ҳисоб рафта, дар раванди дарки воқеият нақши хеле муҳим мебозад ва аз равобити байнифардӣ ҳосил мешавад. Имиҷро метавон дар самтҳои мухталиф мушоҳида кард: имиҷи фард, имиҷи давлат, (имиҷи дохилӣ ва имиҷи байналхалқии давлат), имиҷи минтақавӣ. Чи гунае нишон дода шуд, имиҷи давлат дар навбати худ, боз ба ду шохаи асосӣ ҷудо мешавад: имиҷи дохилии давлат ва имиҷи байналхалқии давлат. Мо дар таҳқиқоти худ ба омӯзиши паҳлуҳои гуногуни имиҷи байналхалқии давлат таваҷҷуҳ менамоем.

Имиҷи байналхалқии давлат маҷмӯи тасаввуротҳо ва хислатҳои бо ҳамдигар алоқаманди ҳаёти байналхалқӣ буда, симои давлатро дар соҳаи муносибатҳои байналхалқӣ инъикос менамояд. Имиҷи байналхалқии давлат симои рамзии давлати соҳибистиқлол ва давлатдории миллӣ мебошад [6, с.208]. Имиҷи байналхалқии давлат бе мавҷудияти имкониятҳои зарурӣ вуҷуд дошта наметавонад. Раванди ташаккули симои мазкур ба шуури миллии давлат пайвастагӣ пайдо менамояд. Ҳамчунин раванди мазкур метавонад ба шуури сиёсӣ ҳамчун шакли асосии шуури ҷамъиятӣ таъсир расонад ва аз тарафи дигар, раванди боло рафтани имиҷи давлат дар арсаи байналмилал метавонад аз шуури сиёсӣ вобастагӣ дошта бошад. Воқеан ҳам, «шуури сиёсӣ инъикоси ғайрифаъоли ҳастии ҷамъиятӣ нест, чунки он метавонад аз амалия пеш гузашта, инкишофи равандҳои сиёсиро пешгӯӣ карда, ба ҳаёти сиёсӣ, ба тамоми ҳаёти ҷомеа таъсир расонад» [11, с.226]. Тамоюли болоравии падидаи мазкур аз шароит ва омилҳои гуногун сарчашма мегирад. Фаъолияти мутаассиру пурсамари давлат дар самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ эътибор ва симои давлатро ҳамчун субъекти асосии муносибатҳои байналхалқӣ муайян менамояд. Имиҷи байналхалқии давлат воқеият ва тасаввуроти аҳолии кишварҳои ҷаҳон нисбати мамлакат буда, дар натиҷаи табодули мутақобилаи афкори онҳо шакл мегирад. Зарурати ташаккули имиҷи байналхалқии ҳар як давлат эътирознопазир буда, онро наметавон имконнопазир шарҳ дод.

Дар илмҳои сиёсии муосир нисбат ба рушди имиҷи давлат дар самтҳои дохилӣ ва хориҷӣ зарурати рушди самти мустақили илмро ба вуҷуд овардааст. Тамоюли мазкур мантиқи мукаммалшавии имиҷи байналхалқии давлатро дар раванди шклгирии низоми нави ҷаҳонӣ шарҳ дода, технологияҳои нави танзимнамоӣ ва механизмҳои мухталифи баланд бардоштани онро пешниҳод менамояд. Дар натиҷа сатҳи имиҷи байналхалқии давлат дар муқоиса бо кишварҳои дигар мавриди баҳогузорӣ қарор гирифта, паҳлуҳои мухталифи он таҳқиқ карда мешаванд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ ҳифзи арзишҳои миллӣ аз таъсири зуҳуроти хатарзо ва инчунин боло бардоштани имиҷи дохилӣ ва имиҷи байналхалқии

давлат аз ибтикорот ва иқдомоти муҳим маҳсуб мегарданд. Дар чунин вазъият нигоҳ доштани арзишҳои милливу фарҳангӣ ва ҳамчунин пурзӯр намудани роҳу воситаҳои баланд бардоштани имиҷи байналхалқии давлатро метавон яке аз ҳадафҳои стратегӣ арзёбӣ кард. Зеро ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти байналхалқиро фаро гирифтааст. Падидаи мазкур метавонад ба раванди шаклгирии имиҷи байналхалқии давлат дар соҳаи сиёсати хориҷӣ таъсири манфӣ расонад. Аз ин лиҳоз давлат тамоми имкониятҳоро ҷиҳати пойдории арзишҳои сиёсӣ, миллӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ сафарбар менамояд. Раванди шаклгирӣ ва болоравии имиҷи давлат яке аз бахшҳои муҳимми арзишҳои сиёсӣ маҳсуб мегардад. Тавре аз механизмҳои сиёсии шаклгирии эътибор ва нуфузи байналхалқии давлат бармеояд, раванди мазкур маҳз дар чаҳорчӯбаи арзишҳои сиёсии давлат баҳогузорӣ гашта, дурнамои самтҳои афзалиятноки симои мароқангези он дар муҳити равобити байналмилал асоснок карда мешавад.

Ҳамзамон, имиҷи байналхалқии давлат яке аз категорияҳои муҳимми илмҳои сиёсӣ маҳсуб ёфта, тавассути технологияҳои махсус самтҳои афзалиятноки он ба воситаи нақшаи дурнамо муайян карда мешаванд. Давлат ҳамчун субъекти асосии муносибатҳои байналхалқӣ дар низоми равобити байналмилал ба мисли организми зиндаест, ки дар муҳити мазкур ё мунтазам рушду инкишоф меёбад ё мефавтад. Давлат маҳз дар натиҷаи рушду инкишоф симои худро марҳила ба марҳила дигаргун намуда, имиҷи байналхалқии нисбатан мусбатро дар муҳити муносибатҳои байналхалқӣ инъикос менамояд. Он дар ҳама шароит мекӯшад, ки худро ба шуури миллии давлатҳо ва тафаккури халқиятҳои дигари таркиби низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба таври мусбат муаррифӣ намояд. Аслан шаклгирии симои байналхалқии нисбатан мусбат аз натиҷаи таҳаввулоти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ сарчашма мегирад. Ба вуҷуд овардани симои мароқангези давлат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ аз роҳандозӣ ва коркарди барномаҳои дарозмуддат вобастагии зиёд дорад ва муносибатҳои байналхалқӣ низоми муносибатҳоест, ки дар он барномаҳои мазкур татбиқ карда мешаванд. Ҳамчунин, мантиқи мукаммалшавии имиҷи байналхалқии давлат низ, дар масири тамоюли рушди механизмҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ шакл гирифта, марҳилаҳои мураккаби рушдро дар бар мегирад. Падидаи мазкурро динамикаи рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ пурра менамояд. Лозим ба ёдоварист, ки таҳаввули иҷтимоию иқтисодӣ ва афкори сиёсии ҷомеа низ дар раванди мукаммалшавии симои мусбати давлат дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад. Симои байналхалқии давлат бошад, ҳамчун объекти мушоҳидаи ҳаёти байналхалқӣ метавонад ҳам ба таври мусбат ва ҳам манфӣ зоҳир гардад. Дар раванди мазкур иқтидор ва захираҳои зеҳнии давлат нақши муҳим мебозанд. Ҳар қадаре ки иқтидори зеҳнӣ боло бардошта шавад, ҳамон қадар имиҷи байналхалқии давлат баланд бардошта мешавад. Аз ин дидгоҳ маҳз боло бардоштани иқтидори зеҳнӣ метавонад боиси дигаргунӣ ва пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ гардад. Масалан, бе иқтидори зеҳнӣ дар соҳаи иқтисодиёт ягон намуди истеҳсолотро ҳатто тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ихтирооти ҳама намуди технологияҳои ҷадид маҳсули иқтидори зеҳнианд. Онҳоро маҳз инсонҳое ба вуҷуд овардаанд, ки иқтидори баланди зеҳнӣ дошта, дарки талаботҳои мазкурро ба воқеият табдил додаанд.

Яке аз механизмҳои боло бардоштани имиҷи байналхалқии давлат дар арсаи байналмилал дипломатия ва сиёсати хориҷии давлат ба ҳисоб меравад. Сиёсати хориҷӣ барномаи махсуси тарҳрезигашта ва ҳадафманди давлат буда, расидан ба ҳадафи мушаххас мазмун ва моҳияти онро ифода менамояд. Дипломатия бошад, василаи татбиқи барномаи мазкур дар саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ мебошад. Ҳамин тариқ, зарур аст, ки иқтидори зеҳнӣ дар самти дипломатия аҳамияти ҷиддӣ гирад. Зеро иқтидори баланди зеҳнии дипломат ба раванди шаклгирии имиҷи байналхалқии давлат таъсири мусбат мерасонад. «Фаъолияти дипломатӣ – ин меҳнати бениҳоят душвори рӯзмарра ва диққатталаби ҳақиқатан зиракона мебошад. Вай ҷамъоварӣ, ҷамъбаст, таҳқиқот ва ҳисоботи ҳирфавиро дар маркази қабули иттилоот ба уҳда дошта, васлнамоӣ ва ҷонибдории муносиботи васеи кориро бо ашхоси мухталиф, саъю кӯшиши доимиро барои ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллӣ, шаклгирии имиҷи мусбати кишвари худ ва

ҳамчунин рушди ҳамаҷонибаи алоқаҳои мутақобилан судмандро ба роҳ мемонад» [16, с.5]. Тавре маълум аст, саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ майдони тафаккури дипломатист. Дипломатия дар қиёс бо авомили дигари шиддатноккунандаи раванди шаклгирии имиҷи давлат, динамикаи таҳаввулоти симои намуна ва мароқангези давлатро дар низоми равобити байналмилал таъмин менамояд. «Илм ҳамеша барои давлат аҳамияти бузург дошта, дар муносибатҳои байналхалқӣ нуфуз дорад» [17, с.347]. Дипломате, ки иттилооти зиёд ва иқтидори баланди зеҳнӣ дорад, зимни татбиқи афзалиятҳои сиёсати хориҷии кишвар дар чаҳорчӯбаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ фаъолият менамояд. Иқтидори баланди зеҳнӣ қобилияти идоракунии дипломатро инкишоф медиҳад. Низоми фаъолияти дипломатӣ яке аз ҷанбаҳои меҳварии боло бардоштани имиҷи байналхалқии давлат маҳсуб мегардад. «Зеро сафир алоқаи мутақобилаи расмиро ба воқеият татбиқ намуда, ҳукумати худро дар назди ҳукумати кишвари мизбон муаррифӣ менамояд. Вай симои давлату миллати худ дар назди ҳукумати кишвари мизбон маҳсуб мегардад» [3, с.347]. Симои мароқангез ва диққатҷалбкунандаи кишвар дар саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ низ, аз натиҷаи фаъолияти пурсамари ниҳодҳо ва мақомотҳои берунаи сиёсати хориҷӣ маншаъ мегирад.

Тавре маълум аст, дар шароити муосир роҳандозии барномаҳо дар соҳаҳои фарҳангу маориф ба яке аз масоили мубрами муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфтааст. Зеро дар шароити фазои пуртазоди ҷаҳони муосир, махсусан ҳангоми болоравии тамоюли нақши равандҳои мураккаби ҷаҳонишавӣ ва минтақагароӣ падидаи мазкурро метавон яке аз омилҳои рушди имиҷи давлат дар самтҳои дохилӣ ва хориҷӣ шарҳ дод. Бешубҳа, дурнамои рушди тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва иҷтимоию сиёсӣ маҳз аз тақвият додани мароҳили нави рушди илм дар ҷаҳони муосир ва баланд бардоштани маърифати технологияҳои нисбатан ҷадид вобастагии амиқ дорад. Ҳамчунин, дар ин самт масоили муносибатҳои мутақобилаи фарҳангӣ, идеологӣ ва сиёсии байни давлатҳо низ аз маърази диққат дур нест. «Давлат дар соҳаҳои байналхалқӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, барномаҳои махсусро дар сиёсати хориҷии хеш, ҷиҳати шаклгирии имиҷи мусбати кишвар дар берун фаъолона истифода бурда, нуфузи худро дар кишварҳои дигар пурзӯр менамояд» [9, с.5].

Ҳамзамон, дар чаҳорчӯбаи мазкур рушди илм, омӯзиши технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва баланд бардоштани маърифати технологӣ метавонад дар раванди болоравии иқтидори давлат, ҳамчун ҷузъи меҳварии ҳадафҳои стратегии давлат мавқеи намоён дошта бошад. Илман асоснок шудааст, ки мантиқи мукаммалшавии рушди муваффақиятноки тамоми соҳаҳои сиёсати давлатӣ маҳз дар фазои рушди илм, методология ва технологияҳои ҷадиди омӯзиш ба таҳаввулот дучор мешавад.

Дар ин самт имиҷи байналхалқии давлат низ дар раванди шаклгирӣ дорои асосҳои методологӣ ва технологии ба худ хос мебошад. Албатта, бе истифодаи малакаи зеҳнӣ ва маърифатӣ технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ таъмини рушди устувору воқеии давлат дар самти имиҷ ғайриимкон аст. Зоҳиршавии навоварӣ ва технологияҳои ҷадид дар ҷаҳони муосир ба самти мазкур бетаъсир намемонад. Аз тарафи дигар, низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ низ, дар марҳилаи ниҳоии рушди худ аз истифодаи имконоти илм ва технологияҳои нав бебаҳра намонд. Падидаи мазкур фазои таҳқиқоти масоили сиёсии муносибатҳои байналхалқиро то андозае васеътар намудааст. Тавре дар боло ишора шуд, дар чунин фазои рақобатпазир дарёфти имиҷи байналхалқӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат маҳсуб мегардад. Имиҷи байналхалқии давлат ҳамчун падидаи сиёсӣ моҳиятан дар заминаи рушди илмию навоварӣ, истифодаи қобилият ва маҳорати технологияҳои ҷадид дар самтҳои мухталифи тартиботи давлатӣ ва низоми муносибатҳои байналхалқӣ ба таҳаввулот дучор мегардад. Ҳангоми пайгирӣ намудани таҳқиқоти қиёсӣ дар низоми равобити байналмилал метавон ба хулосае омад, ки тамоми барномаҳои дарозмуддат ва қадамҳои устувори сарвари сиёсӣ дар самтҳои сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷӣ ҷиҳати шаклгирии симои мароқангез ва рушди имиҷи мусбати байналхалқии давлат нигаронида шуда, дар чаҳорчӯбаи методологияи илмӣ, истифода ва таҳияи стратегияи дарозмуддат, техника ва технологияҳои нав ба танзим дароварда мешаванд.

Дар чунин шароит «имиҷ ва воқеиятҳои иҷтимоӣ ба мисли инсон, ҷомеа, давлат (масалан, имиҷи сиёсат, институтҳои давлатӣ ва давлат дар маҷмӯъ) ва натиҷаҳои фаъолияти онҳо (афкор, назарияҳо, фарзияҳо ва ғ.) пайвастагӣ пайдо менамоянд» [18, с.215]. Соҳаҳои мазкур дар чаҳорчӯбаи методҳои илмӣ ба азнавшаклгирии сохтории тамоми самтҳои низоми давлатӣ, аз он ҷумла ба раванди шаклгирии имиҷи байналхалқии давлат шароит муҳайё намуда, симои онро дар арсаи байналмилал мароқангез менамояд. «Дар назди мақомоти давлатӣ ба сифати вазифаҳои афзалиятнок зарурати танзими имиҷ барои намояндагии бомуваффақият дар фазои сиёсии олам баромад менамояд» [10, с.22].

Дар шароити муосир муайян намудани мавқеи сиёсати хориҷии давлат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ, таъсири равандҳои мухталифи байналхалқӣ ба сиёсати дохилӣ ва сиёсати хориҷии давлат ва ҳамчунин ба тафаккури омма дар дохили мамлакат ба миён меояд. Масалан, дар шароити ҷаҳонишавӣ давлат масъалаи нигоҳ доштани арзишҳои миллӣ, таърихӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳамчунин рушди илм ва ташаккул додани маҳорати истифодаи дурусти технологияҳои муосир ва ҷойгир намудани малакаҳои мазкур ба тафаккури омма ва ниҳоят таъмини амнияти иттилоотии халқро аз ҳар гуна догмаҳои бегонаи идеологӣ бояд дар мадди аввал гузорад. Кишварҳое, ки неруи пасти зеҳнӣ дошта, аз ин лиҳоз нисбатан заиф мебошанд ва илова бар ин, ба самтҳои мазкур мароқи бештар зоҳир наменамоянд, оқибат гирифтори равандҳои мураккаби байналхалқӣ мегарданд. Чунин кишварҳо на танҳо аз имиҷи байналхалқии худ дар низоми равобити байналмилал маҳрум мегарданд, балки дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ ба мустамлика табдил меёбанд.

Дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ, аз қабили минтақагароӣ, ҷаҳонишавӣ ва равандҳои мураккаби ҳамгироӣ дар масири таҳаввулоти самтҳои таъсирноки фазоҳои бузурги нуфузи минтақавии акторҳои геостратегии муносибаҳои байналхалқӣ шаклгирии имиҷи байналхалқии давлат ба масоили мубрами марҳилаи нави муносибатҳои байналхалқӣ табдил ёфтааст.

Дар шароити низоми дуқутба мафҳуми имиҷи байналхалқии давлат мантиқан моҳият надошт. Мафҳуми мазкур танҳо дар симои қутбҳои ҳукмрон (ИҶШС ва ИМА) ҳамчун симои душман фаҳмида ва дарк карда мешуд. «Дар шароити мазкур имиҷи ИҶШС-ро ҳамчун симои душман дарк менамуданд (масъалаи мазкур дар рисолаҳои илмии К. Боулдинг, У.Бронфенбреннер, В.Бучанан, Х.Кантрилл ва Р.Уайт мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст)» [14, с.4]. Дар чаҳорчӯбаи низоми мазкур якчанд кишварҳоро метавон вохӯрд, ки имиҷи байналхалқии хешро сарфи назар аз чунин шароити мураккаб ба авҷи таҳаввулот расонидаанд. Тавре аён аст, баъзеи онҳо ба фишори бевосита ва рақобати сахти марказҳои бузурги қудрат рӯ ба рӯ шуданд (масалан, Ҷопон ба рақобат ва фишори ИМА рӯ ба рӯ шуда буд).

Фурӯпошии ИҶШС сохтор ва фазои сиёсии муносибатҳои байналхалқиро дигаргун кард. Дар натиҷаи дигаргуншавиҳои мазкур низоми нави ҷаҳонӣ ташаккул ёфт. Дар шароити мазкур мафҳуми имиҷи байналхалқии давлат моҳияти ба худ хосро касб кард. Низоми нави ҷаҳонӣ хислати бисёрқутба дошта, дар фазои сиёсӣ ва геополитикиву геостратегии он якчанд маркази қудрат арзи ҳастӣ менамояд. Ҳузури қудратҳои бузург дар фазои мазкур як воқеияти инкорнопазир аст. Илова бар ин, баъди фурӯпошии ИҶШС як қатор давлатҳо соҳибистиқлол гардида, самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии хешро ба роҳ монданд. Ҳамзамон дар раванди шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ падидаи имиҷи байналхалқии давлат моҳияти махсуси илмиро ба худ касб кард. Давлатҳо дар чунин шароит стратегия, роҳҳо ва технологияҳои ҷадиди инкишофро дар самти мазкур ба роҳ мемонанд.

Яке аз бонуфузтарин олим ва файласуфи Юнони қадим Афлотун, ки номи аслиаш Аристокл мебошад, дар асари безаволи худ «Давлат» таваҷҷуҳи давлатро ба масоили мухталифи ҳаёти ҷамъиятӣ ҷалб менамояд. Аз он ҷумла, дар мавзӯи таъмини амну суботи давлатӣ қайд менамояд, ки «посбонон ва ёридиҳандагони онҳоро дар радифи қобилиятнокшавӣ маҷбуран бояд талқин кард, то ин ки онҳо дар самти худ сарриштаи комил пайдо намуда, устоди моҳир бошанд ва ба соҳаҳои боқимондаи ҳаёти ҷамъиятӣ низ

айнан чунин таваҷҷуҳ мебояд кард» [15, с.149].

Ҳамин тариқ, рушду инкишофи давлат дар заминаи имкониятҳои мавҷудаи он сурат гирифта, дурнамои рушди минбаъдаи онро нишон медиҳад. Давлат ба воситаи консепсияи сиёсати хориҷӣ вақту фазо, шароити мавҷуда, ченаки муносибатҳои байналхалқӣ, фазои геополитикии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, пайомад ва пасманзари панҷсолаи ҷаҳониро дар дурнамо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода, ҷойгоҳи худро дар фазои муносибатҳои байналхалқӣ муайян менамояд. Аммо зимни таҳияи стратегияи ташаккул ва таҳаввули имиҷи байналхалқии давлат механизмҳои дар боло зикршуда дар самти сохторҳои марказӣ ва мақомоти берунаи сиёсати хориҷӣ бояд ба роҳ монда шаванд. Зеро соторҳои мазкур дар раванди инкишофи имиҷи байналхалқии давлат ҳамчун омили беруна такони ҷиддӣ медиҳанд. Аслан тамоми кишварҳои олам саъй менамоянд, ки дар арсаи байналмилал симои мусбат ва мароқангез дошта бошанд. Бо ин мақсад онҳо дар алоҳидагӣ зимни таҳия ва коркарди консепсияи сиёсати хориҷӣ ба симои ҷаззобу мароқангези давлат дар саҳнаи муносибатҳои байналхалқӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Падидаи мазкур дар консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун ҷузъи таркибии манфиатҳои миллӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ арзёбӣ гашта, «таҳкими имиҷи мусбати Тоҷикистонро дар олам ҳамчун давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд талқин менамояд» [8]. Сохторҳои мазкур, ки ҷойгоҳ ва мақоми давлатро дар фазои муносибатҳои байналхалқӣ муайян менамоянд, метавонанд дар радифи сиёсати хориҷӣ имиҷи байналхалқии онро низ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ инъикос намоянд. Имиҷи байналхалқии давлат замоне дар ҳаёти байналхалқӣ мароқнок инъикос мегардад, ки механизм, технология ва методологияи ташаккули он аз ҷониби давлат самаранок мавриди истифода қарор гирад.

**АДАБИЁТ**


1. Антонович Н.А. Формирование политического имиджа государства (на примере Республики Беларусь) / Н.А. Антонович, К.В. Девлеканова // Вестник Московского университета. Серия 21: управление (государство и общество). –2009. –№2. –С.28-39.
2. Бжезинский З. Великая шахматная доска (сборник) / З.Бжезинский. – М.: АСТ, 2014. – 702 с.
3. Дерябин Ю.С. Легко ли быть послом? / Ю.С. Дерябин. – М., 2010. – 395 с.
4. Драгачёва О.С. Внешнеполитический имидж государства и его лидера: технологии формирования и позиционирования: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / О.С. Драгачёва. – М., 2006. – 190 с.
5. Дугин А.Г. Международные отношения. Учебник / А.Г. Дугин. – М., 2014. – 430 с.
6. Жан Жак Руссо. Об общественном договоре / Ж. Ж. Руссо. – М., 2012. – 383 с.
7. История политической мысли. Фрагменты и лица. – СПб., 2005. – С. 140.
8. Концепция внешней политики Республики Таджикистан. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, № 332.
9. Кубышкин А.И. Публичная дипломатия США. Учебное пособие / А.И. Кубышкин, Н.А. Цветкова. –М.: Издательство «Аспект-пресс», 2013. – 272. с.
10. Лебедева Т.П. Имидж государства в мировом политическом пространстве: структурные модели формирования / Т.П. Лебедева, Т.А. Михайленко // Вестник Московского университета. Серия 21. Управление (государство и общество). –2011. –№1. –С.13-28.
11. Маҳмадов А.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 480 с.
12. Николсон Г. Дипломатия / Г. Николсон. –М., 1941. – 156 с.
13. Паршина Е.В. Роль публичной дипломатии в формировании имиджа государства (политологический анализ на опыте США и СССР/РФ): дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / Е.В. Паршина. – М., 2006. – 150 с.
14. Пекониди А.В / Конструирование политической имиджа России современными печатными средствами массовой информации США: дис. … канд. полит. наук: 23.00.02 / А.В. Пекониди. – Владикавказ, 2012. – 245 с.
15. Платон. Государство. – М.: Изд-во «Либроком», 2012. – 538 с.
16. Самойленко В. В. Профессиональные секреты дипломата. Учебное пособие для вузов / В.В. Самойленко. –М.: Аспект-пресс, 2016. – 272 с.
17. Сергеев С.О. Наука как фактор мягкой силы: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.04 / С.О. Сергеев. –СПб., 2016. – 134 с.
18. Улитина М.О. Методологические подходы к формированию международного имиджа государства / М.О. Улитина // Вестник Московского государственного лингвистического университета. Серия: общественные науки. –2013. –№662. –С.207-222.
19. Улитина М.О. Формирование международного имиджа России в условиях информационной глобализации: дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / М.О. Улитина. – М., 2015. – 199 с.
20. Харбых С.К. Международный имидж государства: факторы и коммуникативная стратегия формирования (на примере Чили): дис. … канд. полит. наук: 23.00.04 / С.П. Харбых. – М., 2016. – 306 с.

21. Цыганков. А.П. Социология международных отношений. Учебное пособие / А.П.Цыганков, П.А. Цыганков. – М.: Апекст-пресс, 2006. – 236 с.

## МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ИМИҶИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ДАВЛАТ

Мақолаи мазкур ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои мубрами муносибатҳои байналхалқӣ ва фазои сиёсии ҷаҳони муосир бахшида шудааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти имиҷи байналхалқии давлатро илман мушаххас намуда, зарурати омӯзиши онро дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ бағоят муҳим арзёбӣ кардааст. Ҳамчунин, муаллиф атрофи асосҳои назариявӣ ва методологии имиҷи байналхалқии давлат андешаронӣ намуда, таҳкими онро дар арсаи байналмилал ҳамчун падидаи сиёсӣ шарҳ додааст. Баррасиҳои илмии муаллиф исботгари он аст, ки симои мароқангез ва ҷаззоби давлат дар саҳнаи равобити байналмилал диққати иштирокдорони ҳаёти байналхалқиро ба худ ҷалб менамояд. Муаллиф имиҷи байналхалқии давлатро дар шароити дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ ҷузъи таркибии манфиатҳои миллии давлат арзёбӣ намудааст. Давлат бар замми шароитҳои табиию таърихӣ ҳамчунин ба механизмҳо ва технологияҳои гуногуни баланд бардоштани имиҷи байналхалқии худ эҳтиёҷ дорад. Ташаккули имиҷи мусбати давлат дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ яке аз ҳадфҳои стратегии давлат ба ҳисоб меравад. Таҳаввули имиҷи байналхалқии давлат дар шароити муосири ҷаҳонӣ як воқеияти инкорнашуданист. Бешубҳа айни замон асосҳои технологӣ ва методологии ташаккули имиҷи байналхалқии давлатро метавон яке аз падидаҳои мубрам дар сиёсати ҷаҳонӣ арзёбӣ кард. Дар ин росто механизмҳои нави рушд, дурнамои мавқеи давлатро дар низоми ҷадиди ҷаҳонӣ ба таҳаввулот дучор намуда, рушди давлатро дар самти мазкур таъмин менамояд. Ҳамин тариқ, нақши кишварҳои пешсаф ҳамчун актори фаъоли геостратегӣ дар манзараи геополитикии олам марҳила ба марҳила боло хоҳад рафт. Муносибатҳои байналхалқӣ ҳамзамон дар ҳоли гузариш қарор дошта, марҳилаи нави рушдро паси сар намуда истодаанд. Тамоюли дигаргуниҳои нави ҷаҳонӣ самтҳои афзалиятноки имиҷи байналхалқии давлатро устувор менамояд. Илова бар ин, зуҳури равандҳои нисбатан мураккаб дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ муҳиммияти падидаи мазкурро дақиқ менамояд.

**Калидвожаҳо**: имиҷи байналхалқии давлат, муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсати ҷаҳонӣ, низоми нави ҷаҳонӣ, сиёсати хориҷӣ, дипломатия, симои мароқангез, манфиатҳои миллӣ, ниёзҳои геостратегӣ, сиёсати байналхалқӣ, фазои сиёсии ҷаҳон, технология, ҳадафи стратегӣ, тамоюлоти ҷаҳонӣ.

## ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ МЕЖДУНАРОДНОГО ИМИДЖА ГОСУДАРСТВА

Статья посвящена изучению одной из актуальных проблем международных отношений и современного глобального политического пространства. Автор в данной статье научно обосновывает сущность международного имиджа государства и считает важным его изучения в условиях новых мировых изменений. Также автор рассматривает теоретико-методологические аспекты международного имиджа государства и показывает основные пути формирования и укрепления этого феномена. Автор отмечает, что позитивный имидж государства в сфере международных отношений отвлекает внимания участников международной жизни и международной аудитории. Автор определяет международный имидж государства как структурный элемент национальных интересов страны. Государство кроме исторических и природных условий, также нуждается на различные механизмы и технологии повышения своего международного имиджа. Формирование позитивного имиджа государства в системе международных отношений является стратегической целью любого государства. Эволюция международного имиджа государства в условиях современного мира является неоспоримая реальность. В настоящее время технологические и методологические основы формирования международного имиджа государства считается в мировой политике важным атрибутом государства. В этом направлении новые механизмы развития эволюционируют перспективы позиционирования государства в новом мировом порядке, и на этой основе обеспечивает развитию государства. Таким образом, место и роль развитых стран, которые считаются основными геостратегическими акторами мировой политики, постепенно повышается в геополитической картине мира. Международные отношения сегодня находиться в переходном периоде и входит в новый качественный этап развития межгосударственных отношений. Тенденция новых мировых изменений укрепляют приоритетные направления международного имиджа государства. Кроме того появления сложных мировых процессов в системе международных отношений обосновывают актуальность данной проблемы.

**Ключевые слова:** международный имидж государства, международные отношения, мировая политика, новый мировой порядок, внешняя политика, дипломатия, привлекательный образ государства, национальные интересы, геостратегические императивы, международная политика, международная политическая пространства, технология, стратегическая цель, глобальные тенденции.

## CONCEPT AND ESSENCE OF THE INTERNATIONAL IMAGE OF THE STATE

The article is devoted to the study of one of the pressing problems of international relations and the modern global political space. The author in this article scientifically substantiates the essence of the international image of the state and considers it important to study it in conditions of new world changes. The author also examines the theoretical and methodological aspects of the international image of the state and shows the main ways of forming and strengthening this phenomenon. The author notes that the positive image of the state in the sphere of international relations diverts the attention of participants in international life and the international audience. The author defines the international image of the state as a structural element of the national interests of the country. The state apart from historical and natural conditions also needs different mechanisms and technologies to enhance its international image. The formation of a

positive image of the state in the system of international relations is the strategic goal of any state. The evolution of the state's international image in the modern world is an undeniable reality. At present, the technological and methodological foundations for the formation of the international image of the state are considered an important attribute of the state in world politics. In this direction, new development mechanisms evolve the prospects for positioning the state in a new world order, and on this basis ensures the development of the state. Thus, the place and role of developed countries, which are considered the main geostrategic actors of world politics, is gradually rising in the geopolitical picture of the world. International relations today are in a transitional period and enter a new qualitative stage in the development of interstate relations. The trend of new world changes strengthens the priority directions of the state's international image. In addition, the emergence of complex world processes in the system of international relations justify the urgency of this problem.

**Key words:** international image of the state, international relations, world politics, new world order, foreign policy, diplomacy, attractive image of the state, national interests, geostrategic imperatives, international politics, international political space, technology, strategic goal, global trends.

**Сведения об авторе:** ***Баротов Исроил Иброхимович*** – Институт философии, политологии и права им. А.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан, аспирант отдела политических проблем международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Телефон.: **+992 900 709000**

**Information about the author:** ***Barotov Isroil Ibrokhimovich*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bakhovaddinov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, post-graduate student of the department of political problems of international relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: **+992 900 709000**

**УКД 327.88**

# ҶАҲОНИ МУОСИР: ГЛОБАЛИКУНОНӢ ВА БУҲРОНИ АСРИ XXI

***Асламзода Некрӯз***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Муносибати объективона ба таҳлили раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа воқеияти манфиатҳоро ифода менамояд. Дар ҳолати муносибати субъективона воқеияти инкишоф чандон намоён намегардад. Мураккабӣ ва пурихтилоф будани раванди инкишоф дар дарки пурраи масъалаҳо хоҳу ноҳоҳ монеа эҷод месозанд. Мушкилоти нави бавуҷудомада муносибати мушаххасро талаб мекунанд. Онҳо аз лиҳози таҳмил ва тахриб ба куллӣ фарқ доранд. Инкишофи умумисайёравии олами муосир масъалаи рӯз гаштааст. Профессор Зокиров Г. Н. чунин мешуморад, ки илми классикии замони нав, ки дар кӯшишҳои инсоният ба хотири расидан ба қуллаи ратсионализм, технологизм ва прогрессивизм таҷассум ёфтааст, натавонист роҳи пешсафи инкишофи умумисайёравиро нишон диҳад [5, с.255].

Масъалаҳои инкишофи ҷаҳони глобалӣ тайи ду даҳсолаи аввали асри XXI диққати мактабҳои илмӣ-тадқиқотиро ба худ ҷалб намудаанд. Дуруст муайян карда натавонистани роҳи ҳалли мушкилотҳо дар замони муосир воқеияти инкишофи устувори ҷаҳонро зери савол мегузорад. Халалдор шудани ноосфера ва антропосфера ҷаҳони глобалиро хатарноктар мегардонад. Э. Тоффлер дар асараш “Тарс ба оянда”, буҳрони инкишофро на дар номутаносибии муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фалокатҳои экологӣ мебинад. Ӯ диққаташро ба тағйир ёфтани ҷаҳонбинии маънавӣ-психологии одамон равона мекунад. Ҳамин тавр, ӯ олами муосирро ҳамчун “ҷаҳони глобалии хатарнок” тавсиф менамояд.

Аммо пурра ба андешаи Э. Тоффлер розӣ шудан нашояд. Зеро он фақат қисми таркибии масъалаҳои рӯзмарраро фаро гирифта, сабабҳо ва омилҳои гуногуни раванди ташаккулро ба пуррагӣ инъикос карда наметавонад. Аз тарафи дигар, масъалагузории мазкур танҳо ба раванду ҳодисаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки ҳолати рақобатпазириро инъикос мекунанд, дахл надошта, он дар маҷмӯъ ба масъалаҳои «мавҷудияти ҳаёт дар оянда» низ таваҷҷуҳ менамояд. Ибораи «ҷаҳони глобалии хатарнок» раванди вайрон шудани сатҳи инкишофи табиӣ, номутаносибии инкишофи мамлакатҳо ва минтақаҳо, муносибатҳои ғайриоқилона, манфиатталабона ҳам дар фазои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ва ҳам инъикоси нодурусти ноосфера, атмосфера, гидросфера, дар маҷмӯъ биосфера фаҳмида мешавад.

Асоси ҳама гуна муносибатҳоро қонеъ гардонидани талаботу манфиатҳои одамон ташкил медиҳад. Аз андоза зиёд талаби комёб шудан ба ҳуқуқҳои моддӣ инсониятро аз ҳуқуқ ба ҳаёт маҳрум мекунад, ё чунин хатарро пайдо месозад. Воқеияти манзараи олами муосирро метавон чунин шарҳ дод. Гуманизм, ки асоси муносибатҳои ҷамъиятиро бояд ташкил диҳад, амалан дар ҳоли таназзул қарор дорад.

Раванди инкишофи таърихии инсоният садсолаи оромиро ёд надорад. Ба вуҷуд омадани муносибатҳои ратсионалӣ, табдил додани инсони анъанавӣ ба инсони модерн ва системаи анъанавии қафомонда ба системаи модернизатсияшудаи пешрафтаи ратсионалӣ натавонистанд сатҳи ба вуҷуд омадани хатарҳоро бартараф созанд, ё онро ҳадди ақал коҳиш диҳанд. Мушоҳидаи манзараи таърихӣ хулосаи баръаксро пеши назар меоварад. Пешрафти илмию техникӣ ҷаҳонро хатарноктар гардонид, на баръакс. Муҷаҳҳаз шудани инсон бо “обзор” онро хушбахт нагардонид. Инсоне, ки баҳри нобуд кардани нафаре вақти зиёдро сарф мекард, имрӯз бо пахши тугмае ҳазорҳо нафарро нобуд месозад.

Асри XX аллакай ба ҳукми таърих ворид гардидааст. Раванду ҳодисаҳои асри нав давоми мантиқии онанд. Замони муосир бо фаҳми таърихиаш ба фаҳми асри XVIII рост меояд. Замоне, ки инсон тарзи муносибатҳои нав ва ратсионалиро нисбати раванду ҳодисаҳои ҳаёти ҷомеа пеша гирифтааст. Аммо ҳамин замонро метавон пурфоҷиатарин давраи таърихии инсоният номид, ки то ҳоло идома дорад. Махсусан, асри XX, ки пурфоҷиатарин аср ба ҳисоб меравад. Он бо талафоти зиёди ҷонӣ ва молӣ муқоиса надорад.

Таҳияи консепсияҳо ва доктринаҳои сиёсию геополитикӣ, ки гегемонизми навинро ифода мекунанд, воқеияти манзараи сиёсии ҷаҳонро ташкил медиҳанд. Хатарнок будани ҷаҳони глобалӣ аз натиҷаи фаъолияти худи инсон, мактабҳои илмӣ, давлатҳо ва гурӯҳҳои сиёсии молиявию иқтисодии байналмилалӣ бармеояд. Тасниф накардани суд ва зиёни ҳуқуқи башар на танҳо боиси қонеъ нагардидани талаботу манфиатҳои сиёсӣ, фарҳангию идеологӣ, иқтисодии қисмате аз аҳолии сайёраи Замин гардидааст, балки онҳоро беҳуқуқ мемонад. Метавон чунин риторикаро асос шуморид, ки “даъвои аз андоза зиёди комёб шудан баҳри озодӣ башарро ноозод ва беҳуқуқ гардонидааст”.

Давлатҳо ва акторҳои дигари байналмилалӣ мехоҳанд воқеияти инкишофро ба таври худ ва ба талаботу манфиатҳои худ ҷавобгӯ буда созмон диҳанд. Ҳолати зикршудаи амали давлатҳо, махсусан, акторҳои “тавоно”–и байналмилалӣ дурнамои инкишофи инсониятро зери савол мебаранд. Ҳолати мазкур дар асри навин новобаста аз оне ки консепсияҳо, барномаҳои рушди устувор, шартномаҳои байнидавлатӣ бештар қабул шуда истодаанд, дар сатҳи баландтар намудор мешавад. Махсусият ва принсипҳои муносибатҳои сиёсии ҷаҳониро амалан на принсипҳои санадӣ, балки манфиатҳо ташкил медиҳанд.

Воқеияти амалишавии сиёсати хориҷии давлатҳо бе қонеъ гардидани талаботу манфиатҳо аз имкон берун аст. Ин категорияи объективист. Ҳимояи манфиатҳо дар асоси ба эътибор гирифтани талаботу манфиатҳои дигар акторон бояд сурат гирад, на баръакс. Принсипи мазкур хосияти санадии умумии эътирофшударо соҳиб мебошад. Масалан, дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид муносибати байниҳамдигарии давлатҳо дар асоси ба эътибор гирифтани баробарӣ ва мустақилияти ҳамдигарӣ ба роҳ монда мешавад [9]. Масъалаи мазкур диққатҷалбкунанда аст. Принсипҳои асосии санадие, ки дар асри гузашта муайян шудаанду муносибатҳои байниҳамдигарии субъектони сиёсати ҷаҳониро бояд танзим кунанд, таҷрибаи ду даҳсолаи аввали асри XXI нишон дод, ки эътибornокии чунин принсипҳо коҳиш ёфтаанд. Дегуманизатсия хусусияти асосии муносибатҳои байниҳамдигарии акторҳои ҷаҳониро ташкил медиҳад. Яъне, гуманикунонии сиёсат, ки рӯоварии сиёсат ба воқеъгардонии манфиат ва сарватҳои инсониро дар бар мегирад ва дар сиёсати хориҷӣ маънои гузариш ба низоми нави муносибатҳои байналхалқиро дорад, амалан воқеият пайдо намекунад [6, с. 270]. Амали сиёсии онҳо дар асоси дигар консепсия ва доктринаҳо воқеият пайдо мекунад. Доктринаҳои “неоатлантизм” (С. Хантингтон), “гегемонизм” (Зб. Бжезински "Тарҳи нави гегемонизми амрикоӣ"), “неомондиализм” (Ф. Фукуяма, Аттали) [3], барномаҳои татбиқи ҷаҳонии “аз диктатура ба демократия” (Ҷ. Шарп) ва ғайраҳо воқеият пайдо кардаанд, ки инкишофи баробар ва ягонагии ҷаҳони глобалиро халалдор мекунанд.

Низоми ноодилонаи созмонёфтаи ҷаҳонӣ дар садсолаи аввали ҳазораи сеюми

инкишоф, тахмил ва содироти арзишхои башарӣ, ташкили инқилобҳои сунъӣ ва бо роҳи зӯрӣ паҳн намудани арзишҳои ғайриуниверсалии инсонӣ, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон натиҷаи амалигардии ҳамон ояндабинии олимон буд [18, с. 36].

Мафҳуми глобализатсия дар забони тоҷикӣ ба маънои «ҷаҳонишавӣ» ва «ҷаҳонигардонӣ» омадааст. Гуфтан бамаврид аст, ки ҳарду мафҳум маънои мафҳуми глобализатсияро метавонанд диҳанд. Дар забони англисӣ ва русӣ бо як сохтори талаффузӣ (англ. «globalization», рус. «глобализация») омада, он аз як реша «global», «глобальный» -умумӣ, ҷаҳонӣ ва пасванди пурракунандаи фаҳм ва маънои решаи асосӣ «ation», «зация», ки маънои «…гардонӣ»-ро медиҳанд, шакли пурраро гирифтааст. Пасванди «ation» ё худ бо русӣ «зация», ифодаи ҷараён ё раванд аст, ки бо «…гардонӣ»-и тоҷикӣ баробар аст. Аз тавсифи луғавии овардашуда, хулоса кардан зарур аст, ки глобализатсия ҷараёни умумисайёравӣ ба ҳисоб меравад. Профессор Зокиров Г. Н. дар «Донишномаи сиёсӣ» (2015) глобализатсияро раванди ташаккул, амал намудан ва инкишофи низоми умумисайёравӣ дар асоси амиқ гардонидани баҳампайвастӣ ва баҳамтаъсиррасонӣ дар тамоми соҳаҳои иттиҳоди байналмилалӣ медонад [8, с. 251]. Глобализатсия, аз нигоҳи омӯзишҳои назариявӣ ҳамчун ҷараён ва кӯшиши қудратҳо баҳри умумигардонии тамоми муносибатҳо, аз нимаи дуюми асри XX оғоз гардидааст.

Дар таҳлили масъала наметавонем «ҷаҳонишавӣ» ва «ҷаҳонигардонӣ»-ро, ки ифодаи маънои глобализатсия ҳастанд, аз нигоҳи амалӣ ҳаммаъно донем. Ҷаҳонишавӣ бештар мафҳум ва мавзӯи баҳси назариявӣ-академикӣ ба ҳисоб меравад. Онро ҳамчун раванди тадриҷӣ ва объективӣ метавон шарҳ дод. Дар баҳсҳои назариявӣ-академикӣ ва инчунин донишгоҳӣ ҷаҳонишавиро ба таври мусбӣ баҳо дода, онро асоси инкишофи ҷаҳон ва муносибатҳои умумисайёравӣ медонанд. Ҷаҳонигардонӣ бештар маънои сиёсиро ба худ мегирад, яъне онро ҳамчун як тарҳ маънидод карда, як сиёсати барномарезишудаи абарқудратҳост, ки барои таҳмили арзишҳои худ дар шакли эътирофи онҳо ба сифати арзишҳои умумибашарӣ амалӣ мегардад. Ҷаҳонигардониро низ метавон роҳи махсуси олами сармоядорӣ дар шакли нав, ки ифодаи гегемонизм аст, тавсиф кард.

Масъалаи «глобализатсия ва бӯҳрони асри XXI»- бо дар назар гирифтани ҳарду мафҳум, яъне ҳам «ҷаҳонишавӣ» ва ҳам «ҷаҳонигардонӣ» баррасӣ мешавад. Хоҳу нохоҳ масъала тақозо менамояд, ки ба мафҳуми «ҷаҳонигардонӣ» бештар диққат диҳем. Раванди глобалишавӣ ҳолати дигарро низ, аз ҷумла прогресси технологизм ва бӯҳрони ҳаёти инсонро ба эътибор мегирад.

Он ҷиҳатро дуруст дарк кардан бамаврид аст, ки глобаликунонӣ ва масъалаи умумигардонӣ қонеъкунандаи талаботу манфиатҳои кадоме аз барандагони сиёсати кабир аст? Оё глобаликунонӣ воқеияти инкишофи мутаносиби олами муосирро инъикос карда метавонад? Глобаликунонӣ то кадом андоза метавонад сатҳи нави муносибатҳои гуманистиро дар низоми нави ҷаҳонӣ ташаккул диҳад? Посух ба саволҳои гузошташуда аз таҳлили равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ дар шароити муосир нигоҳи песимистиро ба вуҷуд меорад.

Бештари муҳаққиқон глобаликунониро ҳамчун раванди васеъшавӣ, амиқгардӣ ва тезонидани ҳамкориҳои байналмилалӣ маънидод менамоянд, ки тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти ҷамъиятӣ аз ҷанбаи маданӣ то ба махсусиятҳои криминалӣ, аз ҷанбаҳои молиявӣ то ба ҷиҳатҳои маънавию мафкуравӣ, аз мазмуни ҳамкориҳои байналмилалӣ то ба амалигардонӣ дар зери назорат қарор додани фазои иттиҳодияҳои сиёсии гуногун аз ҷониби акторҳои “тавоно”–и байналмилалиро дар бар мегирад [4, с. 5]. Яъне, метавон гуфт, ки бо дарназардошти таҷрибаи талхи садсолаи қаблӣ ва ибтидои ҳазораи сеюм давлатҳо барои ҳалли масъалаҳои печидаи сиёсӣ, амниятӣ ва иқтисодӣ, ба ҳадафи ҷилавгирӣ аз муқовиматҳои бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар канори ҳам қарор гирифта, ҷиҳати ҳамкории кишварҳои минтақа ва ҷаҳон барои амалӣ намудани ҳадафҳои хеш созмонҳои байналмилалиро эҷод кардaнд ва ба тадвини муоҳидот, конвенсияҳо, қатъномаҳо ва қонунҳои махсус мусоидат менамоянд [10, с. 275].

Авзои бехатарии ҷаҳон аз соли 2008 то инҷониб хатарноктар гашта, бозиҳои бузурги геополитикӣ, бархӯрдҳои иқтисодӣ, бӯҳронҳои молиявӣ, моҷароҳо хосияти асосии онро ташкил медиҳанд. Аз тарафи дигар бошад, бӯҳронҳои экологӣ, коҳиш ёфтани захираҳои табиӣ, тағйирёбии иқлим ва муносибати табиат ба таври аксуламале ба башар, воқеияти

ин давраи инкишофи ҷаҳонӣ мебошанд. Худи ҳамин бухрони иқтисодию молиявӣ, ки бештари мамлакатҳо ва минтақаҳоро ба доми худ кашидааст, мисоли барҷаста мебошад. Ба андешаи профессор Г. Н. Зокиров бухронҳо, асосан, дар бештари ҳолатҳо мушоҳида карда мешаванд, ки бо айби сарварони бонкҳо ва хадамотҳои молиявии мамлакатҳои алоҳида рух додаанд [7, с. 256]. Ҷойи дигар муҳаққиқ қайд мекунад, ки тағйиротҳои куллии иқлим яке аз ҳолатҳои бухронии инкишофи тартиботи нави ҷаҳон ба ҳисоб рафта, онро оқибати сиёсати давлатҳои мутараққии саноатӣ медонад [7, с.257].

Инсон аз прогресси технологизм ва рушди иқтисоди бемайлон ва кашфи асрори табиат, ки табиат тамоми захираашро арзонӣ додааст, баҳраманд шудааст. Аммо ҳолати мазкур воқеияти инкишоф нест. Маҷмӯан ба фазои виртуалӣ ворид шудани "инсони замони муосир" моҳияти худро ҳамчун маҳаки мутаҳаррики муносибатҳои иҷтимоӣ аз даст додааст. Рақобатҳои мафкуравӣ – идеологӣ, таҳқирҳои миллӣ – тамаддунӣ, моҷароҳои иттилоотӣ асоси фазои виртуалиро ташкил медиҳанд. Аз тарафи дигар бошад, унсури дигари онро хуҷумҳои ақлӣ, таъсиррасониҳои психологӣ, ки воқеияти ҳаёти инсонро тағйир медиҳанд, дар бар мегирад. Азроянтс Э. А. дар китоби "Глобализатсия: фалокат ё роҳ ба сӯйи инкишоф?" прогресси бесарҳади техникиро ба коҳиш ёфтани арзишҳои ҳаётӣ вобаста мегардонад. Коҳиш ёфтани фарҳангҳои миллӣ, эътиқод ва нақши дин, ки ба секуляриконии нопурра асос ёфтааст, ба талаботу манфиатҳои ҳаётӣ ҷавоб нагардонидани идеологияи муосир дар низоми нави ҷаҳон, ҷавоби дуруст надодани илм ба равандҳои эҳтимолии замони муосир, ки инкишофро номутаносиб мегардонанд, таҳаввулотҳои беадолатиҳои иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи он муҳаббат, некӣ ва виҷдон аз байн мераванд, нуқтаи асосиро ташкил медиҳанд [1, с. 6].

Дар идомаи тавсифи ҳолати мазкур баъзе принсипҳои либералиро метавон муайян намуд, ки стратегия ва барномаҳои амали абарқудратон ва қудратҳову неруҳои дигари ҷаҳониро ташкил медиҳанд:

- мондиализм ва неомондиализм – муттаҳидкунии нақшавии давлатҳо, халқҳо, фарҳангҳо ва тамаддунҳо дар сатҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва маданӣ таҳти ҳукумати ҷаҳонӣ ва давлати ҷаҳонӣ (бо сардории ИМА);

- атлантизм ва неоатлантизм – стратегияи бузургманишии Ғарб, паҳнгардонии идеологияи иҷтимоӣ – сиёсии ғарбӣ (ахлоқи либералӣ) дар тамоми ҷаҳон, табдил додани қувваи сиёсӣ, иқтисодӣ консепсияи тамаддунӣ ва қувваи ҳарбии амрикоӣ ба неруи ягонаи ҷаҳонӣ;

- гузариш аз иқтисоди молиявӣ ба сатҳи нави муносибатҳои иқтисодӣ – молиявӣ (турбокапитализм), ки дар он интиқоли пул ба воситаи фазои виртуалӣ сурат гирифта, нишондодҳои воридотӣ ва содиротии молиявӣ аз ҷониби метрополияи муайяне назорат мешавад. Дар муносибатҳои тиҷоратӣ иштироки пул аҳамиятнок набуда, мазмуни он нақш мебозад;

- консепсияи "Шимоли сарватманд" – нобаробар эътироф шудани захираҳои молиявӣ, қудратҳои сиёсӣ, сатҳи инкишофи иқтисодӣ ва стратегӣ ба манфиати ИМА ва Европаи Ғарбӣ, кам намудани маҳсулоти озуқаворӣ, истифодаи марказҳои саноатӣ ва захираҳои коркарди бойигарӣ аз ҷаҳони сеюм;

- консепсияи «миллиарди тиллоӣ». Пас аз фаро расидани "Хотимаи таърих" (консепсияи "Хотимаи таърих"–и Ф. Фукуяма, ки пас аз ба анҷом расидани "ҷанги сард" оламро дар инкишофи ниҳоии худ тасаввур карда, ғолибияти як идеологияро васф кардааст) дар вазъияти душвор ҷаҳон ба як низоми наве ворид гардид. Дар ин асос бо сабаби расидани захираҳои тамоми сайёра барои як миллиард аҳолӣ, ки метавонад сатҳи баланди рушд ва инкишофи озодонаро пайдо намояд. Аммо нодуруст тарҳрезӣ шудани чунин як консепсия дар он аст, ки манфиатҳои тамоми аҳли башар ба назар гирифта нашудааст. Танҳо 25% - и аҳолии оламро (ИМА, Европа ва Япония) фаро мегираду халос. Як қисми аҳолии ҷаҳон дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ки онро тасниф кардаанд, зиндагӣ мекунанд. Аммо ҷолибият дар он аст, ки ҳамин як қисм 80% - и захираҳои ҷаҳониро мавриди истифода қарор медиҳанд. Аз тарафи дигар, дар мамлакатҳои ҷаҳони дуюм ва сеюм бо сабаби набудани рушди мутаносиби системаи иҷтимоию сиёсӣ имкон намедиҳад, ки аҳолӣ эҳтиёҷоти худро қонеъ гардонад [8];

- ассимилятсияи инсоният. Омехтан, бекор кардани аломатҳои нажодӣ, миллӣ, нобуд

кардани эътиқодоти динӣ. Қарор додани одамон дар шакли алоқаманд набудани онҳо бо ҳар гуна аломатҳо, хусусиятҳо ва мансубиятҳо. Фарҳанг ва маданиятҳои миллӣ, ё ин ки мансубиятҳои этникӣ, этнографӣ ивазшавии осонро касб менамоянд. Ҷиҳати муҳимро индивидуализм ташкил медиҳад;

- қонунӣ гардонидани рафтор ва меъёрҳои зиддиахлоқӣ ва иҷозат додани онҳо ҳамчун шакли озодии инфиродӣ;

- ба вуҷуд овардани насл бо роҳи био – монандӣ (аз байн бурдани ҳолати табиии инсон);

- фароҳам овардани ҷаҳони виртуалӣ ва иттилоотикунонии инсоният. Фаъолият ва истифодаи ғайрихудидоравӣ аз ҷаҳони виртуалии фазои коммуникативӣ;

- патсифизм, ба ҷойи артиши миллӣ таъсиси полиси ҷаҳонӣ, ки бар зидди ҳама мубориза бурда метавонад. Махсусан, зидди онҳое, ки аз парадигмаи либералӣ ва демократӣ розӣ нестанд [2, с.356].

Ҳамин тавр, равандҳои ҷаҳонӣ мисолҳои зиёдеро пеш меоранд. Воқеияти инкишоф ё ба талаботи аксари башарият мувофиқ нест, ё он қонеъкунандаи ақаллияти муайяне аст. Масалан, буҳрони иқтисодӣ, молиявӣ, ки барандагони иқтисоди ҷаҳониро қудраттар ва кишварҳои заифро нотавонтар мегардонад. Аммо бояд ба масъала ба таври умумӣ нигарист. Тарзи муносибатро дуруст муқаррар намудан зарур аст. Ҷаҳони глобалӣ ягона аст. Пас, муносибати ягона ва куллии башарро қонеъкунанда мебояд. Тақсими ноодилонаи захираҳо, ба эътибор нагирифтани манфиатҳои ҳавзаҳои тамаддунӣ, фарҳангӣ, миллӣ, халалдор сохтани фазои сиёсӣ – иқтисодӣ, идеологӣ – мавкуравӣ ва ахлоқӣ, таҳмилҳои арзишотӣ, демократикунонии қолабӣ ба ташкили тартиби нави ҷаҳонӣ халал ворид месозанд.

## АДАБИЁТ


1. Азроянц Э. А. Глобализация: катастрофа или путь к развитию? Современные тенденции мирового развития и политические амбиции / Э. А. Азроянц. – М., 2002. – 416 с.
2. Дугин А. Философия политики / А. Дугин. – М., 2004. – 614 с.
3. Доктрина неоатлантизм. [Захираи электронӣ] URL: https://knowledge.allbest.ru/philosophy/2c0b65635b2bc79b4d43a88421316c26_0.html (санаи мурочиат: 24. 12.2017 г. )
4. Заплатинский В. М. Терминология науки о безопасности. // Zbornikprispevkov z medzinarodnejvedeckejkonferencie «Bezhecnostnaveda a bezpecnost nevzdelanie» / В. М. Заплатинский. — Liptovsky Mikulas: AOS v Liptovskom Mikulasi, 2006, (CD nosic)
5. Зокиров Г. Н. Донишномаи сиёсӣ / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Андалеб – Р, 2015. –Ҷ. 1. – С. 270.
6. Зокиров Г. Н. Давлат / Г. Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2012. –Қ. 1. – 384 с.
7. Назарзода С. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ / С Назарзода, А.Сангинов, С.Каримов, М. Султон. – Душанбе, 2008. –Ҷ. 2 – С. 447.
8. Файзуллоҳи Ҷалол. Ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо акторони сиёсати ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар мубориза ба муқобили терроризм / Файзуллоҳи Ҷалол // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -2017. -№2/5. –Қ. II. - С. 273-279.
9. Холиқов А. Ғ. Ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои давлатҳои миллӣ / А. Ғ.Холиқов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 70 с.
10. Gilpin R. War and change in world politics / R. Gilpin. – Cambridge (Mass.), 2002. – 288 p.


## ҶАҲОНИ МУОСИР: ГЛОБАЛИКУНОНӢ ВА БУҲРОНИ АСРИ XXI


Мақола ба ҳолати инкишофи ҷаҳони глобалӣ ва сатҳи ба амал омадани равандҳои глобаликунонӣ бахшида шудааст. Он воқеияти инъикоси равандҳои глобаликунонӣ, ба амал омадани муносибатҳо, зоҳиршавии манфиатҳоро фаро мегирад. Масъалаҳои умумисайёравии инкишоф, чи тавре ки аз таҷрибаи инкишофи сиёсӣ, иқтисодӣ, тамаддунӣ ва техникии ду даҳсолаи аввали асри XXI бармеояд, диққати мактабҳои илмӣ-тадқиқотиро ба худ ҷалб намудааст. Махсусан, глобаликунонии тамоми муносибатҳо нобаробарии инкишофро метавонад ба вуҷуд оварад. Қайд кардан зарур аст, ки масъалаи ҷаҳони муосир: глобаликунонӣ ва буҳрони асри XXI дар контексти хатарҳо ва таҳдидҳову мушкилотҳои замони муосир мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дуруст муайян карда натавонистани роҳи ҳалли мушкилотҳо дар замони муосир воқеияти инкишофи устувори ҷаҳонро зери шубҳа мебарад. Дигар гаштани талаботу манфиатҳои тамоми аҳолии олам, тамоми давлатҳову субъектони байналмилалиро масъул гардонидааст, ки ба саволҳои зиёде посухи аниқ ва саривақтӣ гардонанд. Метавон мушаххасан асоснок намуд, ки сатҳи рӯоварӣ ба ҳалли масъалаҳо ва буҳронҳои замони муосир воқеияти инкишофи дурнаморо то ҳадди имкон муайян мекунанд. Тартиби нави ҷаҳонӣ бояд бо дарназардошти талаботу манфиатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идеологию тамаддунии тамоми аҳолии кураи Замин созмон ёбад.Равандҳои глобализатсионӣ бо надоштани хусусияти универсалии инкишоф ва қонеъ кардани талаботҳои тамоми башар омили буҳрон дар асри XXI гардидаанд.



**Калидвожаҳо:** ҷаҳони муосир, глобаликунонӣ, буҳрони инкишоф, ҳуқуқи инсон, фазои виртуалӣ,

тамаддун, дегуманизатсия, прогресс, неоатлантизм, неомондиализм, турбокапитализм, технологизм.

**СОВРЕМЕННЫЙ МИР: ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И КРИЗИС XXI ВЕКА**

Данная статья посвящена развитию глобального мира в период глобального кризиса и глобальных процессов. Статья включает в себя реальность развития взаимоотношений и проявления интересов международных акторов. Проблема универсального развития глобального мира отражает опыт политического, экономического, цивилизационного и технического развития двух десятилетий XXI века, привлекает особое внимание научно-исследовательских институтов. Особенно глобализация всех отношений может привести к разноуровневому развитию обществ. Необходимо отметить, что вопрос современного мира, то есть глобализация и кризис XXI века, был проанализирован в контексте вызовов, угроз и проблем глобального развития. Неправильный подход при решении глобальных проблем современности вызывает сомнения в реальности устойчивого развития мира. Изменения потребностей и интересов всего населения мира требует ответственности всех государств и международных организаций, а также необходимо своевременно, четко и быстро отвечать на множество вопросов и вызовов. Можно привести конкретные факты и доказательства того, что уровень решения проблемы и кризис устойчивого развития соврименного мира, насколько это возможно, определяет реальность развития конкретных стран. Новый мировой порядок должен формироваться с помощью защиты политических, экономических, социальных, идеологических и цивилизационных интересов и потребностей всего населения планеты. Глобализационные процессы с отсутствием универсального характера развития и удовлетворения потребностей всех людей стали основным фактором кризиса XXI века.

**Ключевые слова:** современный мир, глобализация, кризис, права человека, виртуальное пространство, цивилизация, дегуманизация, прогресс, неоатлантизм, неомондиализм, турбокапитализм, технологизм.

**THE MODERN WORLD: THE GLOBALIZATION AND THE CRISIS OF THE XXI CENTURY**

This article is devoted to the development of a global world during the global crisis and global processes. The article includes the reality of the development of mutual relations and the manifestation of the interests of international actors. The problem of universal development of the global world proves the experience of political, economic, cultural and technical development of two decades of the XXI century, attracting special attention of research institutes. Especially globalization of all relations can lead to differentiated development of promises. It should be noted that the issue of the modern world, that is, globalization and the crisis of the 21st century, was analyzed in the context of challenges, threats and problems of global development. An incorrect approach to solving global problems of our time raises doubts about the reality of sustainable development of the world. Changes in the needs and interests of the world's entire population require the responsibility of all states and international organizations, and it is also necessary to respond promptly, clearly and quickly to a multitude of questions and challenges. You can bring concrete facts and evidence that the level of solving the problem and the crisis of sustainable development of the modern world as far as possible determines the reality of the development of specific countries. The new world order should be formed by defending the political, economic, social, ideological and civilizational interests and needs of the entire population of the planet. Globalization processes with the lack of a universal character of development and meeting the needs of all people have become the main factors of the crisis of the 21st century.

**Key words:** the modern world, globalization, crisis, human rights, the virtual space, civilization, dehumanization, progress neoatlantizm, neomondializm, turbokapitalizm, technologism.

**Сведения об авторе**: ***Асламзода Некруз*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры политологии. E-mail: **nekruz-9191@inbox.ru** Телефон: **(+992) 900-27-47-87**

**Information about the author**: ***Aslamzoda Nekruz*** – Tajik National University, applicant of the Department of Political Science. 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki aven. 17. Tel: **900-27-47-87.** E-mail: **nekruz-9191@inbox.ru**

**УДК 32.019.5**

# РОЛЬ ОБЩЕСТВЕННЫХ ДИСЦИПЛИН КАК ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ВОСПИТАНИЯ ВЫСОКОКВАЛИФИЦИРОВАННЫХ КАДРОВ

***Гадоев Н.З.***

**Таджикский национальный университет**

При динамичных и глобальных масштабах преобразований во всех сферах жизнедеятельности человека значительно возрастает роль нации и национальных ценностей. Рациональные системы начинают конкурировать с последними, разрушая их. Это может привести к тому, что нации и национальные ценности растворятся в информационном мировом пространстве. Известно, что современный человек оказался заложником цивилизационного процесса, инициатором которого является он сам, человечество на фоне выдающихся

достижений науки, все больше теряя духовные ориентиры и настоящие жизненные ценности, постепенно движется к некоторой моральной деградации. Образно выражаясь, можно сказать, что речь идет о спасении цивилизации, и, прежде всего, духовной её составляющей. Наиболее актуальной сегодня является потребность в устранении несоответствий между постоянно меняющимся мышлением, поведением человека и реальным миром. С нашей точки зрения, путь к гармонизации пролегает через возвращение к глубокой духовности в воспитании и образовании нового поколения.

Здесь мы бы хотели отметить Послание президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли 2014 году, в котором, затронув тему образования, он особо отмечает роль общественных наук. В нем, в частности, говорится: «… необходимо уделять большое внимание исследованию и пропаганде вопросов самосознания и самопознания, защиты национальных исторических и культурных ценностей, расширения демократического и светского мировоззрения, укреплению единства и стабильности общества» [1].

Особенно эта задача поставлена перед Министерством образования и науки, научно - исследовательскими институтами при Академии наук, Центром стратегических исследований и другими научными центрами и кафедрами обществоведения ВУЗов, от деятельности которых зависит будущее общества.

Поэтому преподавание общественных дисциплин сегодня является актуальной проблемой в свете сегодняшних глобализационных перемен, которые переживает вся планета. Приобретение статуса полноправного члена мирового сообщества, расширение международных связей, крепнущее экономическое сотрудничество и деловое партнерство со многими странами, углубленные процессы глобализации во всех сферах материальной и духовой жизни общества, происходящие интернациональные и миграционные процессы настоятельно требуют создания условий, способствующих этим переменам. Как отмечает Назаров Р.: «Глобализация в сегодняшним мире оказывается процессом, обеспечивающим благополучие сильных за счет слабых. Сильные используют все плюсы этого процесса, интегрируя свои экономики, слабым же остается незавидная роль сырьевых придатков и рынков дешевой рабочей силы» [6, с. 295].

Действительно, общественные науки направляют человека на приобретение необходимых качеств, навыков, умений в общественной деятельности, или как отмечают Комилов Р.С и Назаров М.А., «общественно гуманитарные знания необходимы для изучения отношений в кругу системы «человек - общество» и человек как социально культурное явление... .» [3, с. 295].

Роль общественных дисциплин заключаются в том, что они призваны не только обеспечивать передачу научных знаний и представлений новым поколениям, но и формировать их ценностные ориентиры в нравственном измерении. Поэтому общественные знания, по моему убеждению, являются важной составляющей фундаментального образования, позволяя сформировать не узко подготовленного профессионала, но личность с широким взглядом на природу, мир, человека. И главными традициями таджикского образования всегда оставались патриотизм, гуманитарная составляющая, демократизм, ориентация на широкое просвещение.

Однако сегодня мы все чаще встречаемся с засильем технократического подхода к выбору приоритетов в образовании, науке, подготовке и переподготовке кадров. Вполне очевидно, что современные образовательные стратегии все более ориентированы на подготовку специалиста-технократа, в совершенстве владеющего информационными технологиями, но лишенного общей гуманитарной культуры. Ведь известно, что технический прогресс способен оборачиваться нравственным, духовным, культурным регрессом.

Суть принципиального противоречия между технократическим и гуманитарным подходами заключается в том, что первый нацелен на унификацию и стандартизацию мировоззренческих установок, ценностных представлений – иными словами, на «массовизацию сознания». Гуманитарный же подход, напротив, способствует сохранению уникальности, единичности, неповторимости во всем, включая, прежде всего, социокультурную образовательно-воспитательную деятельность. Поэтому мы согласны с мнением тех ученых, педагогов, организаторов образования, которые считают, что гуманитарное, духовно -

нравственное, ценностное ориентированное формирование личности должно носить опережающий базисный характер. Только такой подход может спасти нас от цивилизованного варварства, где бы оно ни проявлялось: в политике, экономике, международных отношениях, экологии, засилье массовой культуры.

Позитивной тенденцией последнего времени являются то, что гуманитарное знание как таковое уже не воспринимается общественным сознанием как что-то лишнее, малозначимое. Налицо активное движение в сторону понимания необходимости гуманитарной составляющей в системе подготовки специалиста по программам высшего профессионального образования. Несмотря на активное «наступление» информационного общества, мы все острее осознаем, что без знания языков, литературы, истории невозможно сохранение необходимого уровня цивилизованности страны, поскольку, в противном случае, реальна опасность превращения нации в некое аморфное сообщество производителей и потребителей.

Центральной проблемой гуманитарного образования, которую нужно сообща решать в школе и вузах, остается сохранение и развитие таджикского языка.

Сохранение таджикского языка - широко обсуждаемая проблема в контексте тех изменений, которые происходят в современном обществе. Сегодня, когда язык и мышление человека трансформируются под воздействием технократической цивилизации, особенно важно приникнуть к живому роднику таджикской речи. Таджикский язык аккумулирует тысячелетиями создаваемую систему духовных ценностей и нравственных оценок и передает новым поколениям ключевые представления о нашей национальной идентичности.

Таджикский язык в нынешней языковой ситуации испытывает колоссальное напряжение под воздействием ряда факторов, это и лавинообразный поток не всегда оправданных заимствований, и расширение сферы применения жаргона, активно используемого в СМИ и публичной речи, и ухудшение качества преподавания таджикского языка и литературы в школах и ВУЗах из – за явно недостаточного количества часов при устойчивой тенденции к их сокращению. Например, профессор Махмадов А.М. отмечает: «… сегодня состояние обучения общественных дисциплин в ВУЗах и средних специальных учебных заведениях не отвечает современным требованиям. … в большинстве ВУЗов страны общественные дисциплины превратились в малозначимые предметы, по разным причинам количество часов, зачетов и экзаменов по этим предметам ощутима сокращаются (за последние десять лет в два – три раза)» [4, с. 240].

Тогда как общественные науки имеют огромное значение в повышении уровня мировоззрения и повышают ответственность преподавателей общественных дисциплин перед обществом.

Правительством Республики Таджикистан в этом направлении были приняты ряд важных законов и документов, способствующих улучшению состояния обучения общественных дисциплин. Особенно принятие Постановления Правительства Республики Таджикистан от 31 декабря 2008 « О мерах поддержки развития общественных наук и человековедения в Республике Таджикистан на 2009-2015г.г.» всерьез привлекло внимание ученых и специалистов. Кроме этого в Министерстве образования 27 сентября 2010 г. был основан Координационный совет по преподаванию социально – общественных наук. Советом по каждому предмету из числа учёных ВУЗов и академии наук были созданы рабочие группы, которые проделали огромную работу по созданию новых учебных программ по этим предметам, но это не дало желаемого результата [4, с.240].

Осуществляя реформирование высшего образования, необходимо опираться на исследования, диагностику, мониторинг, включая влияние развития образовательной системы на различные сферы таджикского общества. Научные исследования призваны способствовать принятию взвешенных управленческих решений, направленных на прогрессивное развитие таджикской системы образования без разрушения национальных и культурных традиций.

Развитие свободной, гуманной и ответственной личности непосредственно связано с системой ее морально-духовных ценностей. Ведь духовность, нравственность, так или иначе, предполагает выход за пределы эгоистических интересов, личной пользы и сосредоточенность на морально-духовной культуре человечества.

О морально-духовных ценностях можно говорить лишь тогда, когда стоит вопрос: ради чего осуществляется деятельность человека, в чем смысл достижения тех или иных целей, стремлений, намерений? Поэтому сфера морально-духовных ценностей включает такие категории, как смысл жизни, любви, добра, зла, то есть смысл общих нравственных понятий. А если это так, то человек всегда осознает свои духовные ценности в противовес различного рода личным ценностям, которые далеко не всегда имеют осознанный характер.

Учитывая всю сложность и значимость исследуемой проблемы, ценностями современной системы образования должны стать: нравственное самосознание, воспитание и развитие духовных качеств. Только личностно-ориентированное образование может достичь этой цели.

Следовательно, можно сформулировать принципы личностно-ориентированного образования, которое базируется на следующих принципах: свобода и ответственность, справедливость и творчество, сотрудничество во имя развития творческой индивидуальности, воспитательная систематичность [5, с.22].

Национальные ценности напрямую зависят от общественной ситуации в каждый конкретный исторический момент. В свою очередь, каждое общество всегда имело и имеет свою воспитательную систему, которая декларирует соответствующие национальные ценности. В зависимости от господствующей идеологии они могут существовать в деформированной или скрытой форме.

Несмотря на все противоречия, присутствующие в современном таджикистанском обществе, сегодня мы имеем исторический шанс не только сохранить наши национальные ценности, но умножив и обогатив их, войти в мировое сообщество. Для этого система образования Таджикистана непременно должна быть национальной, но при этом направленной на открытость, диалог и сотрудничество.

История свидетельствует, что образование выступает в этом процессе не только фактором общественного прогресса, но и рассматривается как один из самых мощных рычагов развития человечества. Современный научный мир определяет образование как универсальную категорию, которая выступает объектом различных отраслей знаний. С одной стороны, образование рассматривается как источник знаний, а с другой - как «двигатель» развития [2, с. 298].

Сегодня, как никогда ранее, перед образованием стоит сложнейшая задача сформировать будущую элиту таджикистанского общества (гуманитарную, экономическую, техническую, политическую), и ставка делается на молодежь. Однако не менее важным в период трансформационных процессов является формирование в процессе обучения адекватных ценностных ориентиров.

Анализ последних исследований и публикаций свидетельствует о том, что сущность образовательного процесса составляет, в первую очередь, формирование способности личности к самореализации в различных сферах жизнедеятельности общества для самораскрытия личности.

Обращение к проблеме социальных функций знания приобретает актуальность в связи с тремя обстоятельствами. До сих пор считалось, что функции знания универсальны: для всех обществ значение знания является одинаковым, различается лишь его количество. Пришло время рассмотреть этот тезис в рамках цивилизационного подхода, когда в качестве рабочей гипотезы предполагается возможность различия функций знания в различных обществах. Требует проверки данного тезиса и теория современного общества, согласно которой при всем многообразии исторических форм социального опыта именно сегодня формируется новый тип социальности. Третьим обстоятельством здесь выступает изменение самой социальной теории, предлагающей иные модели и подходы для объяснения процессов и явлений общественной жизни. Поэтому проблема обретения социальными функциями знания нового качества становится одной из центральных тем общественных наук.

Необходимость исследования одного из наиболее значимых компонентов социальной жизни - системы продуцирования и репродуцирования общественно полезного знания - вызвана как запросами социальной практики, так и соображениями теоретического характера. Долгое время считалось, что познание общественно-исторических закономерностей и проникновение в

сущность человеческой природы - абсолютная ценность, не нуждающаяся в дополнительном обосновании. Сегодня же мы задаемся вопросом о том, что такое знание с точки зрения возможных последствий его применения. Сколь не стремилось бы познание к идеалам чистого разума, никакая объективность не сделает знание абсолютно независимым от ценности.

Несмотря на сложившиеся устойчивые стереотипы по поводу роли науки в жизни общества, эти последние подвергаются сегодня критике со стороны. Современные теоретики столкнулись с дефицитом общественной поддержки, столь традиционной для общества с давних времен. Чтобы убедить общественное мнение в ключевой роли научного метода, в особом статусе науки, необходимо подвергнуть анализу и осмыслению социальные функции науки в новых условиях.

Представляется целесообразным рассмотреть влияние знания на современную экономику, политику, культуру и ментальность. Это фактически обозначает направление в исследовании и прогнозировании социального развития современной цивилизации. Все сказанное позволяет сделать вывод об актуальности данной проблемы и своевременности представления новых подходов.

Универсальный набор функций знания присутствует во всех обществах. В данном наборе присутствуют социообразующие функции, отвечающие за формирование институциональных и структурных порядков общества. Социо образующие функции знания образуют подсистему в рамках системы всех социальных функций знания. Это инструментальная, коммуникативная и экзистенциальная функции.

Гуманитаризация современного образования -общемировое явление, которое объясняется тремя причинами: во-первых, гуманитаризация призвана обеспечить цивилизованное и разумное использование научно-технического потенциала, экологических ресурсов и социальных аспектов; во-вторых, приобщить общество к культурным ценностям своего народа; в-третьих, обеспечить социальный заказ на новые знания и науку.

Исходя из всего вышесказанного, содержание гуманитарного современного образования - это не только гуманитарные науки, призванные раскрывать законы общественного развития, разрабатывать социальные нормы, установки, но и знания об обществе, умения и навыки социального взаимодействия, знания, дающие возможность функционировать в условиях гражданского общества и высоко технологизированного мира.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Послание Президента Республики Таджикистан Маджлиси Оли РТ от 23. 01.2015.
2. Гершунский Б. С. Философия образования / Б.С. Гершунский. -М.: Флинта, 1998.-298 с.
3. Комилов Р. С. Фалсафаи илм / Р. С. Комилов, М. А. Назаров. – Душанбе, 2008. -С. 541
4. Махмадов А. Н. О состоянии общественных наук в свете очередного Послания Президента страны / А. Н. Махмадов // Наука и инновация – 2015. -№2. -С. 185-189.
5. Мирганова Н. Р. История становления и развития системы высшего образования Таджикистана в условиях трансформации общества: автореф. дисс. канд. пед. наук / Н.Р. Мирганова. - Душанбе, 2007. –22 с.
6. Назаров Р. Философия качества образования Таджикистана / Р. Назаров. - Душанбе, 2011. -С. 319.


## НАҚШИ ФАНҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ҲАМЧУН САМТИ АФЗАЛИЯТНОКИ ТАРБИЯИ КАДРҲОИ БАЛАНДИХТИСОС


Рақобат инсони муосирро имрӯз дар андеша андохтааст. Дастовардҳои бузурги илмӣ, ки натиҷаи талошҳои рӯзафзуни худи инсони муосир аст, ба ҳадде ӯро саргарм сохта, ки арзишҳои миллӣ ва маънавии худро, ки кафили самаранок истифода шудани дигар дастовардҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ мебошанд, зери хатари аз байн рафтан гузоштааст. Танҳо маънавиёти баланд метавонад инсони муосирро аз истифодаи дастовардҳои хеш ба манфиати инсоният бархурдор гардонад, дар акси ҳол ин дастовардҳо метавонанд ба манфиати гурӯҳҳои худхоҳ ва манфиатҷӯӣ истифода шаванд. Роҳи ҳалли ин масъала дар сиёсати давлат рӯшан нишон дода шудааст, ки он дар боло бардоштани мавқеи фанҳои иҷтимоӣ мебошад. Боло бардоштани худогоҳиву худшиносӣ, ҳимояи арзишҳои миллӣ, таърихӣ ва маданӣ, рушди ҷаҳонбинии демократӣ, таҳкими ягонагӣ ва оромии ҷомеа аз он сарчашма мегиранд. Имрӯз илмҳои иҷтимоӣ маҳз ҳамон зарурати ҳатмие мебошанд, ки созандагӣ ва бунёдкориро дар ҷомеа ба роҳ монда, пеши роҳи хислатҳои худгароӣ, худхоҳӣ, канораҷӯӣ, манфиатхоҳӣ, манфиатҷӯӣ ва дигар зуҳуроти номатлубро пешгирӣ менамояд.



**Калидвожаҳо:** фанҳои ҷамъиятӣ, маорифи гуманитарӣ, маънавиёт, ахлоқ, тарбия, арзишҳои миллӣ, сармояи инсонӣ, эҷодкорӣ, шахсият, ҷомеаи муосир.

## РОЛЬ ОБЩЕСТВЕННЫХ ДИСЦИПЛИН КАК ПРИОРИТЕТНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ ВОСПИТАНИЯ ВЫСОКОКВАЛИФИЦИРОВАННЫХ КАДРОВ

Сфера образования, как одно из приоритетных направлений внутренней политики любого государства, стремится занять лидирующее место среди других факторов человеческого развития. Сегодня человечество на фоне выдающихся достижений науки, теряя духовные ориентиры, движется к моральной деградации. Это может привести к тому, что нации и национальные ценности растворятся в информационном мировом пространстве. Несмотря на активное наступление информационного общества, мы острее осознаем важность сохранения необходимого уровня цивилизованности страны. Путь к гармонизации общества, пролегает через возвращение к глубокой духовности в воспитании и образовании нового поколения. Сегодня роль общественных дисциплин заключается в том, что они призваны формировать ценностные ориентиры научных знаний и представлений новым поколениям в нравственном измерении. Ценностями современной системы образования должны стать нравственное самосознание, воспитание и развитие духовных качеств. Эти ценности должны носить опережающий базисный характер. Образование сегодня рассматривается как одно из основных духовно- нравственных ценностей, без которого невозможно дальнейшее развитие общества. На современном этапе развития ясно определился переход к новой экономике, основанной на знаниях. Для повышения интеллектуального уровня населения необходимо изменить требования к образованию, которое в основном формирует человеческий капитал. Развитие свободной гуманной и ответственной личности непосредственно связано с системой ее морально духовных ценностей. Духовность, нравственность предполагает выход за пределы эгоистических интересов, личной пользы и сосредоточенность на морально-духовной культуре человечества. Важным в период трансформационных процессов является формирование в процессе обучения адекватных ценностных ориентиров.

**Ключевые слова:** общественные дисциплины, гуманитарное образование, духовность, нравственность, воспитание, национальные ценности, человеческий капитал, творчество, личность, современное общество.

## THE ROLE OF PUBLIC DISCIPLINES AS A PRIORITY DIRECTION OF EDUCATION OF HIGH QUALIFIED PERSONNEL

The sphere of education, as one of the priority directions of the domestic policy of any state, seeks to take the leading place among other factors of human development. Today, against the backdrop of the outstanding achievements of science, losing its spiritual orientation, humanity is moving towards moral degradation. This can lead to the fact that nations and national values will dissolve in the information world space. Despite the active offensive of the information society, we are acutely aware of the importance of preserving the necessary level of civilizedness of the country. The path to the harmonization of society lies through a return to deep spirituality in the upbringing and education of a new generation. Today the role of public disciplines is that they are called upon to form the value orientations of scientific knowledge and ideas to new generations in the moral dimension. The values of the modern education system should be moral self-awareness, upbringing and development of spiritual qualities. These values should be outstripping the basic character. Education today is regarded as one of the basic spiritual and moral values, without which further development of society is impossible. At the present stage of development, the transition to a new economy based on knowledge has clearly been determined. To increase the intellectual level of the population, it is necessary to change the requirements for education, which basically forms human capital. The development of a free, humane and responsible person is directly connected with the system of its moral and spiritual values. Spirituality, morality involves going beyond the limits of selfish interests, personal benefit and focus on the moral and spiritual culture of mankind. Important in the period of transformation processes is the formation of adequate value guidelines in the learning process.

**Key words:** social disciplines, humanitarian education, spirituality, morality, upbringing, national values, human capital, creativity, personality, modern society.

**Сведения об авторе:** ***Гадоев Нусратулло Зувайдуллоевич*** - Таджикский национальный университет, аспирант кафедры политических процессов в Таджикистане факультета философии. **Адрес:** Республика Таджикистан, 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **donishvarz@mail.ru.** Телефон**: 985-34-06-06**

**Information about the author:** ***Gudoev Nusratullo Zuvaidulloevich*** - Tajik National University, post-graduate student of the Department of Political Processes in Tajikistan, Faculty of Philosophy. **Address:** Republic of Tajikistan, 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **donishvarz@mail.ru.** Phone: **985-34-06-06**

УДК 32 (5753). 13

# ТАШАККУЛИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


*Абдуллоева Латофат*

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**


Дар интиҳои асри XX ва оғози асри XXI инсоният шоҳиди рӯйдодҳои бузург ва ҳайратангези ҷаҳони пурталотум гардида, низоми устувору комили тарҳи сиёсиву иқтисодии сайёра рӯ ба таҳаввулоту дигаргуниҳои инқилобӣ овард. Давлатҳои абарқудрат ва низомҳои фарогири сиёсӣ, ки ба қимати ҷони миллионҳо фидоёни инқилоби пролетарӣ дар давоми даҳсолаҳо бунёд гардида буданд, бар асари тазоҳуроти демократӣ, ҷунбишҳои миллии озодипарастӣ ва равандҳои истиқлолхоҳӣ дарҳам шикаста, аз миён рафтанд.

Дар айни ҳол, раванди нави идоранамоии сиёсӣ вусъат ёфта, рӯз то рӯз тарҳҳои нави идоракунӣ ба чашм мерасанд. Аз шароити вусъати тамаддуни иттиллотӣ, телекоммуникатсионӣ ва дастовардҳои илми муосир кишвари дуртаринии сайёраро қариб ҳар рӯзу ҳар соат мешиносанд, аз воқеаҳои ҷаҳон, фалокатҳои табиӣ, муқовиматҳои сиёсӣ, бархӯрди тамаддунҳои мухталиф огоҳ мегарданд. Имрӯз дар саросари ҷаҳон тарзҳои гуногуни идоранамоӣ вобаста ба шароиту тарзи ҳаёти одамон ба роҳ монда шудаанд. Ҳамаи давлатҳои пасошӯравӣ кӯшиши таҳкими истиқлолиятро доранд. Давлат бояд воситаҳои гуногунро дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ истифода намуда, дар низоми ҷаҳонӣ мустақилияти хешро ҳимоя намояд.

Тоҷикистон низ яке аз кишварҳоест, ки кӯшиши аз нав сохтани системаи нави идоракуниро менамояд. Ба Тоҷикистон чун кишварҳои дигари собиқ шӯравӣ ҳеҷ кас истиқлолият инъом накардааст. Ба таври ҷиддӣ барои истиқлолият ҳам мубориза набурдаанд. Вазъияти сиёсии баамаломада ҳолати хосеро ба миён овард, ки чораи дигаре ба ҷуз қабули истиқлолият ва дар замони истиқлолият зистан набуд. Давлате дар заминаи Иттиҳоди Шӯравӣ пайдо нагардид, ки раванди истиқлолиятгароиро муттаҳид созад, маҷрои наву самарабахш пайдо намояд. Ҳатто Русия, ки меросхӯри асосӣ ва бузургтарини Иттиҳоди Шӯравӣ буд чунин қудрат пайдо накард ва масъулиятро ба дӯши худ нагирифт. Зиёда аз ин, худи Русия яке аз субъектҳои ба ном марказгурез буд. Роҳбарияти Русия, ки дар заволи Иттиҳоди Шӯравӣ бештар саҳм гирифта буд, кӯшиши муттаҳид сохтани собиқ кишварҳои миллии СССР-ро ба миён нагузошт. Ҳол он ки имконияти ҳеҷ набошад дар шакли конфедератсия нигоҳ доштани иттиҳоди халқҳо ва кишварҳо мавҷуд буд.

Дар Тоҷикистон чун дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ одамоне буданд, ки мустақилият ва истиқлолиятро мехостанд ва одамоне низ буданд, ки мехостанд дар зери таъсири собиқ шӯравӣ бимонанд. Аммо истиқлолиятхоҳӣ дар Тоҷикистон ба монанди дигар кишварҳои Осиёи Миёна ба сифати раванди хоссае ташаккул наёфта буд. Аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ истиқлолияти сиёсиро ба ҳукми воқеъ расонид. Мо ба ҷуз аз қабули он чораи дигар надоштем.

Соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон як навъ санҷиши таърихист, ки насиб гардидааст. Тақозои замон, рафти инкишофи ҷомеа ба доираи чунин муносибатҳо кашида шудани Тоҷикистонро зарур донистааст. Вале ногуфта намонад, ки ҳангоми эълон доштани истиқлолият, корхонаю муассисаҳо ва воситаҳои коммуникатсиониаш вайрон гардида, шаҳру деҳот аз офати ҷанги бародаркӯш зарари калон диданд. Ҳар касе мехост сари қудрат ояду давлатро тавассути идеологияи худ идора намояд.

Дар баробари монеаҳову камбудиҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истиқлолияти худро таҳким мебахшад, тавонистааст музаффариятҳои зиёдеро ба даст орад, ки баҳри таҳкими идоранамоии давлатӣ заминаи боэътимод гузорад. Омилҳоеро, ки баҳри таҳкими идоранамоии давлатӣ саҳм мегузоранд, ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Омилҳои сиёсӣ, ки дар ду сатҳ зоҳир мегарданд, ҳам хосияти дохилӣ ва ҳам хосияти хориҷӣ доранд. Ба омилҳои сиёсии дохилӣ қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тағйиру иловаҳо ба он такмили идоракунии президентӣ, ташкили парламенти касбӣ, Эълони қатъ гардонидани иҷрои ҳукми қатл аз 15-уми июни соли 2004-

ум ва қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқии дигар дохил мешавад, ки дар инкишофи сиёсии Тоҷикистон саҳми асосӣ гирифтаанд.

Таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохти идоранамоӣ аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалияию сиёсиро касб намудааст. Дар ибтидо асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд. Диққати асосӣ ба моҳияти Давлати Тоҷикистон, ба хосиятҳои асосӣ – соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва унитаризми он дода мешавад. Тоҷикистон мақсади бунёди ҷомеаи иҷтимоиро ба миён гузоштааст.

Ба мақом ва мартабаи инсон, новобаста аз мансубиятҳои иҷтимоии он аҳамияти махсус дода мешавад. Инсон ва ҳуқуқу озодиҳои вай ба сифати арзиши олӣ эҳтиром мегарданд. Тамоми зуҳуроти ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазир эълон шуда, пай дар пай риоя мегарданд. Дар ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон мақоми пешбарро давлат соҳиб аст.

Ҷомеаи демократӣ оммаи мардумро ба сифати манбаи ҳокимият медонад. Чунин нуқта дар моддаи 6-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гардидаст [4,с.16]. Яъне, тамоми шаклҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ тавассути иштироки одамон ва хоҳиши онҳо дар шакли иштирок дар интихобот ё раъйдиҳӣ ба амал меоянд. Оммаи мардум метавонад дар раванди идораи корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ бевосита ва ё тавассути намояндагони хеш иштирок намояд[2,с. 224].

Ба омилҳои сиёсии хориҷӣ ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз 120 давлат, аъзогӣ ба созмонҳои байналхалқиву молиявӣ ва ғайра дохиланд.Тоҷикистон узви як қатор ташкилотҳои минтақавӣ гардид. Ҳамкориҳои кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД), Иттиҳоди Ҳамкориҳои Иқтисодии Аврупою Осиё, се созмони минтақавӣ, ки бештари ҷумҳуриҳои собиқ шӯравиро дар бар мегиранд, ба ҳисоб меравад. Ҳамин буд, ки 6-уми октябри соли 2007 дар шаҳри Душанбе 17 санадҳои мухталифи ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Ин ҳам бошад, як қадами дигари ба пеш гузоштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ мебошад.

2. Омилҳои иқтисодӣ. Ғайридавлатикунонии соҳаҳои гуногуни иқтисод, дастгирии соҳаи соҳибкорӣ, ба амал баровардани сиёсати дарҳои кушод бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ ва ғайра, аз ҷумлаи чорабиниҳои ҳамин самтанд.

3. Омилҳои коммуникатсионӣ: сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб, сохтмони нақбҳои мошингузар, корҳои азнавбарқароркунӣ дар неругоҳҳои Норак, бо ҷалби сармояи хориҷӣ (Русия ва Эрон) анҷом додани ГЭС-ҳои Сангтӯда-1(670 мегават) ва Сангтӯда-2 (220мегават), оғози хатти баландшиддати КАСА 1000 ва ғайра дар омили мазкур мақом ва нақши назаррас пайдо менамоянд.

Дар Тоҷикистон, ки давраи таҳкими марҳилаи истиқлолгароиро аз сар гузаронида, роҳи инкишофи демократиро пеша намудааст, ба масъалаҳои идоракунӣ диққати бештар дода мешавад. Тоҷикистонро зарур гардид, ки барои рушди давлатдорӣ дар заминаи таҷрибаи давлатҳои дигар сохти нави идоракуниро ба роҳ монад, ки хусусиятҳои хоссаро касб намудаанд. Барои ташаккули низоми идоракунии навин зарурати таҳия ва қабули асосҳои сиёсию қонунгузорӣ ба миён омадааст.

Санадҳои асосии идоранамоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расидаанд ва сиёсати ислоҳоти давлатиро чи дар самти идоракунӣ ва чи дар дигар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисоди миллӣ инъикос мекунанд, инҳо мебошанд [5, с.15]:

- Эъломияи Ҳадафҳои Ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид;
- Барномаи рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015-ум;
- Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2013-2015;
- Консепсияи гузаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувор;
- Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- Барномаи давлатии рушд ва ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Масъалаи идоракунии муосир ҷузъи мубрами ҳамаи ҳуҷҷатҳои барномавӣ аст. Феълияти мавзӯъ, пеш аз ҳама, бо ҷомеаи дар ҳоли таҳаввул будани Тоҷикистон ва ниёзи кишвар ба таҷрибаи назари пайвастаи худ иртибот дорад. Ҳадафи асосии даст ёфтан ба идоракунии муосир ташаккули ҷомеаи демократӣ ё демократикунонии ҷомеа, яъне ҷалби бештари аҳолӣ ба идоракунии давлат ва коҳиш додани фосилаи мавҷуд байни давлат ва халқ, ки давлат бунёдкунандаи иродаи он мебошад.

Низоми идоракунӣ, бидуни ба таври саросарӣ даст кашидан аз усулҳои пешин, бояд ба таври ҳамаҷониба ба усули нави идоракунӣ гузарад, то ин ки қисми бештари аҳолӣ омода бошад зарурати чунин гузаришро дарк намояд. Замони гузариши сиёсӣ бояд осебнопазир бошад. На давлат ва на ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд аз он зарар набинанд [9, с.276].

Аз ин хотир, бояд низоми идоракунӣ ё ҳолати танзимнамоӣ хусусиятҳои мушаххас пайдо намоянд, ки ба воқеияти ҷамъиятӣ мувофиқат дошта бошад. Системаи танзим – ин мавҷудияти қоидаҳо ва тарҳҳои муайяни идоракунӣ, тақсими раванди вазифаҳо дар сатҳи олӣ ва поёни ҳукумат мебошад. Системаи сиёсӣ бошад, сатҳи комилтарин ва васеътарини танзимнамоӣ ва идораи ҷомеа аст. Он унсурҳоеро дар бар мегирад, ки воситаи амалигардонии ҳокимиятанд.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун, санад ва меъёрҳои мухталифи самти идоранамоиро доро мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи ҷумҳурии президентӣ муқаррар гардидааст. Дар сатҳи умумии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқҳои конститутсиониро ба роҳбарӣ гирифтаанд [1, с. 424].

Идораи президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯи стандартҳои байналхалқӣ мебошад. Аммо баъзе хусусиятҳое ворид гардидаанд, ки махсусияти онро таъкид месозад. Шояд чунин ҳолат вобаста ба инкишофи модернизатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад. Тоҷикистон, ки давраи гузаришро аз сар мегузаронад, кӯшиши куллан тағйир додани муносибатҳои ҷамъиятиро дорад ва хусусиятҳои давраи инкишофро таҷассум менамояд.

Ҳукумат муҳимтарин омили идоранамоӣ ҳисобида шуда, асосҳои сохтор, низоми фаъолият ва инкишофи он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд. Дар он муносибати меъёрӣ ба сохтор, таркиб ва фаъолияти хукумат муқаррар гардидааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12-уми майи соли 2001 қабул гардидааст, ки маҳз дар асоси он фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон ба амал баровварда мешавад. Дар боби панҷум, моддаи 73-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Ҳукумати Ҷумҳури аз Сарвазир, муовини якум ва муовинон, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ иборат аст. Ҳукумат роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, фармону амрҳои Президенти Тоҷикистонро таъмин мекунад. Аъзои ҳукумат наметавонанд вазифаи дигареро иҷро намоянд, вакили мақомоти намояндагӣ бошанд, ба соҳибкорӣ машғул шаванд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ» [4, с.18].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳият ва вазифаҳои умумӣ ва махсусро анҷом медиҳад ва тавассути онҳо низоми самараноки рушди ҷомеа таъмин мегардад.

Ҳамин тавр, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими идоракунии сиёсии худ қадамҳои устувор мегузорад. Гарчанде пешрафт ва монеаҳо доимо паҳлуи якдигаранд. Бо вуҷуди ин инкишофи ботадриҷ ва пешрафти зина ба зина, Тоҷикистонро сатҳи олии идоранамоӣ интизор аст.

Дар шароити Тоҷикистони муосир, ки асосҳои бунёдӣ ё худ конститутсионии идоракунӣ тарҳрезӣ шудаанд, шароити мусоидидарёфт намудани тарҳи хоссаи идоракунии сиёсӣ пайдо гардидааст. Он дар заминаи доктрина ва консепсияҳои гуногуни идоракунии муосири илмӣ воқеият меёбад.

Аз ҷумла, Консепсияи миллии рушд барои давраи то соли 2015-ум. Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи миллии таҳқиқоти илмии мақсаднок оид ба

масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2018» (№288 аз 02.07.2013) ба тавсиб расид[6, с.26]. Бояд тазаккур дод, ки масъалаи инсон дар маркази таваҷҷуҳи консепсияи мазкур қарор дошта, тамоми дигаргуниҳое, ки дар замони истиқлолияти давлатӣ дар самти иқтисод ва сиёсат ба вуқӯъ омадаанд, ба беҳтар гардидани зиндагии шаҳрвандон нигаронида шудаанд.

Баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии омма, хусусан насли наврас, самти асоситарин ва муҳимтарини рушди мамлакат дарояндаи наздику дур ба шумор меравад. Тавонмандии маълумотнокии миллӣ ба пешрафти ҷомеа, аз ҷумла ба иқтисодиёту фарҳанги он, иртиботи ногусастанӣ дошта, ба устувор гардидани мавқеи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ ва ҳалли проблемаҳои дохилӣ мусоидат менамояд.

Дар Консепсияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қайд карда мешавад, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар раванди таҳияи сиёсати рушди миллӣ иштирок намекунанд ва ба таври куллӣ ҳамчун иҷрокунандаи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар гирифта мешаванд. Аз раванди таҳияи сиёсати берун афтодани мақомоти маҳаллӣ ба сифати қорорҳои қабулшаванда, иҷрои саривақтии онҳо таъсири манфӣ мерасонад ва ҳамчунин ба масъулиятгузорӣ ва устуворӣ натиҷаи қарорҳои иҷрошуда мусоидат намекунад. Дар ин консепсия асосан танзими тақсимоти марзиву маъмурӣ ва таҷзияи равшани вазифаҳо ва салоҳият байни мақомоти марказии идораи давлатӣ ва мақомоти маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ сухан маравад.

30-юми декабри соли 2011 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ Консепсияи ташкили ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намуд.Дар консепсия чунин ҳадафҳо ба миён гузошта шуданд [5, с. 17-18]:

- баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ аз роҳи ба таври васеъ истифода бурдани технологияҳои иттиллотӣ ва иртибототӣ;
- беҳбудии сифат ва дастрасии хизматҳои ҷамъиятие, ки ба шаҳрвандон ва созмонҳо расонида мешавад;
- сода кардани равишҳо ва кӯтоҳ намудани муҳлати расонидани хизматҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин коҳиш додани музди марбут ба хизматрасонӣ;
- афзудан ба дастрас будани иттилоот дар бораи фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;
- ташкили низоми ягонаи табодули иттилоот бо истифода аз манбаъҳои иттилооти электронӣ ва иртиботӣ пайваста бо система ва шабакаи маҳдуди баҳисобгирии тамоми коргарон;
- ташвиқи иқтисодии истифодаи интернет ва технологияҳои иттилоотии муосир.

Ҳамчун ин, ин тадбирҳо муҳим номбар шудаанд:

- автоматикунонии раванди хизматрасонӣ;
- ташаккул ва тавсияи хизматрасонии электронии мақомоти иҷроия;
- ҳокимияти давлатӣ.

Амалигардонии Консепсияи ташкили ҳукумати электронӣ дар се марҳила пешбинӣ шуда буд. Дар натиҷаи тадбирҳои баамаловарда дар марҳилаи аввал (солҳои 2012-2013) бояд таҳияи низомномаи намунавии идоравӣ барои дастгирии хизматрасонии давлатӣ бар асоси технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ анҷом дода мешуд. Дар марҳилаи дуюм мебоист низоми байниидоравии ҳукуматӣ дар сохтори мақомоти иҷроияи ҳукумати маҳаллӣ ташкил мешуд. Дар назар аст, ки дар марҳилаи сеюм солҳои (2015-2020) тибқи муқаррароти консепсияи мазкур автоматикунонии раванди хизматрасонии давлатӣ ба аҳолӣ ва муассисаҳо ва ҳамчунин дарёфт намудани хизматҳо аз муассисаҳо барои ниёзҳои давлатӣ бояд сурат гирад.

Маҳз дар Консепсияи ташкили ҳукумати электронии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин бор мафҳуми «хизмати давлатӣ» ҳамчун хизматҳои ба ҳайси меъёр таъйиншуда , ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба шаҳрвандон ва муассисаҳо ба манзури иҷрои муқаррароти маъмурӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом мешавад, ба чашм мерасад [10].

Ҳамин тариқ, бо вуҷуди мушкилотҳои зиёд идоракунии самаранок имкон дорад, зеро дар ин замина иродаи сиёсии роҳбарияти кишвар, қонунгузории қобили таваҷҷуҳ ва

дастгоҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мавҷуд мебошанд.


**АДАБИЁТ**

1. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Монография / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Андалеб-Р, 2007. Дар 3 ҷилд. -Ҷ1. -520 с.
2. Зокиров Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф.Китоби дарсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Истеъдод, 2011.-352 с.
3. Зокиров Г.Н. Сиёсатшиносӣ. Китоби дарсӣ / Г.Н. Зокиров. -Душанбе: Эр-граф, 2010. – 520 с.
4. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL: http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=1 (санаи истифодабарӣ: 27.11.2017).
5. Каримова М.Т. Хизматрасонии давлатӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва дурнамо.Монография / М.Т. Каримова, А.А. Сайфиддинов, Б.М. Шарипов, С .З. ва диг. -Душанбе, 2013 – 168 с.
6. Қурбонов А.Ш. Илм ва низоми идораи он дар сиёсати давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / А.Ш. Қурбонов. -Душанбе: 2014.
7. Политическая энциклопедия. М., 2000. В 2х Томах. Т. I. [Электронный ресурс]. URL: http://ruspekh.ru/organizations/item/izdatelstvo-politicheskaya-entsiklopediya.(дата обращения: 10.05.2017).
8. Абдуллоева Л. Сиёсат ҳамчун идоранамоии сиёсӣ / Л.Абдуллоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои сиёсӣ. -Душанбе, 2017. №2/5 –С.295.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016.
10. [Электронный ресурс].URL: https://ru.wikipedia.org/Демократия(дата обращения 24.12.2017).


## ТАШАККУЛИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақолаи мазкур масъалаи раванди ташаккули идоракунии сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Дар он самтҳои инкишофи нави идоракунӣ дар шароити Тоҷикистон инъикос гардидаанд. Барои ташаккули низоми идоракунии навин зарурати таҳия ва қабули асосҳои сиёсию қонунгузорӣ ба миён омадааст. Тоҷикистон яке аз кишварҳоест, ки кӯшиши аз нав сохтани системаи нави идоракуниро менамояд ва дар таҳкими идоракунии сиёсии худ қадамҳои устувор мегузорад. Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун, санад ва меъёрҳои мухталифи самти идоранамоиро доро мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идораи президентӣ муқаррар гардидааст. Идораи президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯи стандартҳои байналхалқӣ мебошад. Дар сатҳи умумии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо ва принсипҳои ҳуқуқҳои конститутсиониро ба роҳбарӣ гирифтаанд. Инчунин, дар шароити Тоҷикистони муосир, ки асосҳои бунёдӣ ё худ конститутсионии идоракунӣ тарҳрезӣ шудаанд, шароити мусоиди дарёфт намудани тарҳи хоссаи идоракунии сиёсӣ пайдо гардидааст. Он дар заминаи доктрина ва консепсияҳои гуногуни идоракунии муосири илмӣ воқеият меёбад.

Муаллиф дар таҳқиқи хеш мақоми идоракунии Тоҷикистонро дар шакли конститутсионӣ нишон додааст. Дар Тоҷикистон, ки давраи таҳкими марҳилаи истиқлолгароиро аз сар гузаронида, роҳи инкишофи демократиро пеша намудааст, ба масъалаҳои идоракунӣ диққати бештар дода мешавад. Ҳукумат муҳимтарин омили идоранамоӣ ҳисобида шуда, асосҳои сохтор, низоми фаъолият ва инкишофи он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд.



**Калидвожаҳо:** идоракунии сиёсӣ, идоракунии президентӣ, системаи идоракунӣ, истиқлолияти сиёсӣ, санад ва меъёрҳои ҳуқуқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияи идоранамоӣ.


## РАЗВИТИЕ ПОЛИТИЧЕСКОЕ УПРАВЛЕНИЕ В УСЛОВИЯХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В данной статье рассматривается вопрос о формировании политического управления в Таджикистане. Его области развития правления воспринимаются в Таджикистане в новой форме. Для создания новой системы управления необходимо разработать и принять политические и правовые основы. Таджикистан является одной из стран, стремящихся к восстановлению новой системы управления и предпринимает устойчивые шаги по укреплению своего политического управления. В настоящее время в Республике Таджикистан действуют законы, положения и различные стандарты управления. В Республике Таджикистана действует. Президентское управление и соответствует всем международным стандартам. На общем уровне нормативные правовые акты с целью развития Республики Таджикистан приняли правила и принципы конституционных прав. Также в современном таджикском контексте его конституционного контроля, были найдены благоприятные условия для нахождения особенно эффективной политической политики. Она основана на доктринах и концепциях современного научного управления.

Автор продемонстрировал статус руководства Таджикистана в форме конституционного. В Таджикистане, который переживает период сдержанности со времени независимости Народно-Демократической Республики, все чаще уделяется внимание вопросам управления. Правительство рассматривается как важнейший фактор управления, а его структуры, его функционирование и его развитие закреплены в Конституции Республики Таджикистан.



**Ключевые слова:** политическое управление, президентское правление, система управления, политическая независимость, документы и правовые нормы, Конституция Республики Таджикистан, концепция управления.

**THE RIGHT OF POLICY DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

This article examines the issue of the formation of political governance in Tajikistan.In his areas of development of government is perceived in Tajikistan in a new form.To create a new management system, it is necessary to develop and adopt a political and legal framework. Tajikistan is one of the countries that seeks to rebuild a new governing system and puts sustainable steps in strengthening its political governance.Currently the Republic of Tajikistan has laws, regulations and different standards of governance.The Republic of Tajikistan is governed by the Presidential Office.The Presidential Office of the Republic of Tajikistan is responsible for international standards.At the general level of normative and legal acts, taking into account the qualitative development of the Republic of Tajikistan, they have been governed by the principles and principles of the constitutional rights.Also in modern conditions, the basic constitutional foundations of the constitutional system have been improved, favorable conditions for finding a particular political policy.It is based on the doctrines and concepts of modern scientific management.

The author demonstrated the status of the leadership of Tajikistan in the form of a constitutional.In Tajikistan, which has experienced a period of restraint since the independence of the People's Democratic Republic, attention is increasingly being paid to governance issues.The government is regarded as the most important factor of governance, and the structure of its structure, its functioning and its development is enshrined in the Constitution of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** Political management, presidential administration, management system, political independence, document and legal norms, the Constitution of the Republic of Tajikistan, the management concept.

**Сведание об авторе:** ***Абдуллоева Латофат*** - Таджикский национальный унверистет аспирант кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **918-25-51-24.** E-mail:**abdulloeva.91@lisst.ru**

**Information about the author:** ***Abdulloeva Latofat*** - Tajik National Univeristet post-graduate student of the department of political science. **Address:** 17 Rudaki Avenue, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 734025. Phone: **918-25-51-24**.
E-mail: **abdulloeva.91@lisst.ru**

**УДК:32.001(575.3)**

## УСУЛҲОИ МУОСИРИ НАВЪБАНДИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА АҲАМИЯТИ ИЛМИИ ОН

***Сафарзода Ф.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Экстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ аз давраи қадимтарин, аз замони пайдоиши ҷамъияти инсонӣ маълум буд. Экстремизм падидаест, ки хосси тамоми давраҳои таърихист. Гарчанде экстремизм ба гурӯҳи таҳдидҳои муосир дохил шавад ҳам, лекин решаҳои чуқури таърихӣ дорад. Шаҳодати ин суханҳо ҳаёти қайсарҳои Рими қадим, инквизитсияҳои асримиёнагӣ ва барпошавии муносибатҳои капиталистӣ мебошанд [8, 16].

Мафҳуми «экстремизм» аз калимаи фаронсавии «extremisme» ва лотинии «extremus» гирифта шуда, маънояш «канора» мебошад. Мафҳуми «экстремизм» дар маънои имрӯзааш бори аввал соли 1838 дар луғати бисёрҷилдаи фалсафии файласуфи немис Вилгелм Трауготт Круг дар маънои зайл истифода шудааст. Ба андешаи ӯ, экстремистон шахсоне ҳастанд, ки миёнаро эътироф кардан намехоҳанд ва аз усулҳои канора лаззат мебаранд. Ба маънои илмӣ бошад, бори аввал мафҳуми «экстремизм»-ро ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М.Лорей истифода бурдааст. Ӯ дар зери ин мафҳум пайравии бечуну чаро ба идеалҳои сиёсиро медонист [4, 23]. Дар илми сиёсӣ экстремизм пайравӣ ба ақидаҳо ва воситаҳои канора мебошад. Дар замону маконҳои гуногун шарҳдиҳии гуногуни сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фалсафии экстремизм вуҷуд дошт. Дар замони муосир шарҳи ягонаи мафҳуми экстремизм, ки ҳамаро қаноат кунад, вуҷуд надорад. Муҳаққиқон бо такя ба адабиёти илмӣ қайд мекунанд, ки мафҳуми «экстремизм» шурӯъ аз миёнаҳои асри XIX мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ибтидо он бештар дар равандҳои сиёсии Англия истифода мешуд ва падидаи манфӣ эътироф нашуда буд. Дар равандҳои сиёсии Англия ин мафҳум васеъ истифода мешуд ва ҳатто дар солҳои 50-уми асри XIX нисбати роҳбарони ҳизби либералӣ ва сарвазири ҳамонвақта Палмерстон истифода шуда буд. Баъдан барои ифодаи субъектҳои ҷанги шаҳрвандии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико истифода мешуд. Дар солҳои 1870 мафҳуми экстремизм ба журналистикаи Фаронса ворид шуд ва барои ифодаи неруҳои сиёсии аз ҳад чап ва аз ҳад рост истифода мешуд. Дар доираи илмӣ бошад, мафҳуми «экстремизм» баъди Ҷанги якуми ҷаҳон ба гардиш ворид шуд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ бошад, бори аввал мафҳуми экстремзмро ҳуқуқшиноси фаронсавӣ М.Лорей барои

ифодаи боварии бунёдгароёна ба идеалҳои сиёсӣ истифода кардааст.

Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки асоси ба навъҳо ва шаклҳо ҷудо кардани экстремизм моҷарои иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад. Маҳз ҳамин мафҳум имкон медиҳад, ки навъҳо ва шаклҳои экстремизм ҷудо карда шаванд ва ба таври амиқ маънидод карда шуда, хосиятҳояшон ошкор карда шаванд. Экстремиз ин як шакли рафтори сиёсӣ аст, ки барои ҳал ё бартараф кардани ягон моҷарои иҷтимоӣ-сиёсӣ ба вуҷуд омадааст. Агар оиди экстремизм берун аз мафҳуми моҷарои иҷтимоӣ-сиёсӣ андешаронӣ кунем, пас экстремизм хосияти падидаи сиёсӣ будани худро гум мекунад ва ба падидаи равонӣ табдил мeёбад. Дар раванди ба навъҳо ҷудо кардани экстремизм диққати асосӣ ба субъектҳои моҷароҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ дода мешавад. Маҳз субъектҳои моҷаро системаи арзишҳо ва манфиатҳо доранд, ки метавонанд сабабгори моҷаро гарданд ва роҳҳои ҳалли ин моҷароро интихоб мекунанд. Аз ин нуқтаи назар экстремизм ба таври васеъ ба ду навъи асосӣ ҷудо карда мешавад - байнидавлатӣ ё байналхалқӣ ва дохилидавлатӣ. Ҳангоми майян намудани ягон навъи экстремизм танҳо ба як субъекте, ки усулҳои канораро дар раванди моҷарои иҷтимоӣ-сиёсӣ истифода мебарад, диққат додан зарур нест. Чунки одатан моҷароҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ ҳадди ақал ду субъект доранд.

Омили дигаре, ки ҳангоми ба навъҳо ҷудо намудани экстремизм ба он бояд диққат диҳем, ин таркиби моҷаро аст. Аз ин нуқтаи назар дар маҷмӯъ экстремизмро ба навъҳои ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоӣ ҷудо кардан мумкин аст. Навъи якуми экстремизм, яъне ҷаҳонбинӣ, ин бо истифода аз усулҳои канора дар як ҳудуди муайян ё тамоми олам паҳн ва мустаҳкам кардани ягон таълимот аст. Масалан, барқарор кардани меъёрҳои шариат ё идеологияи либералию демократӣ. Дар ҳолати дуюм бошад, сухан дар бораи азнавтақсимкунии арзишҳои моддӣ, ҳокимиятӣ ва иҷтимоӣ дар байни субъектони моҷарои иҷтимоӣ-сиёсӣ меравад.

Омили дигаре, ки ҳангоми ба навъҳо ҷудо намудани экстремизм нақши муҳимро мебозад, ин стратегияи интихобшудаи ҳалли моҷарои иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад. Аз ин нуқтаи назар мо метавонем экстремизмро ба навъҳои радикалӣ ва муътадил ҷудо кунем. Экстремизми радикалӣ тақозо мекунад, ки рақиб бояд пурра саркӯб карда шавад. Усулҳои экстремизми муътадилро метавонем шартан нимканора номем.

Аксари муҳаққиқон бар он назаранд, ки экстремизм ба се навъи асосӣ - сиёсӣ, динӣ ва миллӣ тақсим мешавад. Ҳамчунин, гурӯҳи дигари муҳаққиқон пешниҳод мекунанд, ки экстремизм ба ду намуд - ратсионалӣ ва ғайриратсионалӣ ҷудо мешавад. Мақсади экстремизми ратсионалӣ тарафдори ҳалли самараноки максималии камбудиҳои ҷамъият мебошад. Одатан, сабаби ташаккули экстремизми ратсионалӣ бесалоҳиятии мақомотҳои давлатӣ мебошад, ки онҳо имконият ва қудрати ҳалли масъалаҳои мубрамро аз даст медиҳанд. Мақсади экстремизми ирратсионалӣ низ, тағйири системаи мавҷуда аст. Аммо усулҳое, ки ин навъи экстремизм истифода мебарад, нисбати экстремизми ратсионалӣ канoратар мебошанд. Агар дар навъи якуми экстремизм нисбати рақиб раҳму шавқат ва ё гузашт кардан мумкин бошад, пас дар навъи дуюм ин падидаҳо тамоман дида намешаванд.

Муҳаққиқони амрикоӣ У.Уилкокс ва Ҷ.Ҷорҷ экстремизмро ба ду навъ ҷудо кардаанд - чапгаро ва ростгаро [10, 523]. Экстремизми чапгаро аслан кӯшиш мекунад, ки дар ҷомеа адолати иҷтимоӣ барқарор карда шавад. Экстремизми ростгаро бошад, тарафдори мубориза ҳои миллӣ ва нажодӣ мебошад. Яке аз классикони сиёсатшиносии амрикоӣ С.М.Липсет қайд мекунад, ки «дар баробари экстремизми чапгаро ва ростгаро экстремизми марказгаро низ вуҷуд дорад» [11, 141].

Амалия нишон медиҳад, ки ягон навъи экстремизм дар навъи соф вуҷуд надорад. Азбаски навъи софи экстремизм аксаран вуҷуд надорад, навъҳои омезишёфта ё гибридии экстремизмро ҷудо мекунанд. Масалан, экстремизми сиёсӣ-динӣ, экстремизми этнополитикӣ, экстремизми этноконфессиалӣ ва ғайраҳо. Ҳамаи навъҳои экстремизм аз якдигар истифода карда, худро пурраву комил мекунанд. Махсусан дар байни экстремизми сиёсӣ ва динӣ алоқаи наздик вуҷуд дорад. Дар натиҷа экстремизм дар шакли бадтарин ва мураккабтарин- экстремизми сиёсӣ-динӣ зуҳур кардааст.

Ба навъҳо ҷудо намудани экстремизм метавонад аз ҷиҳати назариявӣ ғайримантиқӣ ба назар расад. Аммо аз ҷиҳати амалӣ ва барои мубориза бо экстремизм ба навъҳо ҷудо

намудани он шарт ва зарур аст. Баъзе навъҳои экстремизм решаҳои таърихӣ доранд ва хеле қадиманд. Аммо ин ҳолат ҳеҷ гоҳ наметавонад экстремизмро сафед ва ё асоснок кунад.

Дар бисёр ҳолатҳо экстремизми сиёсӣ ҳамчун ҷараёни сиёсие муаррифӣ мешавад, ки дар он гуфтушунид, гузариш ё консенсус бо ҷониби дар рақобатбуда пурра инкор карда мешавад. Чунин шарҳдиҳиҳои гуногуни экстремизми сиёсӣ сабаб гаштаанд, ки дар илми сиёсӣ шарҳдиҳии маҳдуд ва васеи экстремизми сиёсӣ ба миён ояд. Мувофиқи шарҳдиҳии маҳдуд экстремизми сиёсӣ, ин фаъолияти ғайриқонунии ҳизбҳо ва ҳаракатҳои сиёсӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони қаторӣ барои зӯран тағйир додани сохтори мавҷудаи конститутсионӣ ва ба вуҷуд овардани бадбинии миллию иҷтимоӣ мебошад.

Дар зери мафҳуми «экстремизми динӣ» фаъолияти зиддиинсоние фаҳмида мешавад, ки аз таълимоти носолими ягон дин маншаъ мегирад. Мо ибораи «экстремизми динӣ»-ро аз ҷиҳати консептуалӣ тазоднок меҳисобем. Чунки дин, ҳамчун падидаи иҷтимоию фарҳангӣ наметавонад барандаи таҷовуз бошад. Ва агар барандаи идеологияи таҷовузкорона бошад, пас он дин набуда, ҷараёни экстремистӣ аст. Чунин навъи экстремизм, яъне экстремизми динӣ, таълимотҳои ҷудогонаи динро истифода мебарад ва чунин ба назар мерасад, ки чунин навъи экстремизм бо дин як аст.

Дар шароити муосир экстремизми динӣ ин экспансияи таълимот ва системаҳои динии дурӯғ мебошад. Экстремизми динӣ падидаи мураккаби комплексии иҷтимоиест, ки дар се шакли ба ҳам пайваст зоҳир мешавад:

Аввалан, он дар ҳолати рӯҳии шахси алоҳида ва ё ҷамъият зоҳир мешавад, ки ба он гиперболизатсияи идеяҳои динӣ, нигилизм ва бунёдгароӣ хос аст.

Дувум, ҳамчун идеология, ки як тарафи ҳастии ҳётро аввалин ҳисоб мекунад.

Сеюм, ҳамчун маҷмӯи амалҳо доир ба амалӣ гардонидани доктринаҳои динӣ.

Экстремизми динӣ ба навъҳои зерин ҷудо мешавад:

- дохилидинӣ, ки ба тағйири дохилии дин равона карда шудааст;
- байнидинӣ, ки мақсади он мубориза бо динҳои бегона аст;
- ба шахсият равонашуда, ки мақсади он тағйири деструктивии шахсият мебошад;
- этнодинӣ, ки тағйири ҳайати миллиро мақсади худ қарор додааст; сиёсӣ-динӣ, ки мақсади он тағйири системаи сиёсӣ аст;
- иҷтимоӣ, ки мақсади он тағйири системаи иҷтимоии ҷомеа аст.

Моҳияти экстремизми динӣ дар он аст, ки он арзиш ва меъёрҳои эътирофшудаи ахлоқию диниро пурра ё қисман инкор ва ҷаҳонбиниву идеяҳои номақбулро тарғиб мекунад. Ин ҳолат дар кӯшишҳои пайравони баъзе дину мазҳабҳо, ки мехоҳанд таълимоту идеяҳои дину мазҳаби худро ба таври зӯрӣ ё бо истифода аз усулҳои ғайри қобили қабул ба дигарон бор кунанд, зоҳир мегардад. Экстремизми динӣ ба дигарандешӣ ва пайравони дину мазҳаби дигар бадбинӣ дошта, махсусияту афзалияти худ ва ксенофобияро тарғиб мекунад. Муҳити иҷтимоии экстремизми диниро гурӯҳҳои маргиналӣ ва қишрҳои ниёзманди ҷомеа, ки аз мавқеи иҷтимоии худ розӣ нестанд ва нисбатиояндаи худ боварӣ надоранд, ташкил медиҳад. Экстремизми диниро чун дигар навъҳои экстремизм буҳронҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва пайомадҳои онҳо, чун бекорӣ, пастшавии вазъи иқтисодию иҷтимоӣ, деформатсияи иҷтимоию сиёсӣ, табъизи миллию динӣ, кӯшишҳои истифодаи дин аз тарафи навъҳои гуногуни элита барои расидан ба ҳадафҳои худ ва ғайраҳо ба вуҷуд меоранд.

Тавре ки қайд кардем, дар замони муосир экстремизм дар навъи соф вуҷуд надорад. Дар ҷаҳони муосир аксаран навъҳои экстремизми омезишёфта арзи ҳастӣ мекунанд. Яке аз навъҳои гибридии экстремиз, ин экстремизми сиёсӣ-динӣ аст.

Экстремизми сиёсӣ-динӣ чунин навъи қонунвайронкуниест, ки бо таълимот ва аҳкоми динӣ асоснок карда мешавад. Асоси иҷтимоии экстремизми сиёсӣ-диниро гурӯҳҳои маргиналӣ, динӣ ва миллие, ки аз сохти мавҷудаи системаи сиёсӣ розӣ нестанд, ташкил медиҳад. Экстремизми сиёсӣ-динӣ ба ҳақиқати геополитикии охири асри XX ва ибтидои асри XXI табдил ёфт, ки аксаран дар симои ислом баромад мекунад. Экстремизми сиёсӣ-динӣ навъи паҳншудатарини экстремизм дар замони муосир ба ҳисоб меравад, ки аксари давлатҳои оламро ба ташвиш овардааст.

Экстремизми сиёсӣ-динӣ фаъолиятест, ки мақсади он тағйири таҷовузкорона ва

ғайриқонунии системаи сиёсии мавҷуда, вайронкунии ягонагии ҳудудии давлат, ба вуҷуд овардани бадбинии динию миллӣ ва ташкили давлати теократӣ бо истифода аз таълимот ва аҳкоми динӣ мебошад.

Бояд қайд кард, ки яке аз хатарҳои асосии ин навъи экстремизм дар он аст, ки он ба яке аз соҳаҳои ҳассоси ҳаёти инсон - ҳаёти маънавию рӯҳонии инсон дахолат мекунад. Ин ҳолат раванди пешгирию мубориза бо ин навъи экстремизмро мушкил мегардонад. Одамони аз ҳад зиёди рӯҳонӣ ба осонӣ туъмаи идеологияи экстремизми сиёсӣ-динӣ мегарданд. Бояд ёдовар шуд, ки гарчанде ин навъи экстремизм номи сиёсӣ-диниро гирифта бошад, аммо он бо дини асил алоқае надорад. Экстремизми сиёсӣ-динӣ навъи экстремизме аст, ки мақсадҳои аслии ғаразнокро дар зери аҳкоми динӣ пинҳон мекунад. Ин навъи экстремизм бо вайронкунии оммавии ҳуқуқи инсон вобаста аст. Барои пайравони экстремизми сиёсӣ-динӣ ягон навъи «қоидаҳои бозии сиёсӣ» вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз пешгӯӣ кардани фаъолияти минбаъдаи экстремистони сиёсӣ-динӣ ғайриимкон аст. Норозигӣ ва душманиии доимӣ бо ниҳодҳои давлатӣ хосси экстремизми сиёсӣ-динӣ аст. Ҳамаи динҳои сулҳомези ҷаҳонию минтақавӣ ва миллӣ принсипи «Бо дигарон тавре мкносибат кун, ки чунин муносибатро ба худ раво мебинӣ»-ро талқин мекунанд. Аммо экстремизми сиёсӣ-динӣ, ки аз дин барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода мекунад, принсипи зикршударо ба куллӣ рад мекунад. Усули асосии муборизаи сиёсии ин навъи экстремизм зӯроварӣ, таҷовуз ва қувва аст, ки бо демогогия омезиш ёфтааст.

Экстремизми сиёсӣ-динӣ дар навъҳои амалҳои зерин зоҳир мешавад:

- фаъолияте, ки мақсади он вайрон кардани сохтори ҷамъиятӣ-сиёсии дунявӣ ва таъсиси ҷомеаи клерикалӣ мебошад;
- мубориза барои мустаҳкам ва ё барқарор кардани ҳукумати намояндагони як дин ё мазҳаб дар ҳудуди кишвар;
- сепаратизм, ки дар зери ниқоби таълимоти динӣ пинҳон карда мешавад;
- кӯшишҳо барои ба сифати идеологияи давлатӣ шинохтани таълимоти ягон дин ё мазҳаб.

Дар замони муосир навъҳои гуногуни экстремизм аз ҳамдигар маншаъ мегиранд ва якдигарро пурра мегардонанд. Экстремизми сиёсӣ-динӣ ва миллӣ бо ҳам алоқаи наздик доранд. Чунин ҳолат сабабҳои худро дорад. Пеш аз ҳама, ин алоқамандии таърихии дин ва этнос аст. Ин ҳолат ба он оварда расонд, ки баъзе халқҳо ин ё он динро дини миллии худ шумориданд. Тарзи ҳаёти онҳо, урфу одат ва ҷаҳонбинӣ дар зери таъсири таълимоту аҳкоми дини муайян ташаккул ёфтанд. Ин ҳолат метавонад ба он оварда расонад, ки экстремистони миллатгаро аз ҳиссиёти динию мазҳабӣ ва экстремистони сиёсӣ-динӣ аз таълимоту аҳкомҳои динӣ истифода баранд.

Ҳангоми ба навъҳо ҷудо кардани экстремизми сиёсӣ-динӣ бояд се нуқтаи асосиро ба назар гирифт:

Аввалан, барои инсон новобаста аз баромади динию миллиаш ақидаронӣ ва амалкунии канорӣ хос аст. Чунин нуқтаи назарро бисёре аз муҳаққиқон дастгирӣ мекунанд. Масалан, муҳаққиқи россиягӣ Э.Г.Филимонов қайд мекунад, ки эксремизм барои ҳамаи динҳо хос аст. Ба андешаи ӯ, экстремизм метавонад дар асоси ҳамаи таълимотҳои динӣ, яъне тавассути шарҳдиҳии махсуси аҳкоми динӣ пайдо шавад [2, 51]. Агар аз рӯйи чунин мантиқ кор кунем, пас аз рӯйи нишонаи динӣ экстремизми сиёсӣ-динӣ вобаста ба ҳамаи навъҳои динҳои мавҷуда ҷудо мешавад. Яъне, экстремизми сиёсӣ-динии буддоӣ, насронӣ, исломӣ, яҳудӣ, ҳиндуӣ ва ғайраҳо.

Дувум, таърихи инсоният гувоҳ аст, ки ҳамаи халқияту миллатҳо ва дину мазҳабҳо аз замони пайдоши тамаддуни инсонӣ бо ҳолатҳои зоҳиршавии экстремизм рӯ ба рӯ шудаанд. Яъне, экстремизми сиёсӣ-диниро падидаи нав шуморидан хатост. Танҳо дар нимаи дуюми асри XX экстремизми сиёсӣ-динӣ сифатан ва миқдоран тағйир ёфт.

Сеюм, сатҳ ва дараҷаи радикализатсияи динҳои анъанавӣ чаҳорчӯбаи замонӣ дорад. Яъне, ин ё он дин пайдо мешавад, ташаккул меёбад, паҳн мешавад, ба қисмҳо тақсим мешавад ва дар баъзе ҳолатҳо аз байн меравад. Маҳз дар давраҳои бӯҳронии ташаккули дин ва ба қисмҳо тақсим шудани он падидае чун экстремизм ва минбаъд экстремизми сиёсӣ-динӣ пайдо мешавад. Ҳангоми ба навъҳо ҷудо намудан ва умуман омӯзиши экстремизми сиёсӣ-динӣ, бояд чаҳорчӯбаи маҳдудкунандаи замонӣ истифода шавад. Яъне,

асосан бояд ба нимаи дуюми асри XX, ки давраи авҷи ташаккулу инкишофи экстремизми сиёсӣ-динӣ аст, диққат диҳем. Шурӯъ аз нимаи дуюми асри XX шумораи гурӯҳҳои экстремистӣ, махсусан гурӯҳҳои экстремистии сиёсӣ-динӣ, ки аз номи дини ислом баромад мекунанд, хеле зиёд мешавад. Дар баробари ин созмону ташкилотҳо ҳамчунин дар Аврупо гурӯҳҳои экстремистии ростгарое ташккил ёфтанд, ки аз аҳкоми мазҳаби католикии дини насронӣ фаъолона истифода мебаранд. Тавре ки қайд кардем, экстремизми сиёсӣ-динӣ хосси ҳамаи динҳост. Аммо баъди ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 чунин андешае боло гирифт, ки гӯё «экстремизм танҳо хосси ислом аст».

Ҳангоми муайянкунии экстремизми сиёсӣ-динӣ ҳамчун падидаи радикалӣ, мо бо масъалаи муайянкунии меъёри экстремизми сиёсӣ-динӣ рӯ ба рӯ мешавем. Меъёри муайянкунии экстремизми сиёсӣ-динӣ танҳо тавассути баҳодиҳии як унсури он - фаъолияти экстремистӣ вобаста нест. Он бояд унсури дигар ва муҳим - идеологияи экстремистиро фаро гирад. Аз ҷиҳати назариявӣ ҳар он амалеро, ки аз амалҳои муқаррарӣ бо хосияти канорагӣ доштани худ фарқ мекунанд, фаъолияти экстремистӣ номидан мумкин аст. Ҳар як фаъолияти экстремистӣ дар асоси ягон идеологияи муайян ба амал меояд. Экстремизми сиёсӣ-динии муосир низ истисно нест. Экстремизми ҳақиқӣ он навъи экстремизмест, ки ба ягон идеология асос ёфтааст. Экстремизми сиёсӣ-динӣ дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд намеояд.

Муайян кардани шарҳ ва таърифи дурусти экстремизми сиёсӣ-динӣ чи аз лиҳози назариявӣ ва чи аз лиҳози амалӣ хеле муҳим аст. Одатан дар адабиёти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва динӣ ҳангоми шарҳи экстремизми сиёсӣ-динӣ онро ё бо экстремизми сиёсӣ ё бо экстремизми динӣ ҳаммаъно меҳисобанд. Ҳол он ки чунин муносибат нодуруст аст. Ҳатто дар баъзе адабиёти илмӣ мафҳумҳои экстремизми сиёсӣ-динӣ ва экстремизми динӣ-сиёсӣ ҳаммаъно ҳисобида мешаванд. Мо чунин муносибатро нодуруст ва ғайримантиқӣ ҳисоб мекунем. Ба андешаи мо, байни ин мафҳумҳо фарқияти азиме вуҷуд дорад. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти мавҷуда мо ба чунин хулоса омадем, ки экстремизми сиёсӣ-динӣ навъи экстремизме аст, ки барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии худ аз таълимот ва аҳкоми динӣ истифода мебарад. Экстремизми динӣ-сиёсӣ бошад, барои расидан ба ҳадафхои динии худ, аз сиёсат ва унсурҳои он истифода мебарад. Агар сода карда гӯем, барои экстремисти сиёсӣ-динӣ манфиатҳои сиёсӣ дар ҷойи аввал аст ва барои экстремисти динӣ-сиёсӣ арзишҳои динӣ авлотар аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар шароити муосир экстремизм ва шаклҳои гуногуни зуҳури он ба амнияти байналхалқӣ, миллию давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии одамон ва ягонагии ҳудудии давлатҳо хатари ҷиддӣ дорад. Мубориза бо ин падида бояд барои ҳар як давлат масъалаи аввалиндараҷа гардад. Навъбандии экстремизм на танҳо аҳамияти назариявӣ дорад, балки аҳамияти бузурги амалӣ низ дорад. Чунки ин амал имкон медиҳад, ки раванди пешгирӣ ва мубориза бо падидае чун экстремизм натиҷабахш гардад.

**АДАБИЁТ**


1. Авадиалов А.С. Концепции разрушения / А.С.Авадиалов // Право и безопасность. –2012. –№2. –С.38-42.
2. Зеленов Ю.Н. О сущности понятия «экстремизм» и его профилактике в образовательных учреждениях / Ю.Н.Зеленов // Вестник Челябинского государственного педагогического университета. –2012. – № 10. –С.43-52.
3. Макаров Н.Е.Понятие и идеология экстремизма в современных условиях / Н.Е.Макаров, Ц.С.Дондоков // -М.: Закон и армия. 2005. №11. –С.21-24.
4. Пономаренков В.А., Яворский М.Л. Сущностная характеристика современного экстремизма / В.А.Пономаренков, М.Л.Яворский // -М.: Юридический мир. –2008. –№ 2. –С.40-46.
5. Пудовочкин Ю.Е. Теоретические конструкции определения экстремизма: проблемы и перспективы / Ю.Е.Пудовочкин, Р.М.Узденков. -М.: Криминологический журнал, –2005. –№ 2 (8). –С.82-90.
6. Сергун Е.П. Правовое обеспечение противодействия экстремистской деятельности в Российской Федерации / Е.П.Сергун // Правовая политика и правовая жизнь. –2006. –№2. –С.82-90.
7. Томалинцев В. Н. Сущность экстремизма. Особенности его явных и скрытых форм / В.Н.Томалинцев // Феномен экстремизма. -СПб. –2000. –С.16-20.
8. Coleman P.T. Addressing Extremism / P.T. Coleman, A. Bartoli [манбаи электронї]. URL: http:// www.tc.columbia.edu/i/a/document\9386_WhitePaper_2_ Extremism_030809.pdf (санаи истифодабарї: 21.12.2017)
9. George J. Nazis, Communists, Klansmen, and Others on the Fringe: Political Extremism in America / J. George, L. Wilcox. Buffalo, (N.Y.): Prometheus Books, 1992. –P.520-526.

10. Lipset S.M. Political Man. Garden City, N.Y.: Doubleday, 1960. –P.135-146.
11. Бузова Т.В. Феномен религиозного экстремизма: автореф.дисс. канд. философ. наук: 09.00.06 / Т.В.Бузова. - Пермь, 1989. –С.51.

## УСУЛҲОИ МУОСИРИ НАВЪБАНДИИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА АҲАМИЯТИ ИЛМИИ ОН

Дар мақолаи мазкур дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, маводҳои матбуоти даврӣ ва амалияи ҷамъиятии ҷомеаи глобалии муосир муаллиф кӯшиш намудааст, ки ба падидае чун экстремизм баҳои объективӣ дода, мавқеи онро дар ҷомеа муайян намояд. Муаллиф нуқтаҳои назари гуногунро оиди сабабҳои пайдоиши экстремизм, мавқеъ пайдо кардани он дар равандҳои сиёсии олами муосир ва роҳҳои пешгириву мубориза бо онро дар мақолаи мазкур овардааст. Таърихи экстремизм мухтасар ва мушаххас шарҳ дода шудааст. Муаллиф исбот кардааст, ки маҳз субъект таркиб ва шакли экстремизмро муайян мекунад. Нақши таркиби моҷаро дар навъбандии экстремизм дуруст муайян карда шудааст. Се навъи асосии экстремизм – сиёсӣ, динӣ ва миллӣ шарҳ дода шудааст.

Муаллиф оиди экстремизми чапгаро ва ростгаро, ки оиди он дар адабиёти илмӣ маълумот кам аст, иттилоъ додааст. Зарурати назариявӣ ва амалии навъбандии экстремизм дар ин мақола исбот шудааст. Усулҳои муосири навъбандии экстремизм вобаста ба субъект, ҳадаф, тарзи амалигардонии ҳадафҳо, муносибат бо ҳариф, ҷаҳонбинӣ ва ғайраҳо пешниҳод шудаанд. Дар мақолаи мазкур муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҳангоми навъбандӣ эҳсосоти динӣ халалдор нагардад.

Қобили зикр аст, ки аксар навъҳои экстремизмро муаллиф ба зернамудҳо ҷудо кардааст, ки барои дарки падидае чун экстремизм муҳим мебошад. Диққати махсусро муаллиф ба экстремизми сиёсӣ-динӣ дода, оиди ду қисмати таркибии он - экстремизми динӣ ва экстремизми сиёсӣ маълумот додааст. Ҳангоми навъбандӣ муаллиф меъёрҳои ахлоқиро риоя карда, кӯшиш кардааст ба эҳсосоти динӣ дахолат накунад. Навъҳои зоҳиршавии экстремизми сиёсӣ-динӣ хуб нишон дода шудаанд, ки барои дарки ин падида муҳиманд. Баҳамтаъсиррасонӣ ва аз ҳамдигар маншаъ гирифтани навъҳои гуногуни экстремизм низ, дар мақолаи мазкур матраҳ шудаанд. Усулҳои гуногуни пешгирӣ ва мубориза бо экстремизми сиёсӣ-динӣ нишон дода шудаанд.

**Калидвожаҳо:** экстремизм, дин, субъект, усул, навъбандӣ, ҳуқуқ, сиёсат, ҷаҳони муосир, идеология, назария.

## СОВРЕМЕННЫЕ МЕТОДЫ КЛАССИФИКАЦИИ ЭКСТРЕМИЗМА И ИХ НАУЧНОЕ ЗНАЧЕНИЕ

В данной статье на основе анализа научной литературы, материалов периодической печати и общественной реалии современного глобального мира автор старается дать объективную оценку такому явлению как экстремизм и определить его положение в обществе. Автор данной статье приводит разные точки зрения о причинах появления экстремизма, его установление в политических процессах современного мира и мерах профилактики и борьбы с ним. История экстремизма интерпретируется четко и коротко. Автор доказывает, что именно субъект определяет состав и форму экстремизма. Правильно определен роль состава конфликта в классификации экстремизма. Дана информация о трёх основных видах экстремизма – религиозного, политического и этнического.

Автор даёт информацию о левом и правом экстремизме, о которых мало написано в научной литературе. В статье обосновано научное и практическое значение классификации экстремизма. Предложены современные методы классификации экстремизма на основе субъектов, целей, способ реализации целей, отношение к противникам, мировоззрение и др. В данной статье автор старается в процессе классификации не трогать религиозные чувства верующих.

Нужно отметить, что автор классифицирует каждые виды экстремизма на подвидов, что является важным для понимания такого явления как экстремизм. Уделяя особое внимание политико-религиозному экстремизму, автор даёт полную информацию о двух основных его составляющих – религиозный экстремизм и политический экстремизм. В процессе классификации автор соблюдает нормы этики и старается не затрагивать религиозные чувства. Показаны формы выражения политико-религиозного экстремизма, которые являются важными для его понимания. Также в рамках данной статьи рассмотрены вопросы взаимного влияния и обоюдного обогащения разных видов экстремизма. Указаны разные методы профилактики и борьбы с политико-религиозным экстремизмом.

**Ключевые слова:** экстремизм, религия, субъект, классификация, право, политика, современный мир, идеология, теория.

## MODERN METHODS OF CLASSIFICATION OF EXTREMISM AND THEIR SCIENTIFIC VALUES

In this article, based on the analysis of scientific literature, materials of the periodical press and the public realities of the modern global world, the author tries to give an objective assessment of such a phenomenon as extremism and determine its position in society. The author of this article gives different points of view about the causes of the emergence of extremism, its establishment in the political processes of the modern world and the measures of prevention and control. The history of extremism is interpreted clearly and briefly. The author proves that it is the subject that determines the composition and form of extremism. The role of the composition of the conflict in the classification of extremism is correctly defined. Information is given on three main types of extremism - religious, political and ethnic.

The author gives information about left and right extremism, of which little is written in the scientific literature. The article substantiates the scientific and practical significance of the classification of extremism. Modern methods of extremism classification based on subjects, goals, ways of achieving goals, attitude to opponents, world view, etc. are suggested. In this article, the author tries not to touch religious feelings of believers in the process of classification.

It should be noted that the author classifies every kind of extremism into subspecies, which is important for understanding such a phenomenon as extremism. Paying special attention to political and religious extremism, the author gives full information about its two main components - religious extremism and political extremism. In the process of classification, the author respects the norms of ethics and tries not to affect religious feelings. Forms of expression of political and religious extremism that are important for his understanding are shown. Also within the framework of this article, issues of mutual influence and mutual enrichment of different types of extremism are considered. Various methods of preventing and combating political and religious extremism are indicated.
**Key words:** extremism, religion, subject, classification, law, politics, modern world, ideology, theory.

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Фаридуни Хомид*** **-** Таджикский национальный университет, соискатель кафедры политических процессов в Таджикистане. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **faridun.safarzoda@gmail.com** Телефон: **(+992) 93-422-56-96**

**Information about the author:** ***Safarzoda Fariduni Homid*** **-** Tajik national University, aspirant of the department of Political processes of. **Addres:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **faridun.safarzoda@gmail.com** Mobile: **(+992) 93-422-56-96**

**УДК 327.8**

# МЕСТО МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Юсуфджанов Ф.М.***
**Таджикский национальный университет**

Одной из особенностей современного общества является стремление его членов к индивидуализму, но, несмотря на это стремление, как только люди начинают отходить от одного слоя общества, так тут же попадают в другой слой, и опять возникает тенденция к сближению, несмотря на различие людей и их взглядов. С научной точки зрения, французский социолог и философ Э. Дюркгейм дает следующее объяснение такому явлению: «Современные представления о противоположности коллективистического и индивидуалистического устройства общества чрезвычайно многообразны и во многом не согласуются друг с другом».

Дюркгейм различает две формы солидарности людей, составляющих общество: механическую и органическую. Первая представляет собой солидарность вследствие сходства. В обществе, основывающемся на такой солидарности, индивиды мало отличаются друг от друга. Являясь членами одного и того же коллектива, они похожи друг на друга, поскольку испытывают одинаковые чувства, придерживаются одинаковых ценностей, одно и то же признают авторитетным и незыблемым. Общество отличается большой сплоченностью, потому что индивиды его не дифференцированы. При противоположной, органической форме солидарности сплоченность общества является следствием дифференциации индивидов или объясняется ею. Индивиды не подобны друг другу, они различаются, и в определенной мере именно потому, что они различны, достигается согласие. Солидарность, опирающуюся на дифференциацию индивидов, Дюркгейм уподобляет живому существу, каждый из органов которого выполняет свои функции и не походит на другие органы, а между тем все они одинаково необходимы для жизни [1,с.43]. Такое отступление необходимо для сопоставления современного общества и государства, и их взаимоотношений, а также взаимоотношений государств на международной арене и различных обществ. Интеграционные процессы можно заметить почти в любой отрасли человеческой деятельности, как правило, они связаны с быстрым развитием технологий и, как следствие с необходимостью в дополнительных ресурсах, которые можно получить посредством взаимовыгодного сотрудничества. В частности, локальные интеграционные объединения (союзы, организации, содружества) и их возникновение в большом количестве практически во всех регионах мира делают более актуальным рассмотрение данного вопроса. Особенно необходимо уделить внимание вопросам политической интеграции.

Политическая интеграция–это процесс сближения двух или более политических структур, направленный в сторону взаимного сотрудничества, в более узком смысле – это формирование

некоторого целостного комплекса политических систем на межгосударственном уровне [2].

Республика Таджикистан всегда уделяла большое внимание сотрудничеству с международными организациями. В частности, с 2001 года Таджикистан активно начал делать попытки для того, чтобы стать полноправным членом Всемирной Торговой Организации.Республика Таджикистан стала полноправным членом данной организации 02 марта 2013года, и можно понять, какой долгий период понадобился Таджикистану для того, чтобы сделать это. Далее нами был сделан подробный обзор вступления Таджикистана в ВТО, а также была попытка анализа последствий вступления республики в данную организацию. Это еще раз указывает на роль международных организаций как акторов и на их место во внешней политике Республики Таджикистан.

Окончание второй мировой войны, помимо образования двух противостоящих военно-экономических блоков, ознаменовалось также отходом от политики автаркии, являвшейся нормой в 20-30ые годы XX века, и объединением усилий стран конкурирующих блоков в сфере экономики. Страны социалистического лагеря создали Совет экономической взаимопомощи (СЭВ), оказавший большое влияние на их развитие. Соединенными Штатами Америки в противовес Советскому Союзу была создана так называемая Бреттон-Вудская система, составными элементами которой впоследствии стали, в частности, МБРР и МВФ. Наряду со знаменитым «планом Маршала», предусматривавшим восстановление экономики стран Западной Европы, данная система смогла обеспечить последующее доминирование США в мировой экономике и в значительной мере в мировой политике.

Уже в феврале 1946 года, т.е. сразу после создания Организации Объеденных Наций Экономический и социальный совет (ЭКОСОС) на своей первой сессии формирует подготовительный комитет по созыву конференции ООН по торговле и занятости. Комитет в течение 1947-1969 годов вырабатывает устав Международной Торговой Организации. Этот устав нашел отражение в Гаванской хартии, затем превратившейся в Генеральное соглашение по тарифам и торговле. В 1947 году (ГАТТ, 1947), а точнее 30 октября 1947 года Соглашение было принято 23 государствами.

На первых раундах переговорного процесса по созданию ГАТТ в основном обсуждались вопросы сохранения тарифов, но позднее переговоры охватили и другие области, такие как антидемпинг и нетарифные меры. Система ГАТТ, будучи фактически международной организацией,формально таковой не являлась. В качестве первоочередной цели организации ставилось развитие свободной торговли по средствам взаимосогласованного сокращения тарифов и других торговых барьеров. Основным критерием деятельности выступала экономическая эффективность в условиях предоставления максимальной свободы конкуренции на внутреннем и внешнем рынках. Главными принципами функционирования организации стали: наибольшее благоприятствование и национальный режим.Принцип наибольшего благоприятствования обеспечивает автоматическое распространение преференций во внешней торговле на другие страны-участницы договора в целях предотвращения дискриминации, а также позволяет перейти во внешнеторговом регулировании от двустороннего торгового взаимодействия к многостороннему, что дает возможность экономить на политических, информационных, административных и торговых издержках. Принцип национального режима призван обеспечить защиту от дискриминации иностранных производителей в рамках государственного регулирования национальной экономики, предусматривая то, что товарам иностранного происхождения будет предоставляться тот же режим, что и национальным, в отношении внутренних налогов и сборов, а также национальных законов, распоряжений и правил, регулирующих внешнюю торговлю.

В этой связи хотелось бы отметить, что принцип национального режима также был предусмотрен в ст. 2 Парижской конвенции «По охране объектов промышленной собственности» [3]. Справедливо отметить, что данная статья вышеуказанной конвенции относится только к объектам промышленной собственности. В случаях, когда применяется национальный режим в отношении иностранных товаров, например, как только они пересекли границу и вступили во внутренний рынок, не должно применяться менее благоприятное налогообложение или регулирование, чем в отношении аналогичных отечественных товаров. В

соответствии с обязательством предоставления национального режима стране-члену ВТО не разрешается предвзято относиться к иностранным товарам, услугам и поставщикам услуг. Обязательство предоставления национального режима – важнейшее правило ВТО, которое, правда, вызвало много споров. Для торговли товарами, обязательство предоставления национального режима имеет общее применение для всей торговли. Такие обязательства предоставления «национального режима» указаны также в перечне обязательств стран-членов ВТО в отношении специфических видов услуг [4].

Возникает вопрос, насколько оправдано введение или применение данного режима со стороны развивающихся стран и стран с переходной экономикой, ведь в данном случае промышленность многих из вышеуказанных стран просто не выдержит конкуренции в жизненно важных для этих стран секторах, и им придется только уповать на импорт, национальная же промышленность просто обречена [5, с.38].

В этой связи очень показателен пример некоторых стран, которые еще в переговорных процессах смогли добиться некоторых уступок в отношении своих стран.Так, в переговорном процессе Раунда Доха Кыргызстану, Молдове и Армении удалось сформировать свою группу малых стран с низким доходом, которая получила предварительное согласие членов ВТО на то, чтобы результаты Раунда в области снижения импортных пошлин как на сельскохозяйственную, так и на промышленную продукцию не распространялись на эту группу государств [6, с.8].

Важность переговорных процессов очень велика для стран, которые стремятся попасть во Всемирную Торговую Организацию, так как именно в этих переговорах можно отстоять те сектора экономики, которые жизненно необходимы для государства.Возвращаясь к вопросу о национальном режиме, который предусматривается в ст. 2 Парижской конвенции по охране промышленной собственности, стоит отметить, что, на субъективный взгляд автора, данное требование вышеуказанной конвенции должно было быть реализовано.

В 2001 году Республика Таджикистан подала заявку на вступление во Всемирную Торговую Организацию. Это было обусловлено тем, что для молодой республики с переходной экономикой было очень важно найти новые рынки сбыта своих товаров и услуг. Вступление во всемирную организацию, безусловно, дает такие возможности [7, с.42].

За эти годы было внесено более ста поправок, дополнений и изменений в нормативно правовые акты Республики Таджикистан в рамках вступления в ВТО. Многочисленные раунды переговоров показывали желание и стремление Таджикистана вступить в данную организацию. Прежде всего это послужило авторитетом для Таджикистана быть членом ВТО, потому что дало некий дополнительный стимул для иностранных компаний инвестировать в таджикскую экономику. Такого рода организации, как ВТО, создают для страны-участницы, наряду с другими факторами, необходимый инвестиционный климат, который позволяет другим странам и их компаниям более активно заниматься инвестированием.

Постановлением правительства Республики Таджикистан была создана рабочая группа из числа различных министерств и ведомств страны. После более чем 11 лет переговорного процесса Таджикистан благополучно 2 марта 2013 года стал полноправным членом Всемирной Торговой Организации.

В этой связи можно отметить, что внешнеполитическая деятельность Республики Таджикистан во время присоединения к ВТО работала довольно слаженно. Конечно, в первые годы после подачи заявки о вступлении в данную организацию не было достаточного опыта для того, чтобы быстро и слаженно подготовить нормативно-правовую базу страны, однако в последние несколько лет вследствие приобретения определенного опыта различными министерствами и ведомствами страны наблюдалась резкая активизация по выполнению обязательств, возложенных на эти министерства и ведомства.

Если правильно и осмысленно подойти к вопросу о вступлении в ВТО, то можно получить огромную выгоду от вступления в данную организацию. В этом контексте было бы разумно привести пример Китая. Эта страна, которая, наверное, больше других стран мира получила выгоду от вступления в ВТО. Она подошла к вступлению в ВТО более подготовленной, чем остальные страны.Китай вступил в ВТО в 2001 году со средним уровнем импортных пошлин,

почти на 25% более высоким, чем у России. К моменту открытия внутренних рынков перерабатывающие отрасли китайской промышленности были весьма конкурентоспособны благодаря дешевизне юаня, низкой стоимости рабочей силы, значительной доле в экспорте продукции перерабатывающих отраслей, доступности кредитов и др.

Вступление в ВТО на первых парах приведет, по оценкам специалистов, к снижению цен на некоторые товары, что является очень важным фактором, учитывая уровень дохода населения. Кроме того, обострится конкуренция в сфере услуг, что тоже является, в свою очередь, положительным фактором. Как было отмечено выше, может начаться конкуренция в банковской сфере, что приведет к снижению процентной ставки по малым кредитам, что тоже может стимулировать развитие малого и среднего предпринимательства в стране.

Согласно отчету за первые три месяца 2013 года такого государственного учреждения, как «Национальный патентно-информационный центр» Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан, регистрация товарных знаков зарубежных компаний по международной системе регистрации товарных знаков и знаков обслуживания выросла в 3 раза по отношению к данному периоду 2012 года [8].

Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон во время своего выступления в честь открытия нового здания МИД РТ заявил:«После одиннадцати лет последовательных усилий наша страна была принята во Всемирную Торговую Организацию. Этот шаг должен стать важным механизмом в деле реализации наших национальных интересов на глобальной торговой и экономической арене. Принимая во внимание это важное событие, соответствующие министерства и ведомства страны должны предпринять эффективные меры по решению задач и целей, о которых мы заявили перед вступлением в эту влиятельную организацию» [9].

«Вступление во Всемирную Торговую Организацию является прежде всего плодом долгой внешнеполитической деятельности. Это успех внешней политики страны, но это также должно стать и экономическим успехом».

Руководством республики уделяется большое внимание обеспечению кадрами отраслей экономики страны. Этот вопрос всегда находится в поле зрения правительства Таджикистане на самом высоком уровне. В частности, Президент Республики в своем ежегодном послании Парламенту страны отметил: «Согласно данным, в течение 2008-2012 годов 9300 человек окончили ВУЗы страны по специальности «правовед» и более 40000 - по различным экономическим специальностям. Поэтому с целью обеспечения реальной потребности различных сфер национальной экономики в специалистах с современными знаниями и навыками международного уровня необходимо подготовить перспективный план воспитания кадров в ВУЗах страны и за рубежом, одновременно с этим принять дополнительные меры для скорейшей адаптации учебных программ вузов страны к сегодняшним требованиям» [10].

Членство Таджикистана в этой авторитетной организации даст серьезный импульс производству готовой, имеющей высокое качество, соответствующей мировым стандартам и конкурентоспособной продукции, а также будет способствовать росту внешнего товарооборота, рентабельности производства отечественных товаров экспортного назначения, повышению знаний и навыков отечественных предпринимателей и увеличению иностранных инвестиций.

С учетом вышеизложенного необходимо отметить, что членство Таджикистана в ВТО еще раз показывает уровень таджикской дипломатии, поскольку вхождение в такую авторитетную организацию не только требует высокой дипломатической квалификации и профессионализма во время переговорных процессов по вхождению, но и координированных действий между министерствами и ведомствами внутри страны.

Все достижения в данном вопросе – это плод усилий руководства страны во внешней политике, что еще раз указывает на высокие результаты выбранной линии во внешних сношениях.

Для дальнейшего развития и укрепления внешнеполитической линии, по мнению автора, необходимо:

1. Как было отмечено выше, разработка национальной стратегии во внешней политике на основе уже существующей концепции позволит укрепить и с учетом накопленного опыта развить имеющийся успех, исправить имеющиеся недостатки.

2. Также необходимо развивать сотрудничество с международными организациями, в том числе финансовыми, что позволит повысить имидж страны и создать благоприятный инвестиционный климат в стране.

3. Также необходим постоянный мониторинг реализации международных соглашений и договоров, которые были подписаны Республикой Таджикистан, что позволит максимально выгодно для страны использовать потенциал данных соглашений и договоров.

4. Кроме этого, также необходимо проанализировать те международные правовые акты, к которым республика хочет присоединиться. Необходимо четко выяснить выгоды и возможные риски от присоединения или подписания того или иного международного акта.

5. По мнению автора, для этого необходимо более скоординированное сотрудничество всех заинтересованных министерств и ведомств.

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Ивин А.А. Философия истории / А.А. Ивин. – М.: Гардарики, 2000. – 250 с.
2. Барановский В.Г. Политическая интеграция в Западной Европе. Некоторые вопросы теории и практики / В.Г. Барановский. – М.: Наука, 1983. – 360 с.
3. Парижская конвенция по охране промышленных образцов от 1890 года.
4. Правила и политика Всемирной Торговой Организации. Кейсы и материалы. 2-е изд. – Берлин, 2011. – 280 с.
5. Всемирная Торговая Организация: взаимодействие государства и бизнеса / Г.В. Турбан. – Минск: Белпринт, 2009. – 143 с.
6. Азонов Б.Дж. Внешняя политика Республики Таджикистана и ее роль при вступлении во Всемирную Торговую Организацию / Б.Дж. Азонов // Вестник педагогического университета. – 2016. – №4. -С.42-48.
7. Отчет за первый квартал 2013 года ГУ НПИЦентра Министерства экономического развития и торговли Республики Таджикистан.
8. Выступление Президента РТ Эмомали Рахмона в честь открытия нового здания МИД РТ от 15.03.2013 года [электронный ресурс]. URL: http://www.prezident.tj/ru/node/4112 (дата обращения: 21.12.2017 г.)
9. Страны мира и торгпредства // Портал Внешнеэкономической Информации Министерства Экономического развития Российской Федерации [электронный ресурс]: URL: http://www.ved.gov.ru/exportcountries/ (дата обращения: 15.01.2018 г.)
10. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26.04.2013 года [электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/4324 (дата обращения: 10.01.2018 г.).


## ҶОЙГОҲИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола нақш ва ҷойгоҳи созмону ташкилотҳои байналхалқӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҷанбаҳои гуногуни ҳамкорӣ бо чунин созмонҳо, ба монанди Созмони Умумиҷаҳонии Тиҷорат (СУТ), таҳлил гардидаанд.

Нишон дода шудааст, ки равандҳои ҳамгироиро метавон тақрибан дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ мушоҳида кард, ки одатан онҳо ба суръати баланди рушди технология ва ниҳоятан ба зарурияти захоири иловагие, ки тавассути ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба даст оварда мешаванд, алоқаманд мебошанд.

Хусусан, созмонҳои минтақавии ҳамгироӣ (иттиҳодияҳо, ташкилотҳо ва иттифоқҳо) ва зуҳури онҳо бо миқдори зиёд тақрибан дар тамоми манотиқи ҷаҳон баррасии масъалаи мазкурро мубрамтар месозад.

Муаллиф саъй мекунад то таваҷҷуҳи хонандаро ба дастовардҳои ҷумҳурӣ дар шароити мушкили дигаргуниҳои ҷаҳонӣ ва пешбурди сиёсати оқилонаи хориҷии роҳбарияти ҷумҳурӣ ҷалб намояд, ки яке аз натиҷаҳои назарраси ворид шудани Тоҷикистон ба яке аз созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ - СУТ баҳисоб меравад.

Як қатор хусусиятҳои иштироки Тоҷикистон дар созмонҳои байналхалқӣ низ мавриди баҳс қарор гирифта, баҳри рушду таҳкими сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ тавсияҳо пешниҳод гардидаанд, ки ба таври ҳатмӣ боиси вусъат додани гардиши мол, истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ барои содирот, баланд бардоштани донишу малакаи истеҳсолкунандагони ватанӣ ва, аз ҳама муҳим, афзоиши ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон хоҳад шуд.



**Калидвожаҳо:** ташкилотҳои байналхалқӣ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, СУТ, равандҳои ҳамгироӣ, ҳамгироии сиёсӣ, шароити сармоягузорӣ, рушди иқтисодӣ.


## МЕСТО МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН


В статье рассматриваются место и роль международных организаций во внешней политике Республики Таджикистан. Рассматриваются различные аспекты сотрудничества с такими международными организациями, как ВТО. Показывается, что интеграционные процессы можно заметить почти в любой отрасли человеческой деятельности, как правило, они связаны с быстрым развитием технологий и как следствие с необходимостью в дополнительных ресурсах, которые можно получить посредством взаимовыгодного сотрудничества. В частности, локальные интеграционные объединения (союзы, организации, содружества) и их возникновение в большом

количестве практически во всех регионах мира делают более актуальным рассмотрение данного вопроса. Особенно необходимо уделить внимание вопросам политической интеграции.

Автором предлагается обратить внимание на достижения республики в трансформирующихся условиях международных отношений и проведение грамотной политики руководства страны, в результате чего одним из удачных примеров является вступление Таджикистана в такую солидную мировую структуру, как ВТО.

Обсуждается также ряд других особенностей участия Таджикистана в международных структурах и даются некоторые рекомендации для дальнейшего развития и укрепления внешнеполитической линии, что в обязательном порядке будет способствовать росту внешнего товарооборота, рентабельности производства отечественных товаров экспортного назначения, повышению знаний и навыков отечественных предпринимателей и, самое главное, увеличению иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан.

**Ключевые слова:** международные организации, внешняя политика Республики Таджикистан, дипломатия Республики Таджикистан, ВТО, интеграционные процессы, политическая интеграция, инвестиционный климат, экономический рост.

**PLACE OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS IN FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article examines role and place of international organizations in the foreign policy of the Republic of Tajikistan. Various aspects of cooperation with international organizations such as WTO have been reviewed. It is shown that integration processes can be noticed in almost any branch of human activity, as a rule, they are associated with the rapid development of technologies and consequently with the need for additional resources that can be obtained through mutually beneficial cooperation. In particular, local integration associations (unions, organizations, commonwealths) and their emergence, in large numbers, in almost all regions of the World make it more relevant to consider this issue. Especially, it is necessary to pay attention to the issues of political integration.The author is calling to pay attention to the achievements of Tajikistan in the difficult transformation period and the implementation of the competent policy of the country's leadership, because of which one of successful examples is Tajikistan's entry into such a solid World structure as the WTO.A number of other features of Tajikistan's participation in international structures have been discussed, and some recommendations given for further development and strengthening of the foreign policy, which will inevitably contribute to the growth of external commodity turnover, the profitability of the production of domestic export goods, the increase of knowledge and skills of domestic entrepreneurs and, increase in foreign investment in the economy of the Republic of Tajikistan.

**Key words:** international organizations, foreign policy of the Republic of Tajikistan, diplomacy of the Republic of Tajikistan, WTO, integration processes, political integration, investment climate, economic growth.

**Сведения об авторе:** ***Юсуфджанов Фаридун Мухаммадиевич*** – Таджикский национальный университет, соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. E-mail: **yusufjonov@gmail.com** Телефон: **915-10-00-05**

**Information about the author:** ***Yusufjonov Faridun Muhammadievich***– Tajik National University, post-graduate student of the Department of Political Science., Republic of Tajikistan 734025Rudaki avenue17, Dushanbe,. E-mail: **yusufjonov@gmail.com** Телефон: **915-10-00-05**

**УДК:321(575.3)**

# МУНОСИБАТИ МУТАҚОБИЛАИ ЭЛИТАИ ҲУКМРОН ВА АКСУЛЭЛИТАИ ОППОЗИТСИОНӢ ДАР РАВАНДҲОИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН

***Назриев К.Қ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

***Агар дар элитаи ҳукмрон шахсиятҳои***
***дорои «сифатҳои нухбагӣ» ҷо ба ҷо карда нашаванд,***
***баромади ғайриэлитарӣ рӯй дода,***
***ҳайати элита коҳиш ёфта, инкишофи***
***миқдории аксулэлита таҳаққуқ меёбад.***
**Вилфредо Парето**

Равандҳои сиёсии муосири ватанӣ маҳсули бевоситаи амали элитаи ҳукмрон, аксулэлита, антиэлита ва омма маҳсуб мешавад. Неруҳои мазкур, қувваи мутаҳаррики системаи сиёсии ватанӣ шумурда шуда, натиҷаи бавуҷудоии раванди сиёсӣ ба ҳисоб мераванд. Аз ин ҷост, ки раванди сиёсии ватанӣ натиҷаи амали субъектҳои системаи сиёсии ватанӣ маҳсуб мешавад. Фаъолияти неруҳои мазкур, ба мақсадҳои муайян равона

шуда, дар моҳияташон аз ҳам тафовут доранд. Самтҳои алоҳидаи фаъолиятро пайгирӣ карда, мақсадҳои муайянеро дунболагирӣ менамоянд. Дар натиҷа манзараи муайяни сиёсие фароҳам мешавад, ки он оқибатҳо ё инкишофи раванди сиёсӣ дар натиҷаи амали субъектҳои сиёсӣ мебошад. Раванди сиёсӣ, ин гардиши элита дар умум маҳсуб шуда, ҷойивазнамоии элита ва аксулэлита дар системаи ҳокимиятӣ маҳсуб мешавад.

Ҷомеашиноси итолиёвӣ Вилфредо Парето (1848-1923) дар омӯзиши падидаи «элита» [8, с.151] нақши калон дорад. В. Парето тасдиқ кард, ки дар ҳар соҳаи фаъолияти инсонӣ афроде ҳастанд, ки дастовардҳои беҳтаре дар нисбати дигарон доранд. Онҳо синфи олӣ ё элитаро ташкил медиҳанд. Сарҳади ҷудокунандаи онҳо аз аҳолии боқимонда аниқ муайян нашудааст. В. Парето ҷомеаро ба қисми поёнӣ (ғайриэлита) ва қисмати болоӣ - элита, ва онро, дар навбати худ, ба ду қисм: а) элитаи ҳукмрон; б) элитаи ғайриҳукмрон тақсим менамояд. В.Парето на танҳо оид ба тақсимнамоии ҷомеа ба ду шоха: болоӣ, ки ба он идоракунандагон ва поёнӣ, ки ба он идорашавандагон дохил мешаванд, инчунин оид ба доимо ивазшавии ҳайат байни онҳо масъала ба миён меорад. Раванди мазкурро гирдгардиши элита унвон менамояд. Синфи ҳукмрон шумора ва энергияашро аз ҳисоби синфи поёнӣ мегирад. Аз кор мондани раванди мазкур, яъне гирдгардиши элита ба садама оварда мерасонад.

Элитаи ҳукмрон дар раванди сиёсӣ мақом ва нақши муайянеро соҳиб аст, зеро ки он дорои имкониятҳои мухталифи воқеинамоии амал мебошад. Дар саромади қабули қарори сиёсӣ мавқеъ гирифта, аксари пайомадҳо ва ҳодисаҳои баамаломада натиҷаи тасмими он маҳсуб мешаванд. Нақши элитаи ҳукмрон дар муайяннамоии сиёсати давлатӣ асосӣ буда, барандаи муносибатҳо пазируфта ва эътироф мешавад. Аммо бо тамоми тавоноиаш элитаи сиёсии ҳукмрон наметавонад, раванди сиёсиро ба пуррагӣ ба дӯш бигирад. Ба ин хотир, дар раванди шаклгирии ҳодисаҳо элитаи ҳукмрон дар танҳоӣ саҳмгузор набуда, неруҳои дигар низ дар ҷараёни шаклгирии муносибатҳо мусоидат менамоянд. Аз ин ҷо, элитаи ҳукмрон ва аксулэлита дар раванди шаклгирии муносибатҳои сиёсӣ новобаста ба андозаи саҳми онҳо дар ҷараёни мазкур ширкат менамоянд.

Элитаи ҳукмрон ва аксулэлита дар раванди сиёсӣ дар муносибат бо захираи сиёсӣ чунин унвонро соҳиб шуданд. Яъне, гурӯҳе, ки ҳокимиятро дар даст дорад – элитаи ҳукмрон ва гурӯҳи сиёсие, ки ҳадафи ба даст овардани захираи сиёсиро дорад – аксулэлита маҳсуб мешавад. Аз ин ҷо, дихотомияи байни элитаи ҳукмрон ва аксулэлита маълум мегардад. Баҳри мушаххастар муайян намудани мақоми элитаи ҳукмрон аз аксулэлита ҷиҳатҳои мазкур мусоидат менамоянд:

а) Дастёбӣ ба ҳокимият. Элитаи ҳукмрон дар саромади ҳокимият қарор дорад ва дар ин ҳолат аксулэлита мақоми оппозитсиониро касб менамояд.

б) Таъсир ба ҷамъият. Элитаи ҳукмрон самти инкишофи давлатро муайян менамояд ва аксулэлита варианти алтернативӣ ва ё инкори онро пешниҳод менамояд.

в) Арзишнокӣ. Ҳадафи асосии элитаи ҳукмрон – ҳифзнамоии ҳокимият баҳри давом додани курси пешбинишуда буда, аксулэлита бошад, дастёбӣ ба фишангҳои идорӣ баҳри тағйири рафти инкишофи таърихиро мақсади худ қарор медиҳад.

г) Қонуниятнокӣ. Элитаи ҳукмрон – табақаи олии ҷамъият аст, ки сиёсати давлатро муайян менамояд. Аксулэлита мумкин аст, ки ғояи деструктивӣ ва ё каноририро пайгирӣ намояд.

Дар чорчӯбаи механизми либералӣ-демократӣ як бахши фишангҳои ҳокимиятӣ дар дасти оппозитсияи системавӣ мебошад. Ин ба он оварда мерасонад, ки элитаи сиёсии ҳукмрон (субэлита) дар раванди интихоботи демократӣ аз ҷониби аксулэлита иваз карда мешавад [2, с.3]. Ин падида дар истилоҳи илмӣ-сиёсӣ гардиши элита (ротатсия) номида мешавад.

Гурӯҳе, ки ангезаи ба ҳокимият расиданро дошта, имконияти татбиққунии онро надоранд, аксулэлита шуморида намешаванд. Ин маҷмӯи дастаи сарварон аст, ки аллакай дар чорчӯбаи ташкилоти ҳизбӣ ё фраксияи парламентии худ дар ин ё он сатҳ воқеан ба раванди сиёсӣ таъсир мерасонанд. Аксулэлита – ин сарварон ва шахсиятҳои бонуфуз аз доираи ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои ҷамъиятӣ, аъзоёни «ҳукумати имконӣ», рақибони ҳукумат аз бахши молиявӣ-саноатӣ ва тиҷоратӣ, зиёиёни эҷодкори мунаққид(ашхоси муфаккири мунаққид) [6], олимон, ҳарбиён шумурда мешаванд. Аксулэлита – ин ядрои

оппозитсияи сиёсӣ буда, он тамоми хусусиятҳои элитаро фаро гирифта, аммо иҷозати бевосита ба ҷойҳои асосии ҳокимиятӣ надорад [3, с.61].

Оппозитсия ҳамеша рақиби элитаи сиёсии ҳукмрон дар бозори ҳокимияти сиёсӣ буда, дар маънии васеъ он аксулэлита маҳсуб мешавад [2, с.13]. Аксулэлита дар ҷомеа вазифаи оппозитсиониро анҷом медиҳад. Он ҳамеша дар масъалаи ҳокимият – захираи сиёсӣ бо элитаи ҳукмрон дар мавқеи оппозитсионӣ қарор мегирад. Аксулэлита – мухолиф дар муносибат бо элитаи сиёсии ҳукмрон – қисми бюрократия, гурӯҳи иҷтимоие мебошад, ки ҳадафи ворид шудан дар элита, ё ин ки ташаккул додани элитаи нави ҳукмронро дорад. Ҳамчунин, аксулэлита – субъекти сиёсат аст, ки баҳри ба даст овардани ҳокимият, ё ин ки мусоидат кардан дар супоридани ҳокимият кӯшиш менамояд. Бавуҷудоии аксулэлита бо фаъолияти элитаи ҳукмрон алоқамандӣ дорад. Замоне дар фаъолияти элитаи ҳукмрон мушкилӣ пайдо меградад ва дар ҳукмронӣ мушкилот пайдо мешаванд, дар ҷомеа алтернативаи он, аксулэлита пайдо мешавад. Аксулэлита аз гурӯҳҳои дар ҷомеа амалкунанда, бо ҷиҳатҳои равонӣ ва иҷтимоиаш тафовут менамояд. Махсусан, аксулэлита аз ғайриэлита, омма, антиэлита ва «аксарияти хомӯш» фарқ менамояд, вале зуд-зуд ифодакунандаи иродаи омма мебошад, ки аз фаъолияти элитаи ҳукмрон норозӣ ҳастанд.

Антиэлита фарогирандаи унсурҳои зиддиҷамъиятӣ (криминалӣ) буда, бо тамоми ташкилоти иҷтимоӣ ва ҳар кадом элита мухолифат дорад. Табиист, ки антиэлита бо элитаи ҳукмрон дар мухолифат буда, аммо ишғол шудани мақоми элитаи ҳукмрон аз ҷониби антиэлита дар назар дошта намешавад. Фаъолияти он дар доираи арзишҳо ва манфиатҳои гурӯҳ маҳдуд мегардад. Маҳз ҳамин яке ҷиҳатҳое маҳсуб мешавад, ки миёни аксулэлита ва антиэлита монеа мегузорад ва боиси тафовути онҳо мегардад. Фаъолияти антиэлита дар масъалаи ишғоли мақоми элитаи ҳукмрон ғайримуташаккил маҳсуб мешавад.

Антиэлита дар ҷомеа ҳамеша вуҷуд дошта, замоне фаъол мешавад, ки ҳокимияти элитаи ҳукмрон заиф мегардад. Дар ҳолатҳои муайян аксулэлита ва антиэлита дар масъалаи барканорнамоии «синфи ҳукмрон» ба ҳам наздик мешаванд ва бо ҳал шудани масъалаи ҳокимиятӣ, амалӣ шудани нақшаҳои гузошташуда, онҳо ҷудо мегарданд. Антиэлита дар раванди ҳалли масъалаи захираи ҳокимиятӣ қурбонии ҳалқаи нави ҳокимият мегардад [1, с. 243].

Оппозитсияи сиёсии ғайриқонунӣ метавонад ба сифати антиэлита баромад намояд. Зеро фаъолият ва амалкарди он дар чорчӯбаи қонунҳои мавҷуда сурат намегирад. Он субъекти ғайрирасмӣ буда, дар доираи махсуси арзишҳо фаъолият менамояд. Ин гуна оппозитсия ба таври кушода амал карда наметавонад, ба ин хотир фаъолияти он махфӣ сурат мегирад. Яке аз навъҳои оппозитсияи сиёсии ғайриқонунӣ, оппозитсияи криминалӣ маҳсуб мешавад. Оппозитсияи криминалӣ созмоне маҳсуб мешавад, ки аз ҷинояткорони ҳирфавии сатҳи олии иерархияи криминалӣ ташкил ёфтааст. Моҳияти оппозитсияи криминалӣ дар он зоҳир мешавад, ки муқовиматҳои байни неруҳои мухталифро тариқи зӯрӣ ва воситаҳои ғайриқонунӣ ҳал менамояд. Оппозитсияи криминалии идеологӣ дар ҳолати антагонистӣ на танҳо бо маъмурияти маҳаллӣ, балки бо худи давлат қарор мегирад. Сатҳи оштинопазирии муайян байни оппозитсияи криминалӣ ва ҷомеа вуҷуд дорад.

Оппозитсияи сиёсии ғайриқонунӣ дар шароити муосир дар симои неруҳои оппозитсионии мусаллаҳона арзи вуҷуд менамояд. Роҳи расидан ба ҳадафҳои олии сиёсиро тариқи василаҳои осоишта як тараф гузошта, тавассути инқилоб, шӯриш, ошӯб ва табаддулот талош менамоянд ба ҳокимият ноил гарданд. Таҷрибаи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки бо роҳи ғайриосоишта гардиши элита ба миён омада, дар баъзе ҳолатҳо онро ҳамчун тарҳи гузариш ба демократия унвон менамоянд.

Дар шароити муосири ватанӣ дар фазои сиёсӣ мақоми аксулэлитаро гурӯҳҳое касб кардаанд, ки фаъолияти оппозитсиониро ба амал мебароранд. Ҳизбҳои оппозитсионии ҷумҳуриявӣ вобаста ба муносибат бо элитаи ҳукмрон гуногун мешаванд [5, с. 150]. Дар навбати худ, фаъолияти оппозитсионӣ аз ҷониби неруҳои мухталиф ва шахсони алоҳида ба роҳ монда мешавад. Онҳо дар ҷаҳонбинӣ ва мавқеи сиёсиашон ифодагари манфиатҳо ва арзишҳои мухталиф мебошанд.

I. Аксулэлитаи оппозитсионии муҳофизи арзишҳои гуманитарӣ.

Вобаста ба ҳолати воқеии Тоҷикистон, ки мушкилотҳои мухталифи соҳавӣ дар раванди сиёсии он ҷой доранд, як идда неруҳои ҷамъиятӣ дар мавқеи оппозитсиониашон ба ҷиҳатҳои мазкур такя намуданд. Ҳолати мазкур, ки заминаи объективӣ дорад, такя намудани неруҳои мазкур ба масъалаи зайл мутаассиршавии иҷтимоиро ба вуҷуд овардааст. Арзишҳои ба мисли некуаҳволии аҳолӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд ва инсон ва дигар масоили иҷтимоӣ назари мардумиро наметавонад бетараф гузоранд. Ба ин ҷиҳат, Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон – Ҳизби умумимиллии сотсиал-демократии Тоҷикистон дар шароити муосир ба сифати баранда ва муҳофизи арзишҳои гуманитарӣ, кӯшиши амалинамоии адолати иҷтимоиро дар амалияи ҷамъиятӣ дорад.

Ҳадафҳои ҳизби мазкур инъикоскунандаи назариявии давлати иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ маҳсуб мешаванд. Масири пешгирифтаи мавқеи оппозитсионии ҳизби мазкур бо чунин мақсадҳои стратегӣ, дастгирии иҷтимоиро соҳиб шудааст. Аз ин рӯ, пуштибонии ҷамъиятӣ, ин омили мавқеи оппозитсиониро касб кардани ҲСДТ мебошад. ҲСДТ ба ҷуз аз мақсадҳои зайл фаротар ҳаракат намуда, ислоҳоти конститутсиониро талаб менамояд. Ҳолати мазкур, мушкилотҳои навбатиро дар шинохти ҳизби оппозитсионии мазкур ба вуҷуд меоварад. Ҳизби оппозитсионии мазкур на танҳо бо элитаи ҳукмрон, балки бо худи сохтори конститутсионӣ низ мушкилӣ дорад.

II. Блоки оппозитсионии неруҳои ислоҳотхоҳ ҳамчун аксулэлита.

Дар мубоpизаи сиёсӣ субъектҳои сиёсии мухталиф барои ҳадафҳои худро амалӣ сохтан, дар зимни фаъолияти сиёсӣ дар раванди сиёсӣ намоён мешаванд. Ҷобаҷошавии неруҳои сиёсӣ дар майдони сиёсӣ боиси он мешавад, ки баъзе неруҳои сиёсӣ вобаста ба мавқеи ишғолкардаашон дар як ҷабҳаи сиёсӣ қарор гиранд, иттифоқчии сиёсӣ ё ҳамсафар дар муборизаи сиёсӣ гарданд. Дар фазои сиёсии ватанӣ чунин мавқеъгириҳои неруҳои сиёсӣ ба амал омадааст ва онҳо вобаста ба дидгоҳҳо ва мавқеъҳои умумӣ дар ҷабҳаи сиёсии ягона муттаҳид шудаанд. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ва Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон вобаста ба мавқеи оппозитсионие, ки дар майдони сиёсии ватанӣ дар нисбати элитаи ҳукмрон ишғол кардаанд, ҳамчун субъекти иттифоқчӣ маҳсуб мешаванд.

Моҳиятан онҳо аз ҷиҳати идеологӣ тафовут доранд, аммо вобаста ба мақоми ишғолкардаашон арзишҳои идеологӣ камаҳамият мешаванд. Бар замми ин, баъзе арзишҳои гуманистиро бо арзишҳои исломӣ омезиш доданд, то арзишҳои умумиро ба даст оваранд. Арзишҳои умумиинсонӣ ба сифати ғояи муборизаи неруҳои сиёсии мазкур дар раванди сиёсӣ баромад менамоянд.

Бо дарназардошти ҷиҳатҳои мазкур Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон бо Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон, созмонҳои дигар блоки сиёсии Иттиҳоди неруҳои ислоҳотхоҳи Тоҷикистонро таъсис доданд. Қайд кардан бамаврид аст, ки иттиҳоди мазкур (ИНИТ) аввалин блоки сиёсӣ бо иштироки ҲНИТ маҳсуб намешавад. Дар зарфи бист соли охир бо ширкати ҳизби динӣ Иттиҳоди неруҳои мардумии Тоҷикистон, Иттиҳоди неруҳои оппозитсионии Тоҷикистон ва ҳамчунин Иттиҳоди неруҳои ислоҳотхоҳи Тоҷикистон ташкил карда шудааст.

Иттиҳоди оппозитсионии мазкур бештар ба ҳадафҳои Ҳизби сотсиал-демократии Тоҷикистон такя менамояд. Чаро ки аксари ҳадафҳои иттиҳоди мазкур ҷиҳати гуманитарӣ дошта, арзишҳои ҳизби динӣ ҷой надоранд. Воқеан, ҲСДТ наметавонад татбиқгари ҳадафҳои ҲНИТ бошад. Аз ин рӯ, ба тариқи умумӣ баён кардани ҳадафҳо ва принсипҳои асосии Иттиҳоди неруҳои ислоҳотхоҳ, ин пардапӯш кардани тазодҳои ғоявии неруҳои асосии иттиҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад:

- мардумсолорӣ ва баробарии ҳама дар назди қонун ва суд;
- арзиши олӣ доштани инсон ва фароҳам овардани шароити арзанда ва инкишофи озодона ба ҳар фарди ҷомеа;
- амали ҳокимияти давлатӣ дар асоси тақсими салоҳиятҳо байни ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ;
- фазои рушди соҳибкории хурду миёна ва муҳити солими сармоягузорӣ;
- рушди ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ, озодии виҷдон, сухан, фаъолият, мусофират ва ВАО.

Баъди ҳодисаҳои моҳи сентябри соли 2015 дар раванди сиёсии мамлакат дар

муносибат ба аксулэлитаи оппозитсионӣ дигаргунӣ ба миён омад. Бо қатъ шудани фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон дар қаламрави мамлакат, фаъолияти Иттиҳоди неруҳои ислоҳотхоҳ низ ба фарҷом расида, Ҳизби сотсиал-демократи Тоҷикистон, ки қаблан дар мақоми аксулэлитаи оштинопазир қарор дошт, ҳолати оппозитсияи сиёсии муътадилро касб намуд. Мавқеи сиёсиашро вобаста ба тағйироти сиёсӣ ва тавозуни қувваҳо тамоман дигар кард. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон мақоми антиэлитаро касб намуда, вобаста ба қонунҳои кунунии давлатӣ оппозитсияи сиёсии ғайриқонунӣ шумурда мешавад.

III. Антиэлита ё оппозитсияи сиёсӣ бо мақоми душмани сиёсӣ.

Аслан, ин навъ оппозитсияро ҷомеаи мутамаддин қабул надорад, зеро оппозитсияи сиёсӣ дорои ҳад, андоза мебошад ва ин меъёрҳо бояд аз ҷониби неруҳои сиёсӣ ба эътибор гирифта шаванд. Мавҷуд набудани маданияти оппозитсионӣ ва ба эътибор нагирифтани этикаи оппозитсионӣ далолат аз душмании сиёсӣ медиҳад. Ба сифати навъи оппозитсияи сиёсии мақоми душмани сиёсиро соҳиб буда, оппозитсияи сиёсии берунӣ баромад карда метавонад. Оппозитсияи берунӣ бо дарназардошти он ки тобеи шароити қонунии мавҷуда нестанд, ҳеҷ ҷиҳате наметавонад ба фаъолияти оппозитсионии он таъсиргузор бошад. Аз ин рӯ, дар мавқеъгирии оппозитсиониашон этика ва маданияти оппозитсиониро ба инобат намегиранд.

IV. Аксулэлита ё оппозитсияи сиёсии муътадил.

Чунин навъи аксулэлита рафтори оппозитсионӣ зоҳир накарда, дар ин ё он масоил вокуниш ё мавқеъгирие надорад, ба ҷуз аз ихтиёр кардани мақоми нейтралӣ. Оппозитсияи муътадил бо фаъолияти элитаи ҳукмрон ҳеҷ аксуламале нишон надода, «мавқеъгирони бидуни мавқеъ» [7] мебошанд. Компромисс, консенсус асоси амали навъи оппозитсияи муътадил маҳсуб мешавад.

Ҳизби коммунистии Тоҷикистон дар шароити муосири ватанӣ мақоми оппозитсияи муътадилро касб намудааст. Ҳолати мазкур, сабаб шудааст, ки ҳизби мазкур дар раванди сиёсӣ фаъолияти муътадилона дошта бошад. Ҷиҳати дигар, ин аст, ки Ҳизби коммунистии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва фоҷиаи ватанӣ - ҷанги шаҳрвандӣ имиҷи сиёсиашро аз даст дод. Дар шароити нави сиёсӣ мавҷудияти ҳизби мазкур ангезаи сиёсиро дар назари оммавӣ ташаккул надодааст ва аз ин рӯ, мақоми Ҳизби коммунистӣ дар шароити муосир коҳиш ёфтааст. Ба ғайр аз Ҳизби коммунистӣ ҳизбҳои дигари ватанӣ чунин мақомро ишғол намудаанд. Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби ислоҳоти иқтисодӣ, Ҳизби сотсиалистии Тоҷикистон, Ҳизби аграрии Тоҷикистон мақоми «аксулэлита ё оппозитсияи ба ҳолатҳо рӯоваранда» - ро касб карданд.

Ташаккул наёфтани аксулэлита дар фаҳми мутамаддин ва надоштани таҷрибаи муносибат бо элитаи ҳукмрон боиси ташаккул ёфтани муносибатҳои нобоварона ва сард мегардад [9, с.15]. Элитаи ҳукмрон, дар навбати худ бо чунин аксулэлитаи комилан ташаккулнаёфта бо усулҳои классикӣ бархӯрд менамояд. Ин шакли муносибатҳо ба ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ халал мерасонанд. Зарур аст, ки шакл ва моҳияти муносибатҳоро дар чорчӯбаи муқаддасоти миллӣ ба вуҷуд биорем, зеро тақлид аз демократияи плюралистии ғарбӣ наметавонад ба манфиатҳои миллӣ мусоидат намояд.[4, с. 306] Ҳамчунин, шароити ҳукмрони ватанӣ ташхиси махсусро дар масъалаи ҳадди оппозитсия – аксулэлита ва маҳдуднамоии фаъолияти он аз ҷониби ҳукумат тақозо дорад. Маданият ва шуури оппозитсионии аксулэлита дар шаклгирии муносибатҳои байни элитаи ҳукмрон ва аксулэлита нақши муҳим мебозад. Аксулэлитаи солим бо донистани ҳадди оппозитсионӣ дар мубоpизаи сиёсӣ ва шинохту эътирофи он аз ҷониби элитаи ҳукмрон дар тавозуни қувваҳо дар шароити ватанӣ мусоидат менамояд.

Муносибати субэлита ва аксулэлита, бархӯрди элитаи ҳукмрон бо антиэлита аз ҷумлаи муҳимтарин масъалаҳои раванди сиёсии ватанӣ мебошад. Барои ин элитаи ҳукмронро зарур аст, то маҳорат ва қобилияти муносибат ва бархӯрд бо аксулэлита ва антиэлитаро дошта бошад. Ба инобат нагирифтани сарҳади байни аксулэлита ва антиэлита боиси халалдор шудани суботи сиёсӣ дар кишвар мегардад. Замоне муносибати якхела аз ҷониби элитаи ҳукмрон алайҳи аксулэлита ва антиэлита пиёда мешавад, элитаи ғайриҳукмрон бо иштироки аксулэлита ва антиэлита дар як ҷабҳа қарор мегиранд, ки ин барои субэлита пайомади манфӣ ба бор меорад. Муносибатҳо аз чорчӯбаи мавҷуда берун

баромада, субэлита ва элитаи ғайриҳукмрон (аксулэлита ва антиэлита) [10, с.123]. ба ҳолати сифатан нави бархӯрд ворид мешаванд. Элитаи ҳукмронро зарур аст, ки бо аксулэлитаи оппозитсионӣ дар муколама бошад, ин ҳолат мусоидат менамояд, ки ҳузури тарафи сеюм дар майдони сиёсӣ имконнопазир гардад. Муносибати мутақобилаи элитаи ҳукмрон ва аксулэлита муҳимтарин масъалаи раванди сиёсӣ дар амалияи сиёсӣ ва ҷолибтарин мавзӯъ дар ҳокимиятшиносӣ, оппозитсиология ва элитология ҳисоб мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Дугин А.Г. Философия политика / А.Г. Дугин. -М., 2004. – 424с.
2. Кривчук И.А. Политические оппозиции и контрэлиты в условиях российской демократической реформации: автореферат дис. ... кандидата политических наук: 23.00.02 / И. А. Кривчук; [Место защиты: Сев.-Кавказ. акад. гос. службы]. -Ростов-на-Дону, 2009. – 26 с.
3. Кривчук Инна. Проблемы функционирования оппозиции и контрэлит в современном политическом процессе (обзор литературы) / И. А. Кривчук // ВЛАСТЬ. -2009. -№7. – С .60-62.
4. Назриев К.К. Демократия и процесс формирования политической оппозиции в Таджикистане / К.К. Назриев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. - №2-4 (204). – С. 301-307.
5. Назриев К.Қ. Муносибати мутақобилаи ҳизбҳои оппозитсионӣ бо ҳокимияти давлатӣ / К.К Назриев // Вестник технологического университета Таджикистана. – 2016. - №2 (27). – С. 147-151.
6. Межуев Б.Новая эпоха противостояний. Агентство политических новостей", 22 мая 2007 г. [электронный ресурс] URL: http;//www.archipelag.ru/authors/mezhuev/?library=2265. (дата обращения: 15.05.2014).
7. «Оппозиция» без позиции [электронный ресурс] URL: http://tr.rkrp-rpk.ru/get.php?4167.( дата обращения: 15.05.2014).
8. Панова М.Н. «Элита» как термин политической социологии: краткий лингвистический анализ / М.Н. Панова // Вестник российского университета дружбы народов. Серия: лингвистика. – 2004. - № 6. – С. 151-158.
9. Пляйс Я.А. Формирование новой элиты: проблема номер один для модернизации России / Я.А. Пляйс // В сборнике: Четверть века политической науки в российской провинции Сборник научных трудов. – 2015. – С. 15-20.
10. Тощенко Ж. Т. Элита? Кланы? Касты? Клики? Как назвать тех, кто правит нами? /Ж. Т. Тощенко //Социол. исследования. -1999. -№ 11. -С. 123-133.


## МУНОСИБАТИ МУТАҚОБИЛАИ ЭЛИТАИ ҲУКМРОН ВА АКСУЛЭЛИТАИ ОППОЗИТСИОНӢ ДАР РАВАНДИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола сухан доир ба муносибати мутақобилаи элитаи сиёсии ҳукмрон бо аксулэлитаи оппозитсионӣ ва антиэлита меравад. Муҳтавои асосии таҳқиқотро таҳлили падидаҳои субэлита, аксулэлита, гирдгардиши элита ташкил медиҳад. Диққати асосӣ ба масъалаи алоқамандии аксулэлитаи оппозитсионӣ ва элитаи ҳукмрон дар раванди сиёсии ватанӣ равона гардидааст. Мақола ба масъалаи назариявӣ ва методологии омӯзиши ҳокимият ва элита, масоили таҳаввул ва амалкарди гурӯҳҳои ҳокимиятӣ дар Тоҷикистон, трансформатсияи ҷомеа, сохтори ҳокимият ва амалияи гурӯҳи ҳукмрон бахшида шудааст. Диққати махсус ба таҳқиқи муқоисавии элита, ҳамчунин баҳамтаъсиррасонии элита ва ҷомеаи маданӣ дода мешавад. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки муносибати оммавӣ ба гурӯҳи элитаи ватанӣ дар замони шӯравӣ ва расошӯравии инкишоф хеле назаррас мебошад. Муҳимтарин вижагии тамоми гурӯҳи элитаи ватанӣ тамоюл ва самти он ба давлат мебошад. Буҳронҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ, тағйиротҳои сиёсӣ, дигаргуншавии режимҳо ва системаҳои сиёсӣ натавонистанд чунин ҳолатро тағйир диҳанд. Асоснок карда мешавад, ки баҳамалоқамандӣ ва муносибати мутақобилаи элита ва аксулэлита, нақши муассир дар инкишофи минбаъдаи кишвар дорад. Чунин муносибат барои мутахассисони соҳаи сиёсатшиносӣ ва элитология, ҳамчунин таҳқиқгарони масоили ҳокимият ва гурӯҳҳои ҳокимиятӣ, таълимдиҳандагони ҷомеашиносӣ ва таърих, ҳамчунин коршиносон, мушовирон ва сиёсатмадорони амалкунанда ҷолиби диққат мебошад.



**Калидвожаҳо:** элитаи ҳукмрон, субэлита, аксулэлита, антиэлита, оппозитсияи сиёсӣ, муносибати мутақобила, аксулэлитаи оппозитсионӣ, ивазшавии элита.


## ВЗАИМОДЕЙСТВИЯ ПРАВЯШЕЙ ЭЛИТЫ И ОППОЗИЦИОННОЙ КОНТРЭЛИТЫ В ПОЛИТИЧЕСКОМ ПРОЦЕССЕ ТАДЖИКИСТАНА


В статье речь идет о взаимодействии правящей политическая элиты с оппозиционной контрэлитой, и антиэлитой. Основное содержание исследования заключается в анализ феноменов субэлиты, контрэлиты, ротации элиты. Основное внимание в работе автор акцентирует на взаимодействие оппозиционных контрэлит и правящей элиты в политическом процессе страны. Выделяются и описываются характерные особенности взаимодействия прявшей элиты с контрэлитой, и антиэлитой в отечественных политически условиях. Статье посвящен теоретическим и методологическим проблемам изучения власти и элит, вопросам эволюции и функционирования властных групп в Таджикистан, трансформации таджикского общества, структур власти и практик групп доминирования. Особое внимание уделено сравнительным исследованиям элит, а также взаимовлиянию элитных групп и гражданского общества. Недавние исследования времени показывают значительные особенности массового отношения к таджикской власти в разные советской и постсоветской времени. Важнейшей характерной чертой всех таджикских элитных групп является их ориентация на государство. Ни общественно-политические

кризисы, ни замены режимов не привели к принципиальным изменениям в таком состоянии дел. Обосновывается идея о том, что взаимодействия элиты и контрэлиты, играет огромную роль в дальнейшей развитии страны. Такой взгляд будет интересен специалистам в области политологии, и элитологии, а также исследующих проблемы власти и властных групп, преподавателей социологии, политологии и истории, а также политических практиков – экспертов, консультантов и действующих политиков.

**Ключевые слова:** прявяшая элита, субэлита, контрэлита, антиэлита, политическая оппозиция, взаимодействие, оппозиционная контрэлита, ротация элиты.

**INTERACTIONS SPUN ELITE AND THE OPPOSITION COUNTER-ELITE IN THE POLITICAL PROCESS IN TAJIKISTAN**

The article deals with the interaction of the ruling political elite with the opposition counter-elite, and anti-elite. The main content of the study is to analyze the phenomena of subelite, counter-elite, elite rotation. The author focuses on the interaction of oppositional counter-elites and the ruling elite in the country's political process. The characteristic features of the interaction of the spinning elite with counter-elite, and anti-elite in domestic political conditions are singled out and described. The article is devoted to the theoretical and methodological problems of studying power and elites, the evolution and functioning of power groups in Tajikistan, the transformation of Tajik society, power structures and practices of domination groups. Particular attention is paid to comparative studies of elites, as well as mutual influence of elite groups and civil society. Recent studies of the time show significant features of the mass attitude towards the Tajik authorities in different Soviet and post-Soviet times. The most important characteristic of all Tajik elite groups is their orientation toward the state. Neither the socio-political crises nor the replacement of the regimes led to fundamental changes in this state of affairs. The idea that elite interaction and counter-elite, plays a huge role in the further development of the country is substantiated. This view will be of interest to specialists in the field of political science, and elitology, as well as investigators of power and power groups, teachers of sociology, political science and history, as well as political experts - experts, consultants and politicians.

**Key words:** spun elite subelite, counter-elite, antielite, the political opposition, the interaction, the opposition counter-elite, elite rotation.

**Сведения об авторе:** ***Назриев Карим Курбомадович*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Телефон: **988-01-53-11**

**Information about the author:** ***Nazriyev Karim Kurbomadovich*** - Tajik National University, competitor of the Department of Political Science **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17**.**
Tel:**988-01-53-11**

**УДК: 321.013**

# ДАВЛАТИ ТАВОНО: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

***Қудратзода Ф.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Давлат институти асосии системаи сиёсии ҷомеа буда, тамоми муносибатҳои байниҳамдигарии одамонро танзим менамояд. Маҳз давлат меҳвари асосии институти сиёсӣ, майдони зиддият ва муқовиматҳои неруҳои сиёсӣ баромад мекунад. Таърихи пайдоиши беш аз ҳазорсола далел бар он аст, ки раванди ташаккул ва инкишофи он якранг набуда, шаклҳои гуногуни инкишоф, тарзи фаъолияти мухталиф, сохтори гуногуни идоракунии сиёсиро касб намудааст. Давлат на танҳо яке аз унсурҳои зарурии фаъолияти ҳаётии инсон ҳамчун моҳияти ҷамъиятӣ, балки шакли мураккабтарин ва муташаккилтарини умумияти сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Пӯшида нест, ки давлат ҳамчун институти асосӣ дар ташаккул ва инкишофи хеш роҳҳои душвору мураккабро паси сар намудааст. Бинобар ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи моҳият ва хусусиятҳои асосии давлати тавоно яке аз масъалаҳои муҳимми баҳсталаб ба ҳисоб рафта, доираи васеи муҳаққиқон ва донишмандонро ба худ ҷалб намудааст. Бо пайдоиши баҳсҳои мазкур оид ба моҳият ва хусусиятҳои асосии давлат, омӯзиши масъалаи тавоноии он низ рӯзмарра гардидааст. Ҳанӯз Демокрит қайд намуда буд, ки: «давлати ба роҳи дуруст раванда – пуштибони бузург аст. Ҳамин аст, ки вақте ки давлат неку аст, ҳама некуаҳволанд вақте ки давлат хароб аст, ҳама фано мегарданд» [5, с. 595]. Агар ба назарияҳои пайдоиши давлат таваҷҷуҳ намоем, пас мебинем, ки давлат замоне ба вуҷуд омадааст, ки тавоноиро дар нисбати танзими муносибатҳо ба худ мегирад. Аммо омӯзиши

масъалаи мазкур нигоҳи дигари илмиро талаб дорад. Ҳоло дар омӯзиши масъалаи давлати тавоно имкониятҳо фароҳам омадаанд. Давлати тавоно дар алоқамандӣ бо контексти муносибатҳои навин бояд мавриди омӯзиш қарор гирад.

Дар шароити муосир давлат ҳамчун институти сиёсии таҳдидпазир дониста мешавад. Аз ин хотир, давлати тавоно дар фаҳмиши классикӣ набояд истифода гардад. Зеро, фаҳмиши муосири давлати тавоно аз фаҳмиши классикии он бояд фарохтар бошад, дарки моҳияти масъала ҳамаҷониба эҳсос гардад ва ба хусусиятҳои асосии он диққати ҷиддӣ дода шавад.

Таҳлили илмии масъалаи давлат ва хосиятҳои асосии он таърихи қадима дорад. Тағйирёбии андешаҳо оид ба масъалаи давлат вобаста ба марҳалаҳои рушди инкишофи таърихӣ аз худ дарак медиҳанд. Амалияи ҳолати инкишофи сиёсӣ ба он таъсири бештар расонидааст. Махсусан, шакливзшавии сохтори функсионалӣ ва институтсионалӣ ба фаҳмиши давлат тасаввуроти нав ба навро зам намудааст. Таҳаввулоти фикрию методологӣ боис гардиданд, ки давлат ҳамчун институти сиёсӣ дар сатҳи нав баҳогузорӣ карда шавад. Вале мо наметавонем қайд намоем, ки муҳаққиқон то ҳол оид бо салоҳиятнокию масъулиятпазирии давлат ибрози андеша накардаанд. Жан-Жак Руссо аввалин шуда, мазмуни давлати тавоноро аз ҷиҳати илмӣ асоснок намудааст [4]. Ошкор гардид, ки танҳо давлати тавоно метавонад таҷассумкунанда ва инъикоскунандаи озодиҳои шаҳрвандон баромад намояд. Моҳиятан тавоноии давлат низ дар ҳамин собит мегардад. Ҳолати нотавонии давлат ба фаҳми аслии давлат ҳамчун институти асосии системаи сиёсӣ монеа мегардад. Тавоноии давлат дар ҳудуде амалӣ мегардад, ки аз ҷиҳати аломатҳои асосӣ онро фаро гирифта бошад. Масъалаи асосии давлати тавоноро на салоҳиятҳои зуригарӣ ё фишороварию маҷбурнамоӣ, балки қобилияти ҳимоявӣ, сафарбарнамоӣ, коммуникативӣ ва қонеънамоии талабот ташкил медиҳад.

Давлатшиносии муосир доираи васеи назарияҳо ва таълимотҳоеро пеш гузоштааст, ки дар фаҳми муосири давлат махсусан, давлати тавоно мусоидат менамояд. Парадигмаҳои иҷтимоию сиёсии давлатшиносӣ аз консепсияҳо ва таълимотҳое иборат мебошанд, ки мақсадашонро муайян намудани вазифаю салоҳиятҳои давлат ташкил медиҳанд. Парадигмаи иҷтимоии давлатшиносӣ бештар ба табиати давлат ва давлатдорӣ диққати асосӣ дода, дар амалӣ намудани вазифаҳои давлат мавқеи омилҳои иҷтимоиро дар мадди аввал мегузоранд. Он аз таълимоти марксизм, назарияи Макиавелли, назарияи културологии М. Вебер оғоз гардида, то ба назарияи моҷарогароии Козер, Дарендорф ва назарияи консенсуалии Т. Парсонс рафта мерасад [3, с. 475]. Дар маркази диққати парадигмаи иҷтимоии давлатшиносӣ сатҳ ва сифати иҷроиши салоҳияту вазифаҳои иҷтимоии давлат мавқеи муайянкунандаро мебозанд, ки ба фаҳми асосии моҳияти давлат ҳамчун "хизматрасони бузург" заминаи асосӣ мегузорад. Аз тарафи дигар, дарки ҳамаҷонибаи як падида боиси дарки падидаи дигар мегардад. Метавон қайд намуд, ки меъёрҳои давлат ҳамчун хизматрасони бузург моҳияти давлати тавоноро дар навбати аввал мегузорад.

Парадигмаҳои сиёсии давлатшиносӣ ҳолатҳои инкишоф ва амалӣ намудани вазифаҳо ва салоҳиятҳои давлатро шарҳ дода, диққати асосиро ба амалӣ гардидани идоракунии давлатӣ бо дарназардошти талаботу манфиатҳои аксарияти одамон равона месозад. Моҳиятан мазмуни парадигмаҳои мазкур ба фаҳми давлати тавоно имконият фароҳам меоранд. Намояндагони парадигмаҳои сиёсии давлатшиносӣ ҳамеша кӯшиш менамоянд, ки самаранокии шакли идоракунии давлатиро муайян созанд. Шаклгирии мазмуни фаъолияти давлат бо мақсадҳои умумӣ–қонеъкунандаи талаботу манфиатҳои аҳолӣ, "давлат ҳамчун посбони шабона" баробар дониста мешавад, агар самаранокӣ ва принсипи "дарки масъулият" мавриди истифодаи бевоситаи давлат қарор гирад.

Намунаи давлати тавоноро метавон дар кишварҳое, ки принсипҳои демократӣ ва арзишҳои либералиро пеша намудаанд, пайдо намуд. Асоси онҳоро консепсияи "демократияи намояндагӣ" ташкил медиҳад. Дар маркази диққати он принсипи "дарки масъулият" қарор мегирад. Мазмуни консепсияи мазкурро он ҷиҳат ташкил медиҳад, ки нақши асосӣ дар раванди идоракунӣ на ба иштироки бевоситаи халқ, балки намояндагони халқ вогузор мешаванд ва идоракунию амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар асоси талаботу манфиатҳои умумӣ риоя карда мешавад.

Голветсий К. А. дар таснифоташ идоракунии ҷумҳуриявиро, ки бештари давлатҳои муосир чунин шакли идоракуниро пеша намудаанд, шакли “хуби идоракунӣ” маънидод намудааст. Аз тарафи дигар Ф. А. Волтер бошад идоракунии ҷумҳуриявиро, ки дар асоси арзишҳои демократӣ, ки қонеъкунандаи талаботу манфиатҳои халқ баромад мекунад, ҷонибдорӣ менамояд. Зеро шакли идоракунии ҷумҳуриявии давлат ба принсипҳои тақсимоти ҳокимият асос меёбад.

Самаранокиро асоси фаъолияти давлатҳои муосир донистан аз манфиат холӣ нест. Аз тарафи дигар, он хосияти асосии давлати тавоноро ташкил медиҳад. Ғайр аз ин, фаъолияти давлати тавоно дар асоси принсипи “аҳдномаи иҷтимоӣ” дида баромада мешавад. Он як навъ созиши байни умумиятҳои иҷтимоӣ ва субъектони идоракунанда ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин дар асри XVIII – XIX яке аз ходимони давлатии итолиёвӣ Петро Коллетта қайд менамояд, ки «барои аксарияти мардум адолат аз тамаддун зарууртар ба ҳисоб меравад». Аз назари Стиглитса Ҷ. Ю. он давлате, ки на барои танқиди маҳдудият, балки ба таври доимӣ ва пайваста кӯшиши татбиқи принсипи адолати иҷтимоиро бо назардошти қонуниятҳои маънавии ҳар як мақомоти давлатӣ фаро мегирад, ҷонибдорӣ менамояд. Воқеияти асосии давлати тавоноро самаранокии он ташкил медиҳад. Муайянкунандагии ин нишондод танҳо дар “қавӣ” будани давлат фаҳмида мешавад [8, с. 154].

Дар омӯзиши масъалаи давлати тавоно ва ошкор намудани моҳияти асосии он дар фаҳми аслиаш ба андешаҳои ҳуқуқшиноси лаҳистонӣ Гумплович Л. назар кардан бамаврид аст. Гарчанде ки Гумплович асосгузори назарияи зӯригарии давлат ба ҳисоб равад ҳам, ӯ таълимоти “давлати муосири маданӣ”–ро пешниҳод менамояд. Ташаккули мантиқии давлатро воқеан шарҳ медиҳад. Хусусиятҳои давлатро ҳамчун воситаи зӯроварӣ мансуб ба давраҳои гузашта медонад ва давлати муосирро аз чунин хусусиятҳо канор мегузорад [2, с. 273]. Ташаккули табиии давлат то ба “давлати муосири маданӣ” омада мерасад. Он ҳамчун шакли охирини давлат шуморида мешавад, ки дар худ баробарии шаҳрвандон, меъёрҳои қонунӣ, мавҷудияти режими демократӣ, арзишҳои либералӣ, хайрияти моддию мадании мардумро дар заминаи омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ фаро мегирад.

Дар мавриди баробарии хусусиятҳо ва дарки ҳамаҷонибаи давлати тавоно метавон гуфт, ки таълимоти “давлати муосири маданӣ”-и Гуплович Л. бо он шабоҳат дорад. Раванди дарки масъалаҳои замони ҳозира аз замони гузашта фарқ менамояд. Мушкилоти бавуҷудомадаи раванди сиёсӣ ҳолати буҳрониро дар самаранокии давлат пеш меорад. Ҳолати мазкур аз зиддиятнокию пурихтилоф будани олами сиёсат дарак медиҳад. Фазои сиёсии мураккаб масъулиятпазирии давлатро талаб менамояд. Дарки моҳияти аслии давлати тавоно маҳз аз ҳамин шакли муносибат сурат мегирад.

Фаҳми хусусиятҳои фарққунандаи давлати тавоно ва нотавон на дар тарзи фаҳмиши классикӣ, бо назардошти имкониятҳои маҷбуркунӣ, фишороварӣ ва зӯрӣ, балки дар масъулиятпазирӣ, муташаккилӣ, ислоҳотпазирӣ, ҳимоякунанда, танзимкунанда, кафолатдиҳанда будани он метавонад ифода гардад. Аз тарафи дигар, тафовут байни давлати тавоно ва нотавон на дар амалӣ намудани ҳокимияти авторитарӣ, балки дар иҷроиши функсияҳо, махсусан функсияҳои иҷтимоии давлат омода мегардад [9].

Дарки ҳамаҷонибаи давлати тавоно дар хусусиятҳои асосии он зоҳир мегардад. Он хусусиятҳои асосии зеринро соҳиб аст:

- фаъолияти самаранок ва мустақилии ҳокимияти давлатӣ ва дигар институтҳои таркибии он;
- иҷроиши салоҳият ва вазифаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ;
- доштани қобилияти қабули барномаҳои фаврии зиддибуҳронӣ;
- алоқаи бевоситаи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ бо аҳли ҷомеа;
- қонеъ намудани талаботу манфиатҳои шаҳрвандон;
- кафили бехатарӣ ва инкишофи озод;
- эътибори ҳаёт, қадр ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон;
- таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ;
- қудрати мубориза бар зидди ҳама гуна ҷинояткориҳо, аз қабили ҷиноятҳое, ки бар зидди ҳаёти инсон ва табиат равона шудаанд;

- ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлатӣ – миллӣ дар сатҳи байналхалқӣ.

Пеш аз ҳама, диққати асосӣ ба мустақилияти шохаҳои алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ, муносибати байниҳамдигарии онҳо дар ҷомеа ва ба гурӯҳҳои иҷтимоӣ, неруҳои сиёсию иҷтимоӣ ва доираи манфиатҳои онҳо дода мешавад.

"Тавоноӣ"-и давлати муосирро дар заминаи мақом ва нақши бюрократияи давлатӣ метавон баҳо дод [9]. Мавҷудияти бюрократияи самаранок, инчунин мустақилияти он моҳияти давлати тавонои замони муосирро нишон медиҳад. Заифии идораи институтҳои давлатӣ ва набудани назорати равандҳои иҷтимоӣ ва муташаккил набудани фаъолияти ниҳодҳои воҳидӣ, ки қонеъкунандаи талаботу манфиатҳои шаҳрвандон баромад менамоянд, мушоҳида мегардад. Мавҷудияти қобилияти таъмини манфиатҳо ва талаботи ҷомеа метавонад ба тавоноии давлат ва ба эътибори оммавӣ пайдо кардани он мусоидат намояд. Дар баробари ин, ҳолати мазкур ба монополияи соҳавии давлат замина мегузорад [7, с. 29].

Вобаста ба ин, ташкили ҳолати системанокӣ ва институтсионализатсияи ҳокимияти давлатиро метавон ба инобат гирифт. Тақсимоти функсионалии ҳокимият дар амалӣ намудани вазифаҳо ва салоҳиятҳои давлат шароити мусоид фароҳам меоварад. Функсияҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии давлат иҷроиши саривақтиро талаб менамояд.Сатҳи буҳронҳои навини мавҷуда, салоҳият ва масъулиятнокии давлатро дучанд мегардонад ва кӯшишҳои иловагиро дар амалияи сиёсӣ пеш мегузорад. Инқилоби илмию техникӣ на танҳо шароити зиндагии одамон ва сатҳи хизматрасонии соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро осон намуд, балки монеаҳои азимеро дар афкори ҷамъиятӣ ва дар ахлоқи инсонӣ ҳамчун маҳаки асосии муташаккилсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ мерос гузошт. Фазои виртуалии пур аз ахбори харобсозандаи андешаҳои худӣ, назорат ва ҳимояи таҳдидҳои мафкуравию идеологиро аз ҷониби давлатҳо ғайриимкон гардонидааст. Фазои виртуалӣ хусусиятҳое дорад, ки онро назорат карда намешавад, ё назорати ҳудудии фазои виртуалии давлатҳо имконнопазир аст [6, с. 32].

Назарияи давлати тавоноро метавон ба масъалаи самаранокии ҳокимият баробар донист, ки ба қонеъ намудани талаботу манфиатҳои одамон нигаронида шудааст [1, с. 22]. Агар масъалаи асосӣ, ки диққатро ба худ ҷалб месозад, ин моҳият ва хусусиятҳои давлати тавоно ва давлат дар маънои томаш қонеъкунандаи талаботу манфиатҳо бошад, пеш аз ҳама, бояд муайян кард, ки дар кадом сохтори амалкунанда вазифаҳо ва салоҳиятҳои давлат вуҷуд доранд ва дар кадом шакли фаъолият онҳо бояд ба роҳ монда шаванд.

Дар ин росто метавон чор ҷанбаи асосиро ба назар гирифт:

- тарҳрезии сохтори ташкилӣ ва идоракунӣ;
- таъсиси системаи сиёсӣ ва муташаккил сохтани кори институтҳои таркибии он;
- асосҳои қонунӣ ва амали самаранокӣ;
- омилҳои фарҳангӣ ва сохторӣ [10, с. 18].

Ҳамин тавр, давлат дар раванди инкишофи таърихӣ мазмун ва шакли махсуси худро соҳиб гаштааст. Дар таҳлилҳои назариявии масъалаи давлат ва парадигмаҳои давлатшиносӣ диққати асосӣ ба дарки моҳияти аслии давлат, ки дорои тавоноӣ ва сатҳи баланди хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад, равона гардидааст. Мо наметавонем фаҳми давлати тавоноро ба моҳияти давлати ҳуқуқӣ баробар созем, зеро ҳар яки он хусусиятҳои худро дорад. Доираҳои илмӣ, ки ба пажӯҳиши масъалаи давлат, моҳият ва хусусиятҳои он сару кор доранд, консепсияи давлати иҷтимоӣ ва давлати ҳуқуқиро нокифоя мешуморанд. Махсусиятҳои сарбастаи инкишофи равандҳо тарзи нави муносибатҳоро дар мавҷудияти давлатҳои муосир пеш мегузоранд. Консепсияи давлати тавоно ва тарзи муносибати илмӣ ба дарки моҳияти давлатҳои муосир шароит фароҳам меорад. Дар баробари ин, амалӣ намудани функсияҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва ба сифати институти мутамарказ баромад намудани тамоми шакли муносибатҳо ҳамчун унсури ягонаи иҷтимоӣ ба моҳияти асосии масъала наздик мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Анохин П.В. Концепция «сильного государства»: Исторический опыт и проблемы воплащения в условиях современной / П.В. Анохин. – М., 2003. – 332 с.
2. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсї / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2015. –Љ. 1. – 520 с.
3. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсї / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2015. Љ. 2. – 536 с.

4. Керимов А.Д. Некоторые проблемы теории сильного государства. - 2013. - № 3. [Захираи электронӣ] URL: http://e-notabene.ru/pr/article_560.html (санаи истифодабарӣ: 24.11.2017 с.)
5. Лурье С.Я. Демокрит. Тексты. Перевод. Исследования / Лурье С.Я. – Л., 1970. – 673 с.
6. Маҳмадов А.Н. Нақш ва мавқеи интернет дар сиёсат / А.Н. Маҳмадов, А.Ҷ. Ибодов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – 2014. – № 3/8 (150). – С.132.
7. Панарин А.С. Россия в циклах мировой истории / А.С. Панарин. – М.: Изд-во МГУ, 1999. – 288 с.
8. Стиглиц Дж.Ю. Ревущие девяностые. Семена развала / Дж.Ю. Стиглиц. – М.: Современная экономика и право, 2005. – 424 с.
9. Сильное государство» и «слабое государство» как выражение характера отношений государства и общества [электронный ресурс] URL: https://lib.sale/sotsiologiya-politiki-knigi/silnoegosudarstvo-slaboe-gosudarstvo-kak-62788.html (санаи истифодабарӣ: 28.08.2017 с.)
10. Фукуяма Ф. Сильное государство: Управление и мировой порядок в XXI веке / Ф.Фукуяма; пер. с англ. -М., 2006. – 220 с.

## ДАВЛАТИ ТАВОНО: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АСОСИИ ОН

Ду даҳсолаи охири асри XXI масъалаҳои мураккабтари инкишофи сиёсиро пеш гузоштанд. Дар бештаре аз кишварҳо, ҳам дар доираҳои илмӣ ва ҳам дар фаҳми оммавӣ дарки моҳияти аслии давлати пурзӯр ва тавоно аҳамиятнок гардидааст. Бештари мактабҳои илмӣ онро ҳамчун қобилияти кафолатдиҳандаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, фароҳам овардани шароити муносиб баҳри инкишофи озод ва ислоҳоти самаранок муайян менамоянд. Муаллифи мақола диққати асосиро ба масъалаҳои муҳимми ташаккули давлати тавонои муосир равона кардааст. Ҳолати инкишофи номутаносиби падида ва раванду ҳодисаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа водор ба дарк, омӯзиш ва муайян намудани масъалаи муҳимми илмию методологӣ ва сиёсию амалии давлати тавоноро мекунанд. Дарки моҳият ва хусусиятҳои давлати тавоно мақсади асосии муаллифро ташкил дода, ҳамзамон ба сатҳи амалишавии функсияҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат таваҷҷуҳи хосса равона гардидааст. Моҳияти аслии тадқиқоти мазкурро дарки ҳолати кунунии инкишофи муносибатҳо ва равандҳои сиёсӣ, тарзи нави муносибат ба падидаву зуҳуроти замони муосир ташкил медиҳад. Бо мураккабгардии ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва ба вуҷуд омадани тазодҳои мухталиф масъалаи давлати тавоно ҳамчун ягона институти бартарафкунанда, муташаккилсозанда, кафолатдиҳанда ва қонеъкунандаи талаботу манфиатҳои ҳаётии шаҳрвандон аҳамиятнок мегардад. Рушди босубот ва ҳолати мутаносиби инкишофи ҷомеа дар аснои ба вуҷуд омадани хатар ва таҳдидҳои замони муосир зери шубҳа қарор гирифтаанд. Меъёри асосиро тарзи дурусти муносибат ва таҳлили мушаххаси илмӣ ташкил додааст, ки хосияти объективӣ дорад. Хусусиятҳои масъулиятнокӣ, муташаккилсозӣ, ислоҳотпазирӣ, ҳимоякунандагӣ, танзимгарӣ, кафолатнокии давлат хосияти тавоноии онро метавонад ифода намояд. Пас, тафовути асосии давлати тавоно аз давлати нотавон вобаста ба сатҳи амалишавии функсияҳо, махсусан функсияҳои иҷтимоии давлат мебошад.

**Калидвожаҳо:** давлати тавоно, давлати иҷтимоӣ, давлати ҳуқуқӣ, тавоноӣ, самаранокӣ, захираҳои ҳокимият, бухрон, давлати авторитарӣ, институтҳои сиёсӣ.

## СИЛЬНОЕ ГОСУДАРСТВО: ПОНЯТИЕ И ЕГО ОСНОВНЫЕ ЧЕРТЫ

В последние два десятилетия XXI века в политическом развитии возникли сложные проблемы. Во многих странах, как в научных кругах, так и в общественном сознании, особенности сильного и могущественного государства определяется с точки зрения его возможности и способности защищать и гарантировать права и свободы человека и граждан, создавать условия для свободного развития всех сфер общественной жизни и реализовать эффективные реформы, имеющие важное политическое значение. В этой статье основное внимание автора уделяется ключевым аспектам формирования современного эффективного и сильного государства. Условие нестабильного развития явлений, процессов и событий политической жизни являются предпосылками дальнейшего изучения, а также почвой для оценки важных научно-методологических и политико-прикладных аспектов данной проблемы. Главной целью автора является понимание сущности и специфики сильного государства, и основное внимание уделяется рассмотрению уровня реализации социально-экономических функций государства. Именно эти свойства делают государственную структуру более сильной и эффективной. Суть исследовательской работы проявляется в изучении и осознании современных процессов, явлений и отношений, которые явно влияют на развитие сегодняшних государств. Со сложностями политической и социальной жизни и появлением множества парадоксов, важно подчеркнуть, что силу государства, как единственно важного института политической системы, можно определить по степени гарантированности и удовлетворенности всех граждан. Устойчивое развитие и благоприятное социальное развитие в обществе бросают вызов перед лицом чрезвычайных ситуаций и современных угроз. Главным критерием данного исследования являются корректные научно-методологические подходы, всесторонний анализ научных исследований, которые имеют объективную основу. Различия между сильным и слабым государством проявляется, прежде всего, в степени реализации функции, особенно социальных функций государства.

**Ключевые слова:** сильное государство, социальное государство, правовое государство, сила, эффективность, властьный потенциал, кризис, авторитарное государство, политические институты.

## STRONG STATE: CONCEPT AND ITS MAIN SPECIFICATIONS

In the last two decades of the twenty-first century, there were complex problems in political development. In many countries, both in science and in public understanding, the perception of the true state of a strong and powerful state, from

the point of view of most scientific schools, a strong state is the owner of the ability to protect and guarantee the rights and freedoms of man and citizens, create conditions for free development and effective reforms, are important.

This article focuses on the key aspects of the formation of a modern energy and strong state. The condition of unstable development of phenomena, processes and events of political life is to push to study and evaluate important scientific, methodological and political-applied problems that are of great importance. The main goal is to understand the nature and specificity of a strong state and focus on the level of implementation of socio-economic functions of the state that makes the state structure strong and efficient. The real significance of the current state of development of relations and political processes is a new approach to solving the problem of modern times. With the complexity of political and social life and the emergence of many paradoxes, it is therefore important to emphasize the strength of the state as a single institutional structure that will provide guarantor and meet the needs of citizens.

Sustainable development and favorable social development in society are challenging in the face of emergencies and contemporary threats. Asnovia element was the correct scientific - methodological paddles, analysis and scientific research that has an objective characteristic. Due to the fact that the differences between a strong state and a weak state are not at the level of authoritarian power, the differences between this position and the level of implementation of the function, especially the social functions of the state.

**Key words:** a strong state, a social state, a state of law, strength, effectiveness, imperious potential, a crisis, authoritarian state, political institutions.

**Сведения об авторе:** ***Кудратзода Фарзона Ахмад*** – Таджикский национальный университет, аспирант кафедры политологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.
Телефон: **(+992)907078668.** E-mail: f**arzona.qudratova@gmail.com**

**Information about the author:** ***Kudratzoda Farzona Ahmad***– Tajik National University, graduate student of the Department of Political Science. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17.
tel**.: (+992) 907078668.** E-mail: **farzona.qudratova@gmail.com**

**УДК: 327.009; 339.9**

# СОТРУДНИЧЕСТВО РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКИ ИНДИЯ НА СОВРЕМЕННОМ ЭТАПЕ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР БОРЬБЫ С ТЕРРОРИЗМОМ И УКРЕПЛЕНИЯ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕГИОНЕ

***Саидов С.Б.***
**Российско-Таджикский (Славянский) университет**

В конце XX-XXI вв. мир стал свидетелем важных исторических событий. Советский Союз в результате внутренних и внешних факторов распался. На руинах Советского Союза появились новые независимые государства, среди которых появилась Республика Таджикистан 9 сентября 1991 года. На 12 сессии Верховного Совета была принята Декларация «о государственной независимости», и Республика Таджикистан приобрела независимость. Республика Таджикистан стала полноправным членом мирового сообщества. Образование новых независимых государств было воспринято международным сообществом положительно. Зарубежные страны признали Республику Таджикистан в качестве независимой страны. 2 марта 1992 года Республика Таджикистан вступила в ООН, впоследствии стала членом иных действующих международных организаций.

Внешняя политика Республики Таджикистан является продолжением ее внутренней политики, которая направлена на создание благоприятной внешней обстановки для развития и укрепления национальной государственности, экономического роста, науки и культуры.

